**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 891.550+891.55+891**
**ТКБ: 83.3 (2 тоҷик)**
**С - 16**

**Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём**

# Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филология,
Муҳаммадиев Ш.

ДУШАНБЕ – 2024

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима........................................................................................ 3**

**Боби I. Марҳалаҳои пайдоиш ва тамоюлҳои инкишофи айнишиносӣ дар Тоҷикистон.............................................................................................. 13**

I.1. Ҷусторҳо дар шинохт ва арзёбии зиндагинома ва осори Айнӣ (аз солҳои бист то шастуми садаи гузашта)..................................................... 14

I. 2. Марҳалаи дувуми равиши инкишофи айнишиносӣ (аз солҳои ҳафтодум то навадум)......................................................................................... 40

I. 3. Айнишиносӣ дар давраи Истиқлол........................................... 61

**Боби II. Шинохт ва баррасии пажӯҳишҳо дар заминаи омӯзиши сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори Айнӣ......................................... 78**

II. 1. Таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори нависанда..78

II. 2. Баррасии ҷустуҷӯҳои бадеии Айнӣ дар айнишиносӣ.................. 89

**Боби III. Омӯзиши фаъолияти илмии Айнӣ......................................... 109**

III. 1. Арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ............................. 109

III. 2. Накд ва арзёбии ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар илми забоншиносӣ..... 127

III. 3. Пажӯҳишҳо дар боби осори таърихии нависанда................... 139

Хулоса..........................................................................................152
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ.................... 157
Китобнома..................................................................................... 159

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.**Садриддин Саидмуродзода Айнӣ дар таърихи халқи тоҷик дар шумори бузургтарин суханвароне шинохта шудааст, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва адабию фарҳангии халқи худ табаддулоте ба амал овардааст. Зуҳури ӯро донишмандон на фақат барои тоҷикон, балки барои адабиёти ҷаҳонӣ "падидаи ҷомеъи ҷамъиятию таърихӣ ва фарҳангӣ" [127, 284] ба шумор овардаанд.

Айнӣ аз зумраи шахсиятҳое буд, ки ҳамчун фарзанди бузурги замони худ эҳтиёҷоти маънавии ҷомеъаро амиқ дарк карда, бо фаъолияти адабиву ҷамъиятӣ ва навовариҳои худ саҳифаи тозаеро дар таърихи адабу фарҳанги тоҷик вазъ намуд. Ба қавли М. Шакурӣ (М. Шукуров) Айнӣ "ба адабиёти халқи худ дигаргунии куллӣ дохил намуд, чунин тағйироте даровард, ки ба беху бунёди адабиёт дахл дошт, принсипҳои асосии тасвири инсон ва зиндагиро дигар кард. Вай асосгузори адабиёти"[191, 5] навини тоҷикӣ эътироф гардид.

Устод Айнӣ ба василаи ҳунари хос ва беназири нависандагӣ, шеваи тозаи нигориш, равиши бесобиқаи мазмунбандиву маънисозӣ ва тасвирпардозии вуқуъгароёна соҳиби чунин ҷойгоҳи баланд гардида, мақоми ҳунариаш ба ҷое расид, ки дар адабиёт тарзи хоси сухангустарии айниёна ё ба қавли дигар "мактаби Айнӣ" ба вуҷуд омад ва чеҳраи соҳибашро ҷовидона кард.

Ҳамин ҳодисаи муҳимми адабӣ боис гардид, ки дар таърихи адабиёти тоҷик соҳаи мустақили айнишиносӣ ба вуҷуд ояд ва мустақиман ба таҳқиқ ва арзёбии замон, рӯзгор ва хусусиятҳои мундариҷавию сохтории осори нависанда пардозад. Айнишиносӣ, ба қавли И. С. Брагинский "истилоҳи хосест, ки вазъи воқеии омӯзиши ҳаматарафаи ҳаёт ва осори Садриддин Айниро тақрибан аз соли 1935 ба ин тараф дақиқ ифода мекунад" [127, 284]. Ҷуғрофиёи ин соҳаи адабиётшиносӣ васеъ буда, шуравии собиқ ва

кишварҳои Аврупову Осиёро низ дар бар мегирад, ки дар тули солҳо натиҷаҳои муҳимме ба бор овардааст.

Агар мақолаи Абулқосим Лоҳутӣ “Садриддин Айнӣ” ва нахустин таълифотҳои баҳсбарангез, аз ҷумла мақолаҳои Нарзуллоҳи Бектош, Баҳриддин Азизӣ ва Ҷалол Икромиро доир ба фаъолияти эҷодии Айнӣ ба эътибор гирем, айнишиносӣ дар Тоҷикистон аз солҳои бистуми садаи гузашта шуруъ шуда, то ба имрӯз идома дорад. Аз солҳои сиюми садаи бист, бахусус ҳангоми таҷлили 30-солагии фаъолияти эҷодии Айнӣ марҳалаи нав ва босамари шинохт ва арзёбии ҳаёт ва осори ӯ шуруъ мегардад, ки моҳиятан зинаи нави такомули айнишиносӣ мебошад.

Яке аз омилҳои асосии ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи зеҳнии мардум ва аҳли илм ба мавқеи иҷтимоиву ҳунарии Айнӣ дар ҷомеъа ва консепсияи хоси иҷтимоиву адабии нависанда дар фарогирии воқеиятҳои иҷтимоии замон дар осори бадеӣ мебошад. Дар ин равиш дастовардҳои донишмандони тоҷик айнишиносии тоҷикро ғанӣ сохта, ба сатҳи баландтаре бардошт. Ҳамчунин дар роҳи табъу нашр ва арзёбии паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва осори Айнӣ корҳои қобили мулоҳизае анҷом гирифт, ки аз бисёр ҷиҳат арзишманд буда, мутаассифона, то ба имрӯз дар алоқамандӣ бо марҳалаҳои инкишофи ин соҳа омӯхта ва баррасӣ нашудааст.

Солҳои ҳафтодуму ҳаштодум, навадуми садаи бист ва замони истиқлолро метавон марҳалаи нав ва пурмаҳсули айнишиносӣ унвон кард. Дар ин давраи инкишофи айнишиносӣ, бахусус ҷустуҷӯҳои илмии М. Шакурӣ, И. Брагинский, А. Сайфуллоев, Ю. Бобоев, А. Маниёзов, Х. Мирзозода, Х. Шарифов, С. Амирқулов, А. Кӯчаров, Х. Асозода, А. Набавӣ, А. Маҳмадаминов ва дигарон қобили мулоҳиза буда, вежагиҳо ва афзалиятҳои зинаҳои инкишофи айнишиносии тоҷикро мушаххас месозанд. Тамоюлҳои навназарӣ дар шинохти рӯзгор ва сарнавишти ҳунарии Айнӣ ва кашфи дақиқи чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ӯ аз дастовардҳои тозаи минбаъдаи муҳаққиқони рӯзгор ва осори нависанда

мебошад. Ба ин далел, айнишиносӣ дар Тоҷикистон марҳилаҳо, равишҳо ва хусусиятҳои хос дошта, таърихи он ҳанӯз ба таври марҳалавӣ омӯхта нашудааст. Беш аз ин, айнишиносии тоҷик дар тули замон хусусияти хоси ташаккул ва таҳаввулро тай карда, маводи дар ин замина мавҷудбуда ба омӯзиш ва арзёбии ҷомеъ ниёз дорад, ки далели мубрамии мавзуи таҳқиқи рисолавӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Мавзуи мазкур ҳанӯз ба таври алоҳида таҳқиқ ва арзёбӣ нашуда бошад ҳам, дар баъзе таҳқиқотҳое, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ анҷом гирифтаанд, доир ба ҳадаф ва равишҳои ҷустуҷӯҳои муҳаққиқон ва саҳми ин ё он донишманд дар шинохт ва баррасии баъзе масоили рӯзгор ва осори нависанда иҷмолан ишора шудааст. Дар ин гуна таҳқиқотҳо вобаста ба мавзуи пажӯҳиш донишмандони соҳа дар бораи баъзе мақолаҳо ё гузоришҳое, ки дар бораи Айнӣ ва осори ӯ навишта шудаанд, изҳори назар карда, паҳлуҳои мусбат ва манфии онро ба муҳокима кашидаанд, ки ҳамчун таҷрибаи омӯзиши ҳаёт ва осори нависанда аз аҳаммият холӣ нест.

Ин таърих бо мақолаҳои Абулқосим Лоҳутӣ “Садриддин Айнӣ” (1926), Қорӣ Очилӣ “Муваффаққияти бузурге дар майдони адабиёт” (1927) ва Саид Нафисӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” (1927) доир ба “Намунаи адабиёти тоҷик” шуруъ шуда, бо баҳсу мунозираҳои тезу тунд ва гоҳе ғайривоқеии Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, Н. Бектош, Ғ. Ализода ва баъзе муаллифони дигар дар солҳои бистуми садаи гузашта идома ёфтааст, ки дар мавридаш ба нақди онҳо хоҳем пардохт.

Аз солҳои сивум ба баъд доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Айнӣ баъзе таҳқиқотҳое ба майдон омаданд, ки дар шинохт ва арзёбии рӯзгор ва осори Айнӣ ҳарфи бодалел ва ҳақшиносона буда, марҳалаи нави айнишиносиро оғоз ниҳоданд. Дар ин замина метавон аз мақолаҳои К. Д. Обдинуф “Садриддин Айнӣ” (1936), Р. Ҳошим “Пире, ки ҷавон шудааст” (1937), И. Брагинский “Садриддин Айнӣ “Материалы к биографии и творческой

характеристике” (1948), Ю. Бобоев “Жанри таърихӣ ва романи “Ғуломон” (1948), Р. Ҳодизода “Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик” (1950), З. Ш. Раджабов “Садриддин Айнӣ-историк таджикского народа” (1951), С. Табаров “Нависанда ва олим” (1951), М. Турсунзода “Садриддин Айнӣ” (1953), А. Маниёзов “Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ” (1918-1941)-(1058), А. Сайфуллоев “Образи қаҳрамони мусбати мубориз дар романҳои устод Садриддин Айнӣ” (1960), “Мактаби Айнӣ”(1978), М. Шукуров “Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод С. Айнӣ” (1966), “Садриддин Айнӣ” (1978), Ҷ. Бақозода “Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар солҳои бистум” (1978), Х. Асозода “Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад буд” (2013), А. Набавӣ “Мушкилаҳои навназарӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ” (2008), А. Маҳмадаминов “Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ” (1998), “Айнишиносӣ ва замони ҳозира” (2005), А. Кӯчаров “Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик” (1994) ва таълифоти зиёди дигар ёд кард, ки дар онҳо арзёбиҳои мухтасар ё ишораҳое оид ба андешаи ин ё он муҳаққиқ оид ба рӯзгор ва осори устод Айнӣ дида мешавад.

Мурур ба таърихи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки фаъолияти айнишиносон ва осори илмии дар ин замина таълифшуда ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Он чи ки то имрӯз анҷом гирифта маҳдуд буда, баъзеи он фақат ҳамчун таҷрибаи таҳқиқ метавонад мавриди назар бошад. Бинобар ин, муқоиса нишон дод, ки таълифоти то ин замон дар ин боб анҷомгирифта тарзу тариқ ва равишҳои усулии айнишиносии тоҷикро фаро намегирад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқ ва арзёбии ҷомеъ ва ҳаматарафаи айнишиносии тоҷик ва ҷустуҷӯҳои муҳимми муҳаққиқони соҳаро аз солҳои бисти садаи гузашта то имрӯз ба миён мегузорад, ки дар шинохти моҳияти масъала муҳим ба назар мерасад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ пайванди қавӣ дорад. Натиҷаҳои

таҳқиқ ва арзёбиҳои илмӣ метавонад дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимиву омӯзишӣ ёрӣ расонад. Мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмиву таҳқиқии лоиҳаи илмии шуъбаи адабиёти муосир анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи рисола таҳқиқ ва арзёбии марҳалаҳо ва равишҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо назардошти моҳият ва вусъати доираи омӯзиши мавзуъ, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад, муаллиф вазифаҳои мушаххаси зайлро дар рисола ҳаллу фасл намуд:

- муайян намудани вазъи омӯзиш ва арзёбии рӯзгор ва осори Айнӣ дар Тоҷикистон;
- шинохти марҳалаҳои таҳқиқи осори Айнӣ ва хусусиятҳои он;
- раванди инкишофи айнишиносӣ дар солҳои бист ва баъди он;
- шинохт ва баррасии пажӯҳишҳо дар заминаи омӯзиши сохтори мундариҷавӣ ва ғоявию ҳунарии осори Айнӣ;
- мушаххас намудани дидгоҳҳои муҳаққиқон оид ба фаъолияти илмии Айнӣ;
- назари донишмандон дар бораи афкори адабӣ ва танқидии нависанда;
- арзёбии дидгоҳҳои муҳақиқон оид ба осори таърихӣ ва забоншиносии Айнӣ;
- мушаххас намудани паҳлуҳои мусбат ва манфии айнишиносӣ дар марҳалаҳои гуногун;
- муайян намудани нақши айнишиносон дар таъйиди ҷойгоҳи ҳунарии Айнӣ.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти асосии таҳқиқи диссертатсия таҳқиқ ва арзёбии афкори муҳаққиқон доир ба рӯзгор ва осори Айнӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқи диссертатсия ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон аст.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назарии диссертатсия ба дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди М. М. Бахтин, Ю. Л. Лотман, Д. С. Лихачёв, В. Жирмунский, Н. И. Конрад, И. С. Брагинский, И. Г. Неупокоева, М. Шакурӣ, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. Набавӣ ва дигарон бунёд ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методи муқоисавию таърихӣ ва таҳлили таърихию типологӣ таълиф шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаи асосии диссертатсия осори таҳқиқии адабиётшиносони тоҷик мебошад, ки дар фосилаҳои гуногуни замонӣ таълиф ва нашр шудаанд. Ҳамчунин осори адабию илмии Айнӣ ва муосирони ӯ, ёддоштҳо, таҳқиқотҳо оид ба таърихи адабиёти тоҷик, тазкираҳо, сарчашмаҳои таърихӣ, қомусҳои соҳавӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгониҳои илмии диссертатсия дар нукоти зерин зоҳир шудаанд:

- дар рисола бори аввал марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносиитоҷик ба таври густурда таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст;
- дар заминаи таҷрибаи донишмандони тоҷик моҳият ва равишҳои мусбат ва манфии айнишиносӣ дар Тоҷикистон муайян гардидааст;
- дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки масъалаҳои мавриди назар водор намуд, ки тарзи ҳаллу фасли масъалаҳои рӯзгор ва осори Айниро бо назардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни инкишофи адабиётшиносии навин таҳлилу арзёбӣ ва мушаххас намоем;

- дар заминаи тадқиқотҳои анҷомгирифта хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва бадеии осори нависанда ба таври густурда баррасӣ шудааст;

- дар рисола дастовардҳои адабиётшиносони тоҷик оид ба масоили баҳсноки рӯзгор ва осори Айнӣ ба таври мушаххас таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

Нуктаҳои меҳварии зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Айнишиносӣ дар Тоҷикистон ҳамчун яке аз қисматҳои муҳимми адабиётшиносӣ ҷараён ва равишҳои усулии афкори адабӣ ва илмиро муайян карда, барои шинохти воқеии рӯзгор ва осори Айнӣ заминаи устувори илмиро ба вуҷуд овард. Дар ин замина масъалаҳо ва хусусиятҳои инкишофи афкори адабӣ дар шинохти марҳалаҳо ва тамоюлҳои равиши инкишофи айнишиносӣ арзиши бунёдӣ дорад.

2. Муҳаққиқони тоҷик дар шинохт ва арзёбии рӯзгор ва осори Айнӣ равиши таърихиву муқоисавиро асос қарор дода, саҳифаҳои муҳим ва мушаххаси рӯзгор ва арзиши бадеиву зебоишиносии осори нависандаро муайян намудаанд.

3. Ҷустуҷӯҳои бунёдии айнишиносони тоҷик ба усулҳои пешрафтаи илмиву назарӣ ва илмиву таҷрибавии таҳқиқ ва шинохти замони зиндагӣ, муҳити сиёсиву иҷтимоӣ, адабию фарҳангӣ ва тамоюлҳои хоси фикрию ақидатӣ (идеологӣ) асос ёфта, заминаи воқеиро барои дақиқ шинохтани чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии нависанда ба вуҷуд овардааст.

4. Таърихи айнишиносии амалӣ дар Тоҷикистон аз мақолаи Абулқосим Лоҳутӣ “Садриддин Айнӣ” оғоз ёфта, чанд марҳаларо дар бар мегирад, ки ҳар кадоме хусусиятҳои хоси инкишофи худро дорад. Ҷараёни

таҳқиқи рӯзгор ва осори Айнӣ дар ҳамаи марҳалаҳо мутаносибан бо таҳлил ва нашри осори Айнӣ идома ёфта, хусусиятҳои хоси худро дорад.

5. Марҳалаи аввали айнишиносӣ аз охири солҳои бисти садаи гузашта оғоз ёфта, то солҳои шастуми ҳамон аср идома ёфтааст. Тадқиқоти ҷиддии дар ин марҳала анҷом ёфта, ки айнишиносиро зери таъсири худ қарор додааст, осори илмии муҳаққиқоне мисли К. Д. Амдинуф, Р. Ҳошим, И. С. Брагинский, Ю. Бобоев, З. Ш. Раҷабов, С. Табаров, А. Маниёзов, А. Сайфуллоев, М. Шукуров ва баъзеи дигар мебошад.

6. Ташаккул ва таҳаввули марҳалаи баъдии айнишиносӣ, ки аз солҳои шастуми садаи гузашта то имрӯзро дар бар мегирад, ба номи муҳақиқоне мисли М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, С. Табаров, Х. Шарифов, С. Амирқулов, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ, Х. Асозода, А. Маҳмадаминов, А. Кӯчаров ва дигарон рабт дошта, навназарии моҳиятҷӯёна хусусиятҳои хоси таҳқиқоти ин донишмандонро дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Айнӣ муайян ва аз марҳалаи аввал фарқ мекунонад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Дарки асосҳои илмӣ ва хусусиятҳои хоси ҷараёни инкишофи айнишиносӣ дар Тоҷикистон арзишҳои назарии рисолаи таҳқиқотиро муайян мекунад. Ба ин далел, осори илмии аз охири асри бист то рӯзҳои мо доир ба рӯзгор ва осори Айнӣ таълифшуда таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонуниятҳои назарии масъалаи дармиёнбуда муайян ва мушаххас карда шуд. Аз ин ҷиҳат таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта донишҳои назариро оиди масъалаи мавриди назар такмил мебахшад.

Дар рисола маводи фаровони адабиётшиносӣ гирд омадааст, ки онро метавон барои таълифи таърихи адабиёти тоҷик истифода кард. Ҳамчунин натиҷаҳои пажӯҳишро барои таҳқиқотҳои минбаъда оид ба айнишиносӣ, таҳия ва нашри матни интиқодии осори нависанда, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, суханрониҳо аз боби масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти типологӣ оид ба рӯзгор ва осори Айнӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳҳои олӣ ба кор бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсися дар мавзуи “Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва арзёбии амиқи масъалаи ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон ҷамъоварии маводи фаровони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, омӯзиши назарияҳои донишмандони соҳа оид ба тадқиқоти типологӣ ва корбасти таҷрибаҳои муфид дар ин замина, муайян кардани хусусиятҳои усулии равишҳои пажӯҳишӣ дар айнишиносии тоҷик, омода намудани мақолаву маърузаҳо ва нашри рисола доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи заҳмати чандсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар баромад ва маърузаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла конференсияҳои ҷумҳуриявӣ аз ҷумла дар мавзуи “Нигоҳе ба таҳқиқи фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ” дар конференсияи илмӣ –амалӣ бахшида ба “Ҳафтаи илм” дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 02-16 апрели 2024, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Мақоми Соҳиб Табаров дар нақд ва адабиётшиносии тоҷик” ба муносибати 100-солагии мунаққиду адабиётшинос Соҳиб Табаров 19.11.2024 ва маҳфилу конференсияҳои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, автореферат, рисола ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи адабиёти муосир аз таърихи 17.07.2024, суратмаҷлиси № 11 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 173 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

## БОБИ I. МАРҲАЛАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАМОЮЛҲОИ ИНКИШОФИ АЙНИШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Айнишиносӣ ҳодисаи гуногунпаҳлу буда, омӯзиш ва таҳқиқи замони пайдоиш, марҳалаҳо, равишҳо, тамоюлҳои инкишоф, ҷанбаъҳо, хусусияти мундариҷавию ҳунарӣ, сиёсию фарҳангӣ ва замонии он дар шинохти моҳияти раванди ташаккулу таҳаввули ин соҳа муҳим ба назар мерасад. Садриддин Айнӣ пеш аз инқилоби Октябр чун шоир мақом пайдо карда буд. Ба ин далел, аксари тазкиранигорони охири садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист, аз ҷумла “Тазкираи шуарои мутаахххирини Бухоро”-и Абдуллохоҷа, “Афзал-ут-тазкор”-и Афзал Махдуми Пирмастӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Муҳтарам Қорӣ Неъматуллоҳ, “Тазкори ашъор” ва “Наводири Зиёия”-и Садри Зиё, “Тазкираи Возеҳ”, “Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб”-и Салим Мирзо Салимбек аз ӯ чун шоир ёд кардаанд. Аз ҷумла Садри Зиё ҳунари шоирии ӯро чунин ситоиш кардааст:

Ба мулки сухан Айнии хушбаён,
Чу шамъ аст урёну равшанравон.
Ба назму ба насри сухан довар аст,
Зи насраш,вале назми ӯ хуштар аст.
Ғазалҳои ширини ӯ дилнишин,
Сазад гар ба табъаш кунӣ офарин.
Вафокеш мардум бидидам басе,
Чу Айниву Мунзим надидам касе.
Тавон гуфт Айнист як чашми ман,
Дигар чашм Мунзим дар ин анҷуман [74, 126].

Он чи дар тазкираҳои зикршуда, аз ҷумла тазкираи Садри Зиё омадааст, аввалин накд ва арзёбӣ дар бораи аҳвол ва осори Садриддин Айнӣ мебошад. Вале баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла И. С. Брагинский замони пайдоиши айнишиносиро “тақрибан соли 1935” дониста, рӯзҳои таҷлили

“30-солагии фаъолияти эҷодии” устод Айниро оғози ин марҳала ба шумор овардааст [127, 284], ки ба воқеият рост намеояд.

Дар асл, ба назари мо, марҳалаи аввали айнишиносӣ бо нашри мақолаҳои Абулқосим Лоҳутӣ “Садридин Айнӣ” (1926), Қорӣ Очилӣ “Муваффақияти бузурге дар майдони адабиёт” (1927), Баҳриддин Азизӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” (1927), Ҷалол Икромӣ “Назаре ба “Намунаи адабиёти тоҷик” (1927), Раҳим Ҳошим “Якумин қиссаи инқилобии тоҷик” (1928), “Пире, ки ҷавон шуд” (1928), Л. Славин “Одина” повести тоҷикӣ” (1928), Н. Бектош “Садридин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ” (1933), С. Улуғзода “Аз дафтари ёддоштҳои ман” (1935) ва ғайра оғоз ёфта, минбаъд бо баҳсу мунозираҳо дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик” ва таълифоти дигар оид ба ҳаёт ва осори устод Айнӣ идома пайдо кардааст, ки пеш аз ҳама равишҳо ва тамоюлҳои гуногуни шинохти ҳаёт ва осори нависандаро ифода мекунанд. Ба ин далел, бо мақсади саҳеҳ шинохтани хусусиятҳои инкишофи айнишиносӣ мо дар ин боб ин равандро ба се марҳала тақсим карда, ҳар кадомеро ба алоҳидагӣ таҳлил ва баррасӣ намудем.

## I. 1. Ҷусторҳо дар шинохт ва арзёбии зиндагинома ва осори Садриддин Айнӣ (аз солҳои бистум то шастуми садаи гузашта)

Марҳалаи аввали ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон аз нимаи дувуми солҳои бистум оғоз ёфта, то охири солҳои шастуми садаи бист идома ёфтааст. Ин марҳала бо хусусиятҳои хоси равиши инкишоф, фарозу фуруд ва гароишҳои ҳунариву ақидатӣ аз давраҳои баъдӣ тафовути ҷиддӣ дошта, зери таъсири сиёсати ҳизбу давлати шуравӣ дар соҳаи адабиёту фарҳанг, аз ҷумла нақди мафкуравӣ ва илмии иҷтимоъгаро шакл гирифтааст. Бо вуҷуди баъзе паҳлуҳои манфиаш, ин давра дар шинохт ва арзёбии ҳаёту осор ва нақши Айнӣ дар инкишофи адабиёти навини тоҷикӣ муҳим ва таъсиргузор мебошад.

Айнишиносӣ дар Тоҷикистон бо баҳсҳо дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик” ва повести “Одина”-ву романи “Дохунда”-и устод Айнӣ оғоз ёфта, аввалин иттилоъро дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик” ҳанӯз қабл аз нашри он таҳти унвони “Ба ошиқони адабиёти тоҷик” худи устод Айнӣ дар рӯзномаи “Овози тоҷик” (2-уми марти соли 1925) ба шакли “мақолаи хурд” нашр кардааст ва дар бораи эҷоди ин тазкираро ба зиммаи ӯ гузоштани “ҳукумати республикаи ҷавони Тоҷикистон” хабар дода будааст [171, 17]. Баъдтар ҳамин нашрия мақолаи “Ба дӯстдорони адабиёти тоҷик”-ро дарҷ карда, ба қавли А. Маҳмадаминов “падид омадани ин асарро чун рухдоде дорои аҳаммияти бузурги фарҳангӣ” [103, 41] ба шумор меоварад. Баъди ба чоп расидани “Намунаи адабиёти тоҷик” низ ин рӯзнома хабари муфассалеро бо номи “Дер намонед, шитобед!” чоп карда, аввалин бор доир ба хусусияти тазкираи устод Айнӣ, дар он дарҷ шудани “намунаи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик” ва “аз адабиёти кӯҳнаву нав ва адабиёти инқилобӣ хеле порчаҳои қиматбаҳо интихоб” [Овози тоҷик.-1927. – жонвия, шумораи 128]  шудан хонандаро огоҳ месозад.

Вале мақолаи Абулқосим Лоҳутӣ таҳти унвони “Садриддин Айнӣ” аввалин иқдом дар таҳқиқ ва арзёбии аҳвол ва осори Айнӣ буда, муаллифи он на фақат ба ҷустуҷӯҳои илмӣ дар ин соҳа оғоз бахшид, балки бори аввал хидмати таърихии Айнӣ ва моҳияти илмиву адабӣ ва фарҳангии “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро барои доираи васеи хонандагон муайян ва мушаххас намуд. Мақола ҷузъиёте аз аҳволи Айнӣ ва робитаи шоири инқилобӣ бо ӯро низ дар бар мегирад, ки ҳарфи тоза ва аввалин дар шинохти чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии нависандаи бузург мебошад.

Абулқосим Лоҳутӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро “беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикон” увон карда, меафзояд, ки “Устод Айнӣ барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хатии шоирони тоҷик, басо рӯзҳо, ки дар ба дару кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфта ва ба даст оварда ва дар натиҷа заминаи ҳозире барои танқид ва таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуда”

[11, 2]. Ба қавли М. Маҳмадаминов мақолаи А. Лоҳутӣ “аз нигоҳи арзиши илмӣ яке аз нахустину муҳимтарин таҳқиқот дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик”[103, 42] буда, ба равиши минбаъдаи инкишофи айнишиносӣ бетаъсир набудааст.

Қорӣ Очилӣ баъд аз Абулқосим Лоҳутӣ нафари дигарест, ки дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик” сухан кардааст. Вай дар мақолаи “Муваффақияти бузурге дар майдони адабиёт”, ки аз номи Кумитаи миллии тоҷикони Донишгоҳи коммунистии Осиёи Миёна нашр шудааст, нахуст аз моҳияти таълимӣ ва омӯзишии “Намунаи адабиёти тоҷик” ёд карда, сипас арзиш ва таъсири онро ба муҳити адабию фарҳангии тоҷикон ва равнақи илму адаби тоҷикӣ бозгӯ ва муайян менамояд. Муаллифи мақола аз ҷумла менависад, ки “тоҷикон... хабари баромадани адабиёти тоҷикро шунида дар ҳол барои гирифтани он ҳаракат карданд. Хусусан онҳое, ки қудрати харидан надоштанд, ба ҳаваси он афтода, баъзе асбобҳои худро фурӯхта, ҳар кадоме аз онҳо аз ин адабиёт хариданд. Талабагони тоҷик баъд аз харидани китоб аз шоирону адабиёти худ хеле огоҳ гардида, истифодаи зиёде бурданд.

Барои ин мо тоҷикони дорулфунуни Осиёи Миёна ба эҷодкунанда, хусусан ба ҷамъкунандаи ин намунаи адабиёт рафиқ Садриддин Айнӣ саломи талабагиро фиристода, хурсандии худро изҳор менамоем ва орзумандем, ки соҳибқаламони сурхи тоҷик кӯшиш намуда, адабиёти ақибмондаи миллати тоҷикро ба майдон бароваранд” [120].

Нахустин тақризи муфассал ва пурмуҳтаворо ба “Намунаи адабиёти тоҷик” донишманди эронӣ Саъид Нафисӣ навишта хонандагонро аз мазмун ва моҳияти илмию адабии ин асари устод Айнӣ хабардор менамояд. Аз ҷумла, Саъид Нафисӣ “арзиши аз ҳама баланди китоби тақризшавандаро” дар он дидааст, ки хонандаро “бо иддаи зиёди шуарои муосири туркистонӣ шинос мекунад”. Ин донишманд таъкид менамояд, ки “барои ҳар касе, ки дар адабиёти порсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад ва ба ҳар эронӣ низ фарз аст, ки лоақал як

бор ин китоби нафисро, ки азизтарин раҳоварди” [130] устод Айнист, бихонад.

Айнишиносии тоҷик дар ибтидои пайдоиш ва ташаккул тобеи усулҳои методологӣ ва назарии адабиётшиносии шуравӣ буд ва дар тобеият ба сиёсати идеологии ҳизби ҳоким ба ҳаёт ва эҷодиёти адибон баҳо медод. Аз солҳои бистум то солҳои шаст, ба мушоҳидаи С. Табаров айнишиносон зери таъсири “назарияи сотсиологизми вулгарӣ” [161, 74] ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ин ё он адиб, пеш аз ҳама, алоқамандии ҷаҳонбинии ӯро ба муҳити иҷтимоӣ ба эътибор мегирифтанд ва ба он баҳо медоданд. Илова ба ин, “идеологияи зебоишиносии пролетариат” меъёри асосии арзёбии осори ҳунарӣ қарор гирифта, фақат “ду ҳақиқат-реалӣ ва идеалӣ”-ро [50, 302-303] боэътибор шинохта буд, ки аксаран айнишиносонро аз масири ҳақшиносиву ҳақгӯӣ берун мебурд. Ҳамин воқеияти ҳаёти адабӣ дар солҳои бистуми садаи гузашта омили аслии пайдоиш ва ривоҷи дидгоҳҳои муғризона ва гоҳе сирф ақидатии манфӣ оид ба осори Айнӣ низ гардид, ки намунаи он арзёбиҳои мафкуравӣ ва илмии иҷтимоъгарои “Намунаи адабиёти тоҷик”, повести “Одина”, романи “Дохунда” ва рисолаи “Мирзо Абдулқодири Бедил” аз тарафи Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, Н. Бектош, С. Ш. Муллоҷонов ва дигарон мебошад.

Дар бораи нақди муғризонаи Б. Азизӣ оид ба “Намунаи адабиёти тоҷик” муҳаққиқоне чун Р. Ҳодизода, А. Маҳмадаминов, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ ва дигарон баъзе мулоҳизаҳои худро баён доштаанд, вале дар таълифоти онҳо омилҳои пайдоиш ва моҳияти усулии бархӯрди иҷтимоъгароёна ва ақидатии Б. Азизӣ ва баъзе муаллифони дигар нисбат ба ин асари устод Айнӣ ба таври мушаххас таҳлил ва баҳогузорӣ нашудааст.

Суоли матраҳ ин аст, ки чаро баъди аз чоп баромадани “Намунаи адабиёти тоҷик” маҳз бо ташаббуси бевоситаи раҳбари ҳизби коммунисти Ӯзбекистон Акмал Икромов амри сӯзондани ин китоб аз тарафи узви олирутбаи сиёсии шуравӣ, дабири аввали рӯзномаи “Правда” Бухарин

содир шуд?! Аксари муҳаққиқоне, ки дар атрофи ин мавзуъ андешаронӣ кардаанд, омили аслии ин ҳодисаи шанеъро гароиши туркпарастона ва тобеият ба идеологияи пантуркизм маънидод кардаанд, вале дастбакорони аслии онро ном набурдаанд. Мутаассифона, онҳое, ки ба сӯхтани ин асар бевосита мусоидат ва ба чопи такрории он монеъаҳо эҷод кардаанд, баъзе рӯшанфикрони тоҷик-дастёрони идеологии пантуркистҳо буданд, ки ба қавли Камол Айнӣ "ноҷавонмардона даст ба тавтеа ва ҳила заданд ва назари бадбинонаи худро ба Маскав эълом намуданд" [11, 23].

Тақризҳои Баҳриддин Азизӣ ва Ҷалол Икромӣ, ки аввалӣ дар рӯзномаи "Овози тоҷик" ва дигарӣ дар маҷаллаи "Раҳбари дониш" ба чоп расида буд, ҳамин гуна хусусият доштанд. А. Маҳмадаминов "зери таъсири пантуркизм, пиндоштҳои РАППгароёну сотсиализми вулгар" [103, 44] ба вуҷуд омадани тақризи Б. Азизӣ ба "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро таъкид карда, меафзояд, ки "Б. Азизӣ аз арзиши илмӣ, адабӣ, эстетикӣ ва таърихии "Намунаи адабиёти тоҷик" чашм пӯшида", бо зикри "камиву хато", "хатову нуқсонот" муаллифро "ҳадафи тири танқид қарор додааст" [103, 44]. Сипас ин адабиётшинос дар такя ба посухи Айнӣ, ки бо номи "Ҷавоб ё ин ки мусоҳаба-фелетун" дар рӯзномаи "Овози оҷик" (20-уми марти соли 1927) ба чоп расидааст, андешаҳои муғризонаи Б. Азизиро, ки аксаран ба усули таълифи "Намуна...", мундариҷоти он, нуқсонҳои идеологӣ ва монанди инҳо марбут мешавад, баррасӣ ва баъзе камбудиҳои онро нишон додааст, ки муҳим ва арзишманд мебошад.

Нақди Б. Азизиро дар заминаи ин тақриз ба тариқи зер метавон дастабандӣ кард:

а) нақди сирф ақидатӣ (идеологӣ);

б) нақди мундариҷавӣ, ки низ дар аксар маврид тобеи сотсиологизми вулгар аст;

в) нақди имлоӣ, ки бо айби виросторон ё сарчашмаҳо рух додааст.

Яке аз камбудиҳои асосие, ки Б. Азизӣ, ба фаҳмиши худаш, аз китоби Айнӣ дарёфтааст, ҳамоно ба масъалаи идеологӣ бармегардад, ки дар он

рӯзгор айбномаи бузург ҳисоб мешуд. Дар ин замина Б. Азизӣ кори Айниро дар “Намуна...”- “ғайриичтимоӣ ва аз усули марксистӣ дур ҳисобида” [124, 173] менависад, ки “Лиҳозо, ...рафиқ Айниро лозим буд, ки тақсими китобро ба эътибори асри шоирон накарда, балки ба эътибори мартаба ба сухани онон мутобиқи давраи ичтимоии мо мекард. Дар он вақт як дарача усули марксизмро эътиборкардагӣ мебуд. Ва ин  хеле сабуку мумкин ҳам буд” [21].

Моҳияти  накди идеологии Б. Азизӣ дар пораи иқтобосшуда хулоса шудааст, ки дар он рӯзгор айбномаи хеле чиддӣ ба шумор мерафт. Дар асл ин андешаи Б. Азизӣ дар заминаи таҳлили моҳиятчӯёнаи “Намунаи адабиёти точик” ба вучуд наомадааст, зеро дар тақриз усули интихоб ва моҳияти намунаҳо аз чониби Айнӣ баррасӣ нашудааст. Нуктаи дигар ин аст, ки арзёбии Б. Азизӣ аз чиҳати назарӣ маҳдуд буда, муаллифи “Намунаи адабиёти точик”-ро ба роҳи маҳдуди назарию таърихӣ ҳидоят мекунад, ки хилофи усули таҳқиқи муқоисавию таърихии адабиёт ва осори адабӣ мебошад. Айнӣ дидаву дониста тазкираро бо назардошти инкишофи пайдарпайи (замонии) адабиёт ва ҳам шинохти воқеии нақш ва чойгоҳи шахсиятҳои чудогона дар чараёни адабӣ таълиф кардааст, ки ба талаботи илми адабиётшиносӣ ва методи муқоисавию таърихӣ чавобгӯ мебошад.

Б. Азизӣ зери таъсири чараёни дар он замон ҳамагири сотсиологизми вулгар ин асари устод Айниро нақд карда, аввалан аз воқеияти ҳаёти адабӣ фосила гирифтааст, сонияи дидаву дониста дар қатори мутаассибини дигар ба “фитна”-и [11, 25] зидди Айнӣ шарик шудааст. Бинобар ин дар нақди идеологӣ ӯ фаротар рафта, менависад, ки “чамъкунандаи китоб рафиқ Айнӣ аҳволи тазкирачиёнро ба хубӣ муҳокима нанамуда, ҳар тазкирачӣ дар ҳаққи ҳар шоир ҳар чизе, ки навишта бошад, айнан дар китоби худ дарч намудан гирифтааст. Ва ҳол он ки бисёр аз тазкирачиёни собиқ ба балои лаганбардорӣ ва маддоҳӣ мубтало буда, китобашонро ба ҳамин рӯҳ навиштаанд, ки навиштаи онҳо ба куллӣ қобили эътино нест ва ҳар каломи онҳоро ба дигар тазкирачиён мутобиқа кардан лозим буд. Азбаски рафиқ

Айнӣ ба навиштаи ҳамин қабил тазкирачиён фирефта шуда, суханашонро муҳокима накардааст, лиҳозо, китобаш ба хеле хатоҳо дучор шудааст”[21].

Ин мулоҳизаи Б. Азизӣ далели он аст, ки вай дар маҷмуъ ба тарзи интихоби намунаҳои осори адибон аз ҷониби Айнӣ таваҷҷуҳ накарда, бе ҳеҷ далеле Айниро “фирефта”-и усули интихоби, ба қавли худаш, тазкирачиён медонад, ки низ айббандии сиёсии хости идеологияи он замон буд. Баръакси пиндори ӯ Айнӣ дар интихоби осори адабӣ, пеш аз ҳама, пойбанди меъёрҳое будааст, ки баёнгари “аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ” (С. Айнӣ) мебошанд.

Устод Айнӣ саривақт ба ин мақола ҷавоб навишта аз мавқеи идеологии худ дифоъ ва андешаи муқарризро рад карда, аз ҷумла навишта буд: “...ҳарчанд бино бар ин китоб “Намуна” аст, на таърихи адабиёт, чунончи, дар муқаддима ва хулоса гуфта шудааст, мундариҷоташ бо усули марксизм таҳлил ёфтааст, барои ҷавононе, ки таърихи адабиёти тоҷикро бо усули марксизм хоҳанд навишт, як қисми материал тайёр карда дода шудааст ва барои ба нависандагони оянда кор осон шавад, ин материалҳо нисбат ба давраҳо тақсим карда шудааст. Зеро назар ба дастури марксизм дар адабиёт ашхос ҳеҷ аҳамият надоранд, балки омили ҳақиқӣ аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсист” [66].

Бо гузашти солҳо вақте “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки Айнӣ дар таълифи он усули таърихияти амиқ, меъёрҳои илмии шинохт ва арзёбии ҳунари адиб, вазъи иҷтимоию сиёсии давраҳо ва моҳияти иҷтимоиву ахлоқии осори адабиро ба куллӣ риоят кардааст. Дар тақсимбандии Айнӣ таърихи адабиёти тоҷик се давраро дар бар гирифта, ҳар давра бо хусусиятҳои хоси худ ва ҷараёни инкишофи тамоюлҳои адабӣ аз давраи дигар фарқ мекунад, ки далели консепсияи хоси илмии устод дар шинохти марҳалаҳои ташаккулёбии адабиёти тоҷик мебошад. Илова ба ин, ҳамчунон ки Расул Ҳодизода низ таъкид карда буд, Айнӣ бори аввал бо усули саҳеҳи илмӣ дар таърихи

адабиётшиносии тоҷик масъалаи ба давраҳо тақсим намудани таърихи адабиёти форсу тоҷикро ба миён гузошта буд, ки моҳияти иҷтимоиву таърихӣ ва адабӣ дошт [171, 21].

Арзёбии мундариҷаи “Намунаи адабиёти тоҷик” ва тасҳифоти он низ аз тарафи Б. Азизӣ холисона ва воқеъбинона набуда, ба қавли А. Маҳмадаминов “бебунёд” [103, 47] мебошад. Устод Айнӣ аз ҷониби Б. Азизӣ ба эътибор нагирифтани саҳви манбаъҳоро “сангпарронӣ” унвон карда, меафзояд, ки “касе, ки 70-80 манбаъ, аз ғайри халт додан бо якдигар чизҳое нақл намудааст..., бинбар ба даст надаромадани тазкираи Фазлӣ ва монандаи инҳо ба манбаъҳои дар даст доштаи худ қаноат кардааст, бояд сазовори сангсор набошад” [66]. Айнӣ дар ҷавобаш тасҳифоте аз қабили “Фонӣ”-“Фаноӣ”, “Амъақ”-“Амқ” ва монанди инҳоро зикр карда, хулоса мекунад, ки агар “танқидгари диққаткор” саҳифаи 35-и сатри 18-ро аз назар мегузаронд, “аз ин бадгумонии худ раҳоӣ меёфт” [66].

Расул Ҳодизода дар бораи мақолаи Б. Азизӣ навиштааст, ки он “чандин факту далелҳои нодуруст дошта бошад ҳам, аммо гуфтан мумкин нест, ки бадхоҳона навишта шудааст” [171, 20]. Мурури кӯтоҳе, ки анҷом гирифт ва воқеиятҳои сиёсии солҳои бистум собит месозанд, ки Б. Азизӣ низ яке аз иҷрокунандагони дастурҳои қарори хоси “Оид ба вазифаҳои матбуот дар роҳи мубориза дар ҷабҳаи идеологӣ” буд ва тақризи ӯ низ хостаҳои нигилитстонаи ҳамин қарорро, ки ба муқобили адабиёти ҳазорсолаи тоҷикон равона шуда буд, иҷро мекард ва ба ин далел некбинона ҳам набуд.

Чунонки А. Маҳмадаминов низ зикр кардааст, “бо дастгириҳои ховаршиносони рус, ба вижа устувории А. А. Знаменский” “Намунаи адабиёти тоҷик” “аз изъят халос шуд” [103, 56]. Вале иғвогариҳо бар зидди Айнӣ ва китоби ӯ дар сатҳ ва дараҷаи нав ҳамчунон идома меёфт, ки ифодакунандаи вазъи айнишиносии тоҷик дар охири солҳои бистуми садаи гузашта мебошад. Дар ин замина мақолаи Ҷалол Икромӣ “Назаре ба “Намунаи адабиёти тоҷик” зинаи нави мубориза ба муқобили ин асари

устод Айнӣ ва умуман мероси адабии гузашта буда, соли 1929 дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” ба чоп расидааст.

Ин мақолаи Ҷ. Икромӣ зери таъсири сиёсати адабии солҳои 1920-1930 ва баъди он навишта шуда, мавқеи ақидатӣ ва гароиши муаллифро ба нақди вулгарӣ собит менамояд, ки бар зарари миллат ва адабу фарҳанги ҳазорсолаи он равона гардида буд. Андешаи зерини Ҷ. Икромӣ фақат ҳадафи тамғабандии сиёсиву идеологӣ дошта, мавқеи манфии ӯро дар шинохти моҳияти “Намунаи адабиёти тоҷик” мушаххас месозад: “...рафиқ Садриддин Айнӣ бо ин китобаш мехоҳад номи адибҳои қадимаро зинда кунад ва тарбияти ҷавонони имрӯзаро аз зинда кардани номи шоирони гузашта муқаддамтар мешуморад. Мо ба ин фикри муаллиф ҳамроҳ шуда наметавонем. Ба фикри мо, ҳукумати Тоҷикистон бо ҷамъ намудани адабиёти қадим ба ҷавонони имрӯз тарафи баду хуби онҳоро фаҳмонидан мехоста ва мо ҳаққи таъин кардани фикри ҳукумати Тоҷикистонро надорем, чашм аз он пӯшида, муҳокимаи онро ба худи ҳукумат вогузор менамоем” [80, 22].

Мақолаи Ҷ. Икромӣ бо ҳамин пешниҳоди муғризона шуруъ шуда, сипас муаллиф, ба қавли худаш “айбҳои” “Намуна...”-ро як-як бармешуморад, ки ба тариқи зайл аст: “...1. Аз рӯи назарияи синфӣ ҷамъ нашудааст. 2. Барои кӣ навишта шуданаш маълум нест. 3. Ашъори шоирон аз рӯи талаби имрӯз ташреҳ карда нашудааст. 4. Ҷавоб бар суоли барои чӣ ин навъ навиштаанд, дар китоб нест. Барои кӣ муфид ва барои кӣ музир аст, маълум нест. 5. Аз рӯи назарияи ранҷбарӣ дар хусуси шоирҳо фикр ронда нашудааст. 6. Ашъори кӯҳнаро, ки навиштаанд, бо ашъорҳои имрӯза муқоиса накардаанд, тараққиро насанҷида, сабаби онро нишон надодаанд” [80, 24].

Чунон ки мебинем, натиҷагириҳои Ҷ. Икромӣ аз ин асари пурарзиш, ба ифодаи А. Маҳмадаминов “ҳамчунон пурсадову содагароёна” [103, 59] буда, баёнгари “тазоҳуроти мубориза идеологӣ” ба муқобили адабиёту фарҳанги тоҷикӣ буд, “ки он солҳо давом дошт” [171, 16]. Ҳамид Бақозода

низ яке аз ҳамин гуна дастнишондаҳое буд, ки дар пайравӣ ба Икромӣ устод Айниро тарафдори “шоири шоҳпараст”-Рӯдакӣ ва шоирони “худо гуфта доду фарёд карда” гаштагии “ҳавоӣ” [68] ба шумор овард. Яъне ҳукумати вақт ба василаи дастёрони таблиғгараш тадриҷан заминаро барои ба “утилсирё” партофтани “Намунаи адабиёти тоҷик” муҳайё карда, ба ин василa монеъи шинохт ва арзёбии табиии ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ гардид.

Чунон ки дида шуд, айнишиносӣ дар ибтидои пайдоиш зери таъсири сиёсати сотсиализми вулгар дар шинохти моҳияти таърихӣ ва миллии осори устод Айнӣ, аз ҷумла “Намунаи адабиёти тоҷик” мавқеи номуносибро ишғол карда буд, ки синфиятгароии маҳз моҳияти равиши ташаккули онро муайян менамуд.

Бо вуҷуди гароишҳои сиёсиву идеологӣ дар охири солҳои бист ва ибтидои солҳои сиюми садаи гузашта, мақолаҳои Раҳим Ҳошим “Пире, ки ҷавон шуд” [174], ки баъдтар дар шакли такмилёфта ба сурати рисола ба чоп расид [174],“Якумин қиссаи инқилобии тоҷик”[175], Н. Бектош “Садриддин Айнӣ дар адабиёти инқилобиии тоҷик” (1931), рисолаи ӯ “Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ” (1933), мақолаи М. Солеҳов “Як мулоҳиза дар бораи румони “Дохунда” [153] ва ғайра аз таҳқиқотҳои аввалине буданд, ки ҳаёт ва эҷодиёти “устоди адабиёти пролетарӣ”- Садриддин Айниро аз мавқеи накди адабии он рӯзгор баррасӣ кардаанд.

Мақолаи Раҳим Ҳошим “Пире, ки ҷавон шуд”, чунонки А. Набиев низ мушоҳида кардааст, хусусияти тақризро дошта, муаллиф бештар мутаваҷҷеҳи таъкиди аҳаммияти повести “Одина” ва арзиши сиёсии он шуда [125, 206] бошад ҳам, ҷанбаи таҳлилии он қавист ва дар он аввалин маълумот доир ба аҳвол ва осори нависанда дар заминаи воқеиятҳои сиёсии рӯзгор оварда шудааст ва таъсири онҳо ба фаъолияти эҷодии Айнӣ ва гароишҳои иҷтимоиву сиёсии ӯ дар эҷоди осори бадеӣ нишон дода шудааст.

Дар мақолаи “Якумин қиссаи инқилобии тоҷик “Одина” Раҳим Ҳошим фаротар рафта, повести “Одина”-ро ҳамчун нахустин асари инқилобӣ тавсиф ва моҳияти иҷтимоиву сиёсии онро ба таври мушаххас муайян менамояд, ки дар айнишиносии охири солҳои бистуми садаи гузашта шинохти воқеӣ ва касбӣ аз ин повести устод Айнӣ мебошад. Муҳаққиқ нахуст заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқии эҷоди ин асарро аз тарафи Айнӣ зикр карда, бавуҷудоии “Одина”-и Айниро “инқилоби адабӣ” ва эҳёи “адабиёти инқилобии тоҷик” [175, 30] унвон карда, сипас меафзояд, ки “Адабиёт-шеър ва ғазали тоҷикӣ “ба гардан таноби сурх” бастанд ва ҳама нависандагони инқилобии тоҷик ба овози баланд гуфтанд, ки:

“Бояд ба инқилоб навиштан китоби сурх” [175, 31].

Бо ҳамин далел Раҳим Ҳошим “Одина”-ро “меваи инқилоби Октябр” унвон карда, онро “саргузашти як тоҷики камбағал” [175, 31] меҳисобад ва мундариҷаи повестро мафассал таҳлил, арзиши иҷтимоиву ахлоқӣ ва бадеии онро муайян менамояд, ки дар он рӯзгор дар айнишиносӣ ҳарфи тоза ва бодалел буд. Мо ҳоло арзёбии усули таҳқиқи Раҳим Ҳошимро доир ба мундариҷа ва ҳунари тасвиргарии Айнӣ дар мисоли повести “Одина” ба боби дувум мавқуф гузошта, таъкид карданием, ки ин мақола ҷанбаи амиқи ақидативу иҷтимоӣ дошта бошад ҳам, дар шинохти маҳорати насрнависии Айнӣ, бахусус дар солҳои сиюм муҳим ва таъсиргузор буд. Аз тариқи ҳамин мақола доираи васеи хонандагон, ҳатто Шукӯҳи Ховариёни эронӣ аз моҳияти инқилобии асари Айнӣ огоҳ гардида, пайдоиши чунин асареро “як муждаи рӯҳбахш ва як навиди рӯзи беҳтаре барои...занони Шарқ” [175, 37]. Ҳамчунин муаллиф дар мақола интишори андешаҳои донишмандони русро дар матбуоти русӣ ба тариқи фушурда таҳлил намудааст, ки дар он рӯзгор ва ҳоло низ муҳим ба назар мерасад.

Мақолаи дигаре, ки бо номи “Садриддин Айнӣ дар адабиёти инқилобии тоҷик” дар рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” чоп шудааст, ба қалами Н. Бектош таллуқ дошта, дар айнишиносии ибтидои солҳои сиюми асри гузашта ҷадами ҷиддӣ дар шинохти ҳаёт ва осори Айнӣ ба шумор

мерафт. Муаллиф дар ин мақола бештар ба шарҳи моҳияти инқилобии аҳвол ва осори Айнӣ таваҷҷуҳ карда, арзиши андешаҳои инқилобии ӯро дар мисоли  баъзе шеърҳои устод шарҳ додааст, ки барои хонандаро бо фаъолияти шоирии Айнӣ шиносондан қадами ҷиддӣ дар он рӯзгор буд. Дар ин мақола Бектош ба ашъори Айнӣ бо назари танқидӣ нигариста, аз ҷумла ба ин хулоса оамадааст, ки “Зотан Айнӣ дар назм дасти устодӣ надошт” [47].

Н. Бектош баъдтар, ба қавли худаш, мақолаи зикршударо “боз ҳам васеъ карда” бо таҳриру такмил дар шакли рисолаи “Садриддин Айнӣ ваэҷодиёти ӯ” ба чоп расонд, ки “дар роҳи тадқиқоти ҷиддии эҷодиёти Айнӣ” [48, 5] дар айнишиносии тоҷик таҷрибаи аввал мебошад. Дар ин замина гуфтан лозим аст, ки Абдухолиқ Набиев саҳван мақолаҳои М. Шевердин ва Р. Ҳошимро “то мақолаи Бектош, бахусус монографияи ӯ” [125, 206] таълифшуда ҳисоб кардааст, ки воқеият надорад.

Ҳарчанд мақолаи Н. Бектош аз камбудиҳои ҷиддии касбӣ холӣ нест, бовуҷуди ин ҳақ ба ҷониби Абдухолиқ Набиев аст, ки гуфтааст: “...то Бектош касе роҳи эҷодиёти Айниро аз ибтидо то расидан ба дараҷаи як эҷодкори бузург ба ин муфассалӣ таҳлил накарда буд” [125, 206]. Дар ҳақиқат Бектош дар айнишиносӣ аввалин бор ташаккул ва таҳаввули фаъолияти эҷодии Айниро аз соли 1905 то 1930 дар такя ба дастурҳои нақди расмӣ, ки ҷанбаи амиқи идеологӣ дошт, аз назар гузаронда, дар ин замина ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеии нависандаро ба таври мушаххас нишон додааст, ки аз бисёр ҷиҳат ҳоло ҳам арзишманд мебошад.

Бектош дар ин рисола нахуст дар бораи замон, аҳвол ва осори  Айнӣ то инқилоб ва баъди он андеша ронда, сипас хусусиятҳои мундариҷавию бадеии насри нависанда, аз ҷумла повести “Одина”, романи “Дохунда” ва баъзе камбудиҳои онро ба таври мушаххас таҳлил ва арзёбӣ кардааст. Дар вақташ баъзе андешаҳои Бектош ҳам дар мақолаи зикршуда ва ҳам дар рисола ба Айнӣ маъқул нашуда, вай аввал таҳти унвони “Эзоҳ” ба мақола

ва баъдан бо номи “Ҷавоби ман” ба рисола ҷавоб навишта баъзе андешаҳои Бектошро рад карда буд [8; 73].

Бектош дар рисола бо истифода аз усули таҳлили иҷтимоӣ аҳвол ва осори Айниро баррасӣ карда, чеҳраи ӯроҳамчун нависандаи ҷомеашинос ба назари хонанда менамоёнад. Вай дар айнишиносӣ бори аввал дар боби ҳунари нигорандагии Айнӣ сухан карда, “ба воситаи силсилаи тасвирот (образ)” [48, 6] аз ҷониби ӯ инъикос шудани воқеиятҳои зиндагиро аз мушаххасоти ҳунари нависанда медонад, ки бо камоли ҳунар офаридани образҳои бадеӣ, чеҳраҳои таъмимӣ (типӣ) ва тасвири реалистӣ аз мухтассоти он мебошад.

Истифода аз усули (методи) муқоисавии таърихӣ ва таҳлилӣ ба ӯ имкон додааст, ки ба майдони адабиёти тоҷик омадани эҷодкоре чун Айнӣ ва зинаҳои ташаккулу таҳаввули эҷодиёти ӯро дар замони мушаххас бо камоли диққат баррасӣ ва нақши ӯро дар инкишофи насри тоҷикӣ муайян намояд. Бектош зуҳури Айниро дар адабиёти навини тоҷик ҳамчун як ҳодисаи барҷаста ба қалам дода, таъкид мекунад, ки “Таърихи адабиёти тоҷик боз як нафари дигареро намедонад, ки ба ҳамин дараҷаи устодии ростгӯёна ва ҳунармандии рассомона кунҷу гӯшаҳои торик ва лавҳаҳои фаҷеъи зиндагии пешазинқилобии тоҷик-хусусан деҳқони тоҷикро ба дараҷаи С. Айнӣ барҷаста тасвир карда бошад” [48, 6]. Бектош Айниро “дар тарсими ҳаёти 25 соли охири Тоҷикистони собиқ (яъне аз оғози инқилоб то замони таълифи рисола- С.Ҷ.) ва хусусан сарзамини тоҷикнишин устоди аввал” [48, 6-7] шинохта, омили комёбии нависандаро дар “мушоҳидаҳои бой ва таҷрибаи чандинсолааш” ва “нуфузи назари боқувват ва истеъдоди нависандагии бузурги” [48, 7] ӯ медонад.

Дар ин рисола Бектош аҳвол ва фазилатҳои ҳунарии Айниро ба таври мушаххас зикр кардааст, ки мо мухтасаран ба сурати зайл дастабандӣ кардем:

а) аз фаъолони ҳаракати инқилобии буржуазии демократӣ ва давраи гузаштан аз инқилоби буржуазӣ ба инқилоби пролетарӣ буд;

б) осори бадеии ӯ манобеест, ки ба сурати ғайримустақим ва нохудогоҳ сохтори иҷтимоӣ, шароити зиндагӣ, вазъияти қишрҳо, табақоти гуногун ва дидгоҳу мавқеи ақидатии нависандаро баён мекунанд;

в) Бектош на танҳо истеъдоди Айнӣ, балки нақши мафкура, ҷаҳонбинӣ ва арзиши ғоявии осори ӯро дар адабиёти пеш аз инқилобӣ муҳим ба шумор овардааст;

г) Айнӣ ва алоқамандии ӯ бо ҷадидия низ паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои Бектош буда, дар заминаи замон, муҳит, шароит ва рӯҳия омилҳои "ба ҳаракати инқилобии маълум дохил" [48, 8] шудани нависандаро мушаххас месозад;

ғ) Бектош дар заминаи таҳлили мушаххас ва истифода аз ахбори Айнӣ нашъати иҷтимоӣ ва бунмояи эҷодиёти нависандаро ба қишлоқ ва табақаи деҳқон вобаста медонад;

д) ба назари Бектош Айнӣ аз аввалин нависандагонест, ки мавқеи инсонро дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва мубориза синфӣ мушаххас намуда, "ҳамаи типҳоеро, ки дар муносибати иҷтимоӣ ва муборизаи синфӣ аҳамияти барҷаста доштанд, ҳоким ва маҳкум, золим ва мазлум номида мешуданд, дубора ба қалам зинда" кард "ва онҳоро аз сари нав дар худи ҳамон шароит ба ҳамдигарашон рӯ ба рӯ" [48, 24] биовард;

е) Бектош аввал касе буд, ки хусусияти забони насри Айниро дар мисоли "Одина" ва "Дохунда" муайян намуд, ба "забони модарии худ гуфтугӯ" кардани "қаҳрамонони Айнӣ" ва ҳунари тасвиргарии нависандаро дар забон аз мухтассоти тарзи нигориши ӯ донист.

Дигар аз таълифоте, ки дар солҳои сиюм романи "Дохунда"-ро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додааст, мақолаи Миёнбузрук Солеҳов "Як мулоҳиза дар бораи румони "Дохунда" мебошад, ки соли 1936 дар ду шумораи маҷаллаи "Барои адабиёти сотсиалистӣ" ба чоп расида буд. Муаллиф дар мақола мавзуъ, дарунмоя ва образҳои романи "Дохунда"-ро таҳлил ва арзёбӣ карда, ба ин натиҷа мерасад, ки "Дар ин ҳол мо ба румони "Дохунда" ҳеҷ андеша накарда, як асари санъатнок, дар асоси

реализми сотсиалистӣ навишта шудааст, гуфта баҳо дода метавонем” [153, 17]. Таҳлили иҷтимоиву идеологӣ, ки хости сиёсати вақт буд, дар ин мақола афзалият дошта, муаллиф ҷустуҷӯҳои нависандаро дар ҳамин асос баррасӣ кардааст, ки намунаи нақди иҷтимоъгарои он рӯзгор мебошад.

Охири солҳои чилум ва солҳои панҷоҳуму шастуми садаи гузаштаро метавон марҳалаи нави таҳқиқ ва арзёбии ҳаёт ва осори Айнӣ ба шумор овард. Дар ин давра доир ба паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва эҷодиёти нависанда тақризу мақола ва рисолаҳои ҷудогона ба чоп мерасанд. Аксари ин таълифот, ки хеле зиёд буда, мо имкони зикр ва баррасии ҳамаи онҳоро надорем, ба ягон муносибат, аз ҷумла 70-солагӣ ва 75-солагии Айнӣ, даҳаи адабиёти тоҷик дар Маскав ва ғайра навишта шуда, хусусияти тавсифиву умумӣ доранд. Дар ин миён мақолоту китобҳое низ ҳастанд, ки бо касбияти худашон равишҳои мусбати айнишиносиро инъикос мекунанд. Дар ин замина метавон нахуст аз китоби И. С. Брагинский “Садридин Айнӣ” ёд кард, ки то соли 1970 чаҳор маротиба ба табъ расида, онро З. Муллоҷонова “дар ин роҳ аввалин тадқиқоти ҷиддие ба шумор” овардааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ “Ҳамаи онҳое, ки то ин дам дар хусуси Айнӣ чизе навиштаанд, эҷодиёти ӯро ба ду давра-тоинқилобӣ ва баъдиинқилобӣ тақсим карда бо тавсифи умумӣ қаноат мекарданд ва ба асарҳои ҷудогонаи ӯ ва хусусияти фардии эҷодиёташ диққат надодаанд” [116, 131]. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ин китобро муаллиф  дар се нашри охир такмил бахшидааст, ки баёнгари таҳаввулоти андешаву орои ӯ дар бораи осори Айнӣ буда, дар мавридаш мо фарқиятҳои назари ӯро баррасӣ хоҳем кард.

И. С Брагинский дар ин китоб бори аввал роҳи эҷодии нависанда, муносибати ӯро ба ҷадидҳо, ба ҳаракатҳои пешқадами замонаш таҳлил карда, ба таври муфассал хусусияти мундариҷавию бадеӣ ва ҷараёни таҳҳаввули эҷодиёти адибро нишон додааст, дар он рӯзгор дарайнишиносӣ таҷрибаи аввал буд. Муҳаққиқ барои маҳорати ҳунарии Айниро нишон додан “Одина”-и Айниро бо осори Лу Син (нависандаи Чин) ва ал-Фахурӣ

(Лубнон) муқоиса карда, бартарии онро ба таври мушаххас нишон додааст. Аз ҷумла ӯ навиштааст, ки “Одина аз фалокате, ки ба сараш омадааст, сар боло карда наметавонад ва ҳамин тавр ба замин яксон гардида нобуд мешавад. Ин дар назари авввал чунин  менамояд. Аммо дар ҳақиқат ин асар ҳаргиз бо ҳисси тараҳум ба маҳкуми қурбонӣ фаро гирифта нашудааст, балки аз рӯҳи эътирози хомӯшнашавандае, ки бо зулми иҷтимоӣ розӣ шуданӣ нест, иборат аст” [53, 67]. Дар боби баъдӣ дидгоҳҳои ин донишманди фақидро оид ба хусусиятҳои мундариҷавию бадеии осори Айнӣ ба таври алоҳида баррасӣ хоҳем кард.

Баъд аз таълифоти И. С. Брагинский дар айнишиносии тоҷик як силсила тадқиқте ба вуҷуд омад, ки муаллифон ягон соҳаи фаъолияти эҷодӣ ё асари ҷудогонаи Айниро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додаанд. Дар ин заминаметавонмақола ва рисолаҳои М. Шукуров “Анъанаи ёддоштнависии классикӣ дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ” (1955-1957), “Саҳифаҳои нафрат ва тамасхур” (1959), “Ҳаҷв дар “Ёддоштҳо”-и устод С. Айнӣ” (1963), “Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ” (1966), А. Маниёзов “Публитсистика ва назми С. Айнӣ” (1958), “Мулоҳизаҳо доир ба ташаккули насри С. Айнӣ” (1963), С. Табаров “Нависанда ва олим” (1951), “Айнӣ ва тарҷумаи “Қамар”-и Фердинанд Дюшен” (1963), М. Турсунзода “Садриддин Айнӣ” (1953), Ш. Ҳусейнзода “Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти тоҷик” (1953), Х. Мирзозода “Садриддаин Айнӣ-аввалин адабиётшиноси советии тоҷик” (1958), Р. Ҳошим “Айнӣ ва назми тоҷик дар даҳ соли аввали Октябр” (1961), “Таҷрибаи омӯхтани як шеър” (1966), Н. Маъсумӣ “Рол ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабӣ ва забони абадиёти тоҷик баъд аз револютсияи Октябр (1966), А. Сайфуллоев “С. Айнӣ-мусаввири забардасти манзараҳои табиат” (1963), “Романи устод Садриддин Айнӣ “Дохунда” (1966), Ҷ, Азизқулов “Мероси адабии С. Айнӣ ва интишори он” (1963),  Р. Ҳодизода “Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи

адабиёти тоҷик” (1950), “Оид ба аҳамияти таърихии “Намунаи адабиёти тоҷик” (1966), Х. Отахонова “А. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ” (1966), Н. Беҳбудӣ “С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик” (1966), Т. Абдуҷабборов “Устод Айнӣ ва баъзе масъалаҳои назарияи адабиёт” (1966) ва ғайраро зикр кард, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни аҳвол ва осори Айнӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Аз зикри номгӯи мухтасари мақола ва рисолаҳои дар ин фосилаи замонӣ ба чоп расида метавон ба ин натиҷа расид, ки айнишиносон дар ин марҳала ягон соҳаи фаъолияти Айнӣ ё асари ҷудогонаи ӯро мавриди пужӯҳиш қарор дода, дар муайян намудани сарнавишт ва чеҳраи ҳунарии ӯ саҳми муҳим гузоштаанд. Дар байни асарҳои тадқиқотии зикршуда мақолаҳои М. Шукуров “Анъанаи ёддоштнависии классикӣ дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ”, “Саҳифаҳои нафрат ва тамасхур” ва рисолаи “Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ” бо фарогирии масъалаҳо ва ҷиддияти худ фарқ доранд. Муаллиф дар мақолаҳо ва рисолаи зикршуда ба масъалаҳое дахолат кардааст, ки то ин дам дар илми адабиётшиносӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд. Мушкилоти тип, анъана ва навоварӣ, маҳорат ва истеъдод, ҳаҷв ва мутоиба, забон ва сабки нигориши Айнӣ дар осори зикршудаи М. Шукуров ҳамаҷониба таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, дар ин замина маҳорати нависандагии Айнӣ нишон дода шудааст. Дар таҳқиқоти зикршуда М. Шукуров ба аҳаммияти алоқаи адабӣ дар эҷодиёти Айнӣ, истифода аз анъанаҳои классикони адабиёти тоҷик ва ҳам суннатҳои адабиёти рус дар мисоли эҷодиёти М. Горкий диққат додааст, ки ҳарфи тоза дар айнишиносии он рӯзгор мебошад.

Дар миёни таълифоти ёдшудаи М. Шукуров “Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддошҳо”-и устод С. Айнӣ”, на фақат дар фаъолияти офаринандагии ин донишманд, балки дар таърихи айнишиносии тоҷикӣ ҷойгоҳи хос доранд. Ин асар аз таҳаввули чашмгири айнишносӣ, тақвият ёфтани ҷанбаи таҳлилӣ дар он шаҳодат медиҳад. Муҳаққиқ дар ин рисола бори аввал ҷойгоҳи “Ёддоштҳо”-и Айниро на фақат дар миёни асарҳои

худи нависанда ва адабиёти муосири тоҷик, балки дар миқёси адабиёти умумииттифоқии онвақта мушаххас намуда, сарчашмаҳои ин асари Айниро аз фаъолияти эҷодгарии худи соҳиби он, адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддини Восифӣ, “Наводир-ул-вақоеъ”-Аҳмади Дониш ва дигар асарҳо ҷуста, монандӣ ва тафовути онҳоро дар мазмун ва тарзи тасвир ба таври мушаххас ва бо далелу мулоҳизаҳои муътамад нишон додааст, ки баёнгари ҷустуҷӯҳои ӯ дар айнишиносии он рӯзгор мебошад.

Ба мушоҳидаи М. Шукуров тозакориҳои устод Айнӣ дар эҷоди ин асар фақат ба шаклу тасвир вобаста набуда, балки дар фарогирии мавзуву масъалаҳо низ зоҳир шудааст. Аз ҷумла, ӯ тасвири “мавзӯи одамони пурзӯр ва қавибозу”-ро дар “эҷодиёти Айнӣ нав” шинохта, менависад, ки “Аз ин асар дида мешавад, ки устод тасвири зӯри бозу ва паҳлавонӣ, чучту чолокӣ ва ин қабил сифатҳои одамизодро хеле дӯст медорад. Вай соҳибони ин сифатҳоро ҳамеша бо як мафтунию мамнуният ва баъзан бо шавқу завқ тасвири намудааст. Дар ин мавридҳо мо ҳис мекунем, ки худи нависанда ба ҷӯшу хурӯш омадааст ва бо ҳаяҷони саршоре қалам меронад. Ӯ барои тасвири қаввваи бозуи ин қаҳрамонон, барои нишон додани дили софу беғубори онҳо тавсифҳои аҷиб ва ташбеҳҳои фавқулодае ёфта, ҳусни таваҷҷӯҳи хонандаро ба сӯи онҳо кашидааст” [191, 223].

Ин донишманд дар ин замина пайванди тафаккури бадеии устод Айниро бо “тафаккури эпикии халқ”, “бо шуури ҳамосии ӯ, ки дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Гӯрғӯғлӣ”-и фолклор, дар бисёр асарҳои насри омиёна (“Самаки айёр”, ҷангномаҳо ва ғайра) ифода шудааст” (191, 223), бо камоли диққат ошкор сохта, ба ин васила тозакориҳои нависандаро дар шинохт, тавир ва арзёбии воқеиятҳои таърихӣ ва хӯю хислати инсонҳои воқеиву тахайюлӣ ошкор месозад. Ба мушоҳидаи М. Шукуров “масъалаи халқ ва равшанфикрон” низ “яке аз масъалаҳои асосии “Ёддоштҳо” буда, ҳарҷониба таҳқиқ шудааст” [191, 226].

Чунон ки мо медонем, дар повесту романҳои пештараи Айнӣ роли ичтимоии рӯҳониёни мутаассиб, олимони беилм, табибони нодон, мактабдорони бесавод ва ғайра, ки ҳама ба гардани халқ саворанд, ба рангҳои баланд нигошта ва мазаммат шуда буданд. Аҳволу атвори нафратангези бисёре аз онҳо дар ҳукмномаи қатъие, ки Айнӣ дар ҳаққи одами кӯҳна баровард буд, як моддаи асосиро фароҳам меоварад. Аммо баёни ҳоли равшанфикрони пешқадам дар навиштаҳои илмии таърихии Айнӣ-китоби "Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро", "Намунаи адабиёти тоҷик" ва ғайра бисёр омада бошад ҳам, дар асрҳои бадеии ӯ образи барҷастаи онҳо камтар ба назар мерасид. "Аҳмад дар "Аҳмади девбанд", Садриддини ровӣ ва Раҳими Қанд дар "Марги судхӯр" аз ҳамин ҷумла буданд.

Аммо мавзӯи зиёиён ва халқ, равшанфикрон ва замонро Айнӣ нахуст дар "Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам" ва баъд дар "ёддоштҳо" ба тарзи дигар ва моҳиятчӯёна ба тасвир гирифт ва М. Шукуров бори аввал дар айнишиносӣ ин масъаларо дар заминаи таҷрибаи нависандагии Айнӣ матраҳ ва ҳал кард. Ин донишманд тарзи тасвири образи зиёиёни тараққипарварро, ки "дар "Ёддоштҳо"-ҳо ададан зиёданд (чунончи, фақат ба муносибати зикри маҳфили адабии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё даҳ-дувоздаҳ нафари онҳо тасвир ёфтаанд)", арзёбӣ карда, аҳаммияти ҳамаи онҳоро ба як дараҷа намедонад, балки барои фаҳмидани мазмуни замон ва муҳимтарин протсесҳои таърихии ҷамъият ба тасвири чеҳраи инсонии шахсиятҳое мисли Ҳайрат, Шарифҷон-махдум, Яҳёхоҷа, мулло Туроб, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Ҳоҷӣ-махдум, Аҳмади Дониш ва Мулло Амон эътибор додани Айниро аз ҷумлаи тозакориҳо ва моҳиятши моҳиятшиосиҳои нависанда ба шумор меоварад, ки диди тоза ва навҷӯёна дар айнишиносии он рӯзгор буд.

Дар ин замина М. Шукуров равиши тозакории Айниро дар он дидааст, ки дар вақти тасвир тафовути "савияи фикр, хислатҳои хусусӣ, тарзи тафаккур ва фаъолияти ҷамъиятии " шахсиятҳои ёдшударо

воқеъбинона ва ҳолшиносона ба тасвир гирифтааст. Хулосаи ӯ ин аст, ки “Нависанда баъзеи ин зиёиёнро асосан аз ҷиҳати муносибати онҳо ба доираҳои ҳукмрон ва тартиботи маъмули мамлакат” тасвир карда, дар офаридани шахсияти баъзеҳо “назари онҳо ба халқи заҳматкаш нуқтаи асосист. Баъзеи онҳо (мисли Садри Сарир, Аҳмади Дониш ва мулло Амон) ба халқ хеле наздик буда, дарду алами меҳнаткашон ва манфиати кишваррор нағз фаҳмидаанд, аммо баъзеашон муносибати худро ба халқ ҳанӯз равшану возеҳ муайян накардаанд. Баъзеи онҳо бисёр фаъол, баъзеҳо нисбатан камфаъолият ва ҳоказо” [186, 227]. Чунин тарзи шинохти моҳияти тасвиргариҳои Айнӣ аз чеҳраи инсонӣ ва ҷамъияти зиёиёни тараққипарвар навҷӯиҳо ва моҳиятҷӯиҳои М. Шукуровро дар айнишиносӣ мушаххас месозад.

М. Шукуров аз аввали айнишиносоне буд, ки “худшиносии шахс ва қувваи шахсияти инсон”-ро дар “Ёддоштҳо” “чизи асосӣ” шинохта, дар ин замина қиёсан бо осори дигари бадеии Айнӣ моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии нависандаро муайян кард. Хулосаи ӯ ин аст, ки “Агар дар “Ғуломон” бештар масъалаи “халқ ва таърих” мавриди андеша қарор ёфта бошад, дар “Ёддоштҳо” масъалаи “шахс ва ҷамъият”, “шахс ва таърих” бештар мавзӯи мулоҳиза аст”. Ба қавли ӯ дар “Ёддоштҳо” “ташаккули шахсияти инсон ва пурра падид омадани қувваи он дар ҷараёни воқеаҳои асосии вақт сурат гирифтааст. Он воқеаҳое, ки пешрафти замонро таъсин менамуданд, шахсияти инсонро ташаккул дода, нируи ботинии онро намудор кардаанд, Пурраи намоён шудани тавоноии шахс дар навбати худ як омили пешбурди воқеаҳои замон ва протсеси иҷтимоист. Ба ин тариқ, ҳамбастагии диалектикии пешрафти шахс ва ҷамъият, шахс ва таърих зоҳир гардидааст” [186, 231-232]. Чунон ки дида шуд, муҳаққиқ тавонитсааст, ки моҳияти диди иҷтимоӣ ва назари ояндабини Айниро нисбаи ба мавқеи шахс дар ҷамъият ва пешрафти иҷтимоъ дар “Ёддоштҳо” бо диққати тамом мушаххас ва баҳогузорӣ намудааст.

Ҷустуҷӯҳои муҳаққиқ дар шинохти сабки “Ёддоштҳо” низ қобили мулоҳиза буда, М. Шукуров пас аз таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи тарзи нигориши нависанда бо зикри унсурҳои сабкии қолибҳои адабӣ, усули тасвир, монандии ҳикояҳои хурд, услубҳои эпикӣ, лирикӣ ва публитсистӣ, забон ва тарзи баён ба ин натиҷа мерасад, ки “Ёддоштҳо” аз ҷиҳати бадеият ва ҳунари нигорандагӣ ҷамъбасти тамоми сайри инкишофи маҳорати нигорандагии устод Айнист [186, 243]. Ба андешаи ин донишманд яке аз хусусиятҳои тарзи тасвири Айнро “обу ранги романтикии “ тасвир муайян намуда, ин хусусият дар “Ёддоштҳо” махсусиятҳои худро дошта, бештар дар тасвири “шахсиятҳои романтикӣ” зоҳир шудааст. Хусусияти дигари сабки нигориши Айниро дар “Ёддоштҳо”, ба мушоҳидаи М. Шукуров “услуби публитсистӣ” муайян менамояд. Баъзе ҳикояҳои “Ёддоштҳо” бо сабки ороми эпикӣ навишта шуда, дар онҳо тасвири манзараҳои зулму тааддӣ ва истибдоду бераҳмӣ ба тари пудлитсистӣ нигошта шудаанд, ки новеллаҳои “Регкӯчӣ” ва “Ҳоҷӣ Зокирбои ғузаҷаллоб ва кампии ҳафтодсола” намунаи он аст [186, 240].

Хулосаи М. Шукуров ин аст, ки дар “Ёддоштҳо” “Сухани Айнӣ аксаран суханест, ки бо тамоми овоз ва аз дилу ҷон гуфта шудааст. Агар ӯ хонандаро ба ҳаяҷон овардани шавад, чунон сухан мекунад, ки хонандаро сар то по ҳаяҷон фаро мегирад. Агар хандонданӣ шавад, чунон механдонад, ки хонанда фақат табасссум намекунад, балки қоҳ-қоҳ механдад. Айнӣ нависандаест, ки ҳиссиёти ӯ аксаран дар ниҳояти пуррагӣ ва барҷастагӣ ифода меёбад” [186, 243]. Дар маҷмуъ, ин муҳаққиқ “шеърияти насри Айнӣ, тасвирҳои нозуки ҳиссиётомез ва рангорангии романтикии он”-ро аз имтиёзоти тарзи нигориши нависанда донистааст, ки ба қавли ӯ “мунаққидони Ғарбро” низ “мафтун кардааст” [186, 246].

М. Шукуров “Ёддоштҳо”-ро дар ҳамбастагии мӯҳтаво ва ҷанбаҳои ҳунарии он ва дар партави раванди умумии адабиёт баррасӣ намуда, дар шинохти эҷодиёт ва ҳунари нависандагии Айнӣ ба натиҷаҳои матлубе расид, ки то ин вақт дар айнишиносӣ ба мушоҳида намерасид. Бо ин

таълифот донишманди фақид усули иҷтимоиятгарои дуруштро, ки то таълифи ин асар дар айнишиносӣ нуфуз дошт, фурӯ гузошт ва равиши ҳунарии таҳқиқро таҳаввул бахшид.

Абдулқодир Маниёзов аз ҷумлаи адабиётшиномонест, ки аввалин бор дар ҳамин марҳала фаъолияти шоирии Айниро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷанбаъҳои публитисистии шеъри устодро муайян намудааст, ки таъсири равиши накди идеологии вақт дар рисолаи ӯ зиёд аст. Муҳаққиқ моҳияти идеологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ашъори инқилобии Айниро ошкор карда, чеҳраи ҳунарии ӯро ҳамчун шоири инқилобӣ ва иҷтимоӣ ба хонанда муаррифӣ менамояд [98, 34-36; 58-59].

Дигар аз таҳқиқоти муҳими дар ин давра анҷомгирифта рисолаи А. Сайфуллоев "Романи устод Садриддин Айнӣ "Дохунда" буда, дар он муаллиф хусусиятҳои ғоявию бадеии нахустин романи тоҷикӣ-"Дохунда"-ро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Андешаҳои муаллиф дар боби пайдоиши жанри роман дар адабиёти советии тоҷик, офаридани шахсиятҳои типӣ ва маҳорати бадеии нависанда дар айнишиносии он замон ҳарфи тоза ба шумор меомад. Махсусан ҷустуҷӯҳои муҳаққиқ оид ба воқеияти зиндагӣ ва таносуби он бо сужети роман ҷолиби диққат мебошад. А. Сайфуллоев романи устод Айниро бо осори дигар нависандагон муқоиса карда, монандӣ ва тафовути онҳоро ошкор ва ҳунари офарандагии Айниро дар ин замина арзёбӣ кардааст. Зимнан бояд гуфт, ки гоҳо муқоисаҳои ӯ аз воқеият дур аст. Аз ҷумла муқоисаи "Дохунда" бо "Модар"-и М. Горкий ва "Торумор"-и Фадеев сохтакорона ба назар мерасад, ки зери таъсири тамоюли зиёновар ва аз воқеият дури накди адабии солҳои шастуми садаи гузашта шакл гирифтааст. Дар ин замина ҳақ ба ҷониби З. Муллоҷонова аст, ки гуфтааст: "Дар танқиди адабии солҳои охир (солҳои шастуми садаи бист дар назар аст- С.Ҷ.) чунин як тамоюли зарарноке дида мешуд, ки байни асарҳои гуногуне, ки мансуби қалами адибони мухталифе буданд, монандиеро ҷуста ҳатман онро ёфтанӣ мешуданд ва бо ин ба якдигар тобеъ будани мавзуъ, равия ва услуби

нависандагони гуногунро исбот карданӣ мешуданд” [116, 132-133]. Воқеан дар ин замина метавон гуфт, ки хулосаи А. Сайфуллоев дар хусуси он ки романи “Дохунда” бо таъсири бевоситаи адиби франсавӣ Фердинанд Дюшен-“Қамар” навишта шудааст, танҳо дар асоси он киАйнӣ ин асарро аз туркӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ба ҳақиқат рост намеояд. А. Сайфуллоев барои таъйиди чунин андешааш ба фикри С. Табаров такя карда, фармудаи ӯро низ иқтибос меоварад, ки ба тариқи зайл аст: “С. Айнӣ дуруст фаҳмида буд, ки озодии буржуазии занон, ки дар “Қамар” тасвир ёфтааст, сабаби боз ҳам ба қаъри ҳаёт, ба бадбахтӣ ва нокомиҳои азиму зиёде дучор гардидани занону духтарони мамлакатҳои мустамликавӣ мешавад ва танҳо тарзи давлатдории сотсиалистӣ ба занону духтарон озодии ҳақиқӣ ва ҳуқуқи инсонӣ дода метаваонад. Бинобар ҳамин дар ин солҳо чунин асарҳо барои даронидани пардаи демократияи буржуазӣ дар масъалаи озодии занон ба хонандагони тоҷик мадад нарасонида наметавонистанд” [158, 128].

Зимнан бояд гуфт, ки ҳангоми тарҷумаи асаре нависанда то дараҷае аз он таъсир мебардорад, вале ин таъсирпазириро ба дараҷаи мутлақ бардоштан аз ҳақиқат фосила гирифтан аст. Дар асл ба вуҷуд омадани романи “Дохунда”, пеш аз ҳама, шоҳиди он аст, ки худи зиндагӣ ба Айнӣ дастур дода буд, ки сари муҳимтарин масъалаи давр- озодии зан биандешад ва нависанда дар ҳамин асос асарашро офарид.

Таҳқиқ ва таҳлили романи “Дохунда” дар рисолаи А. Сайфуллоев ба чаҳор масъалаи асосӣ, ки қисматҳои таркибии таҳқиқотро ташкил медиҳад, асос ёфтааст. Нахуст муаллиф омодагии тадриҷӣ ва таҷрибаи эҷодии Айниро аз повест то роман баррасӣ кардааст, ки масъалаҳои муҳими назарӣ ва амалиро дар бар мегирад. Дар ин қисмат муҳаққиқ дар бораи сарчашмаҳои насри муосири тоҷик, таъсирпазирии Айнӣ аз анъанаҳои адабиёти шифоҳӣ ва классикии точик, таърихи ошноии нависанда бо адабиёти рус ва ҷаҳон ва монанди инҳо маълумот дода, сипас ҳунари Айниро дар воқеанигорӣ ва силсилабандии рӯйдодҳо, корбурди сужет,

композитсияи роман ва шахсиятҳои асар бо таҳлили мушаххас нишон медиҳад. Арзёбии тарзи нигориши Айнӣ ва муколамаи шахсиятҳои роман паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои А. Сайфуллоевро мушаххас месозад, ки дар айнишиносии солҳои шастум нав ва муҳим буда, баъзе паҳлуҳои он, аз ҷумла омӯзиши сохтори мундариҷавӣ ва ҳунарии осори Айниро дар заминаи ин рисола мо дар боби дувум идома хоҳем дод.

Дар бисёр мақолаҳое, ки дар ин давра ба чоп расидаанд, масъалаҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ, аз ҷумла зинаҳои ташаккул а таҳаввули насри Айнӣ, соҳаҳои фаъолияти ӯ, пайванди маънавиаш бо муосирона мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла дар мақолаи А. Маниёзов "Мулоҳизаҳо доир ба ташаккули насри С. Айнӣ" ҳунари насрнависии Айнӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш то ибтидои солҳо шастуми асри гузашта баррасӣ шуда, заминаҳои гароиши ӯ ба наср, ҷустуҷӯҳои ҳунариаш дар ин роҳ, намунаҳои аввалини насри бадеии ӯ ба алоҳидагӣ баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ ҷустуҷӯҳояшро дар ин замина ҷамъбаст карда ба хулоса меояд, ки "С. Айнӣ дар тасвири ҳаёти оммаи меҳнаткашон ва образи намояндагони он аввалин повести реалистии худ "Одина"-ро дар айёми таъсиси РАСС Тоҷикистон таълиф карда, нахустин бор дар таърихи адабиётамон қаҳрамони асосии адабиёт қарор гирифтани деҳқони меҳнаткашро эълон намуд. Сайри ташаккули насри бадеии Айнӣ дар "Одина" анҷом ёфта, аз ин асар ба такомули худ шуруъ менамояд. Барқароршавии насри реалистӣ дар адабиёти советии тоҷик аз ҳамин повест оғоз меёбад" [98, 45].

С. Табаров дар мақолаҳои "Нависанда ва олим"(1951), "Инқилоби адабиёт" (1967) ва "Ёди устод" (1979) паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии Айниро дар заминаи ашъори инқилобӣ, насрӣ ва илмиаш баррасӣ карда, ҷустуҷӯҳои ӯро дар ин замина ба таври мушаххас нишон додааст, ки шинохти аввалин ва нисбатан воқеиву мукаммал доир ба навъҳо ва хусусиятҳои осори бадеии адиб мебошад.

Дар ин марҳала паҳлуи дигари фаъолияти Айнӣ-нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ низ аз ҷониби Н. Маъсумӣ таҳқиқ шудааст, ки муаллиф хидмати устодро дар ин замина воеъбинона арзёбӣ кардааст. Ҷиҳати муҳими ин таҳқиқоти Н. Маъсумӣ дар он аст, ки муаллиф хидматҳои Айниро дар соҳаи забон ва услуб дар заминаи муборизаҳои ӯ "бар зидди туркпарастон ва эронпарастон", "барои тозагӣ, боигарӣ ва фасоҳати забони адабии тоҷик", "тарзи баён ва ифодаи фикр" ва "забони насри бадеӣ ва вазифаи нависандагон" [102, 235] ба таври мушаххас ба хонанда намудааст, ки дар он солҳо ва ҳоло низ дар шинохти нақши Айнӣ дар ҳифзи асолати забони миллӣ ҳамчунон пурарзиш боқӣ мемонад.

Мақолаи Х. Отахонова "А. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ" яке аз аввали таълифотест, ки муносибати Айниро бо муосиронаш, аз ҷумла Абулқосим Лоҳутӣ мушаххас месозад, ки ҷузъи сарнавишти бобаракати устоди адабиёт мебошад. Муаллиф ин мақоларо "дар асоси фактҳои маълуми адабӣ, инчунин се мактуби устод Айнӣ ба Лоҳутӣ, ки дар маҷаллаи "Шарқи Сурх" чоп шудааст ва чанд мактуби устод Лоҳутӣ ба Айнӣ" [134, 22] навишта алоқамандӣ ва ҳамкориҳои судманди ин ду шахсиятро ба таври мушаххас баррасӣ намудааст. Дар мақола назари Айнӣ ба шеъри Лоҳутӣ, саҳми Лоҳутӣ дар нашри "Намунаи адабиёти тоҷик", муносибати холисонаи ҳар ду ба осори якдигар ва монанди инҳо ба таври муфассал барасӣ шуда, муаллиф пайванди инсонӣ ва маънавии ин ду чеҳраи адабиро бо камоли диққат ба қалам додааст ва таъкид ҳам кардааст, ки "Аҳамияти он кори бузурге, ки ин ду устоди сухан кардаанд, ҳозир ба ҳама равшан аст...Дӯстӣ ва ҳамовозии ин ду адиби мубориз дар таърихи инкишофи муносибатҳои мардуми Шарқ саҳифаи дурахшонеро ташкил хоҳад дод" [134, 31].

Дар ин марҳалаи айнишиносӣ, яъне дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта, на ба ҳама таълифоти Айнӣ назари хушбинона зоҳир шудааст. Аз ҷумла баъзе шахсиятҳои масъул ба рисолаи ӯ "Мирзо Абдулқодири Бедил" мисли "Намунаи адабиёти тоҷик" муносибати муғризона карда, онро аз

чоп боздоштанд ва он фақат баъд аз фавти устод Айнӣ ба чоп расид. Назар ба шаҳодати С. Табаров ва “Ритсензия”-и сардори Саруправленияи сирҳои давлатӣ (Главлит), номзади фанҳои таърих С. Ш. Муллоҷонов ин рисола соли 1952 барои он ки “аз нуқтаи назари марксистӣ” таҳрир нашуда, муаллиф “одатҳои ҳаётии халқҳои ҳиндуро аз нуқтаи назари материализми таърихӣ таҳлил” нанамуда, “баръакс аз нуқтаи назари идеализм таҳлил” [118, 80] шудааст, аз чоп боздошта мешавад. Ин китоби гаронбаҳои устод фақат баъди ба он, ба қавли С. Табаров “сарсухани ниҳоят объективона, самимона ва аз ҷиҳати илмӣ қотеъ ва боварибахш” [118, 74] навиштани донишманди рус Е. Э. Бертелс “баъди як сол-соли 1954-соли фавти бузургтарин фарзанди халқи тоҷики қарни 20 устод Айнӣ аз чоп” [118, 74] мебарояд.

Муносибат ба ин рисолаи устод Айнӣ низ як саҳифаи таърихи айнишиносии он замон буда, дар тобеият ба талаботи “назарияи” сотсиализми вулгар бо нақди, ба ифодаи С. Табаров “торуморкунандаву айбҷӯёна” пеши роҳи нашри ин китоби арзишмандро гирифта буд.

Ба ин тартиб, дар заминаи таҳлилҳои дар ин фасл анҷомгирифта, чанд нуктаро ба тариқи хулоса зикр мекунем:

а) марҳалаи аввали айнишиносӣ аз солҳои бистуми садаи гузашта то солҳои ҳафтодумро дар бар гирифта, дар роҳи шинохти аҳвол ва осори Айнӣ равишҳои хоси усулиро пеш гирифтааст, ки моҳияти асосии онро тамоюли ақидатию сиёсӣ ва иҷтимоии баррасии осори адабӣ муайян менамояд;

б) дар охири солҳои бистум ва ибтидои солҳои сиюми асри гузашта фаъолияти эҷодии Айнӣ асосан дар мисоли “Намунаи адабиёти тоҷик” ва повести “Одина”-ву романи “Дохунда” мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, ки аксаран холисона набудааст; бахусус Б. Азизӣ ва Ҷ. Икромӣ аз мавқеи сиёсати идеологии расмӣ ба асари зикршудаи Айнӣ баҳо дода, моҳияти

адабӣ ва миллии онро ба эътибор нагирифтаанд, ки намунаи нақди вулгарӣ дар он солҳо мебошад;

в) дар шинохти аҳвол ва осори Айнӣ, бахусус повести “Одина” ва романи “Дохунда” мақола ва рисолаи Н. Бектош, бовуҷуди ҷанбаъҳои манфии ақидатиаш, аз арзиши хос бархурдор мебошад; Н. Бектош бори аввал замони зиндагӣ, муҳит, нашъати иҷтимоӣ ва таҳаввули эҷодии Айниро то инқилоб ва баъди инқилоб таҳлил ва таҳқиқ карда, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии насри Айнӣ ва баъзе камбудиҳои онро муайян ва мушаххас намудааст, ки мустақилияти фикрии муаллифро дар он рӯзгор нишон медиҳад;

г) дар таҳқиқоти баъдӣ, аз ҷумла асарҳои И. Брагинский, М. Шукуров, З. Муллоҷонова, Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Х. Отахонова ва дигарон масъалаҳои эҷодиёти тоинқилобии Айнӣ (шеър, публитсистика ва осори педагогӣ), асарҳои ҷудогонаи Айнӣ (“Одина” ва “Дохунда”, “Ёддоштҳо”), осори педагогӣ ва публитсистии давраи шуравӣ, фаъолияти илмии Айнӣ ва монанди инҳо баррасӣ ва арзёбӣ шудаанд, ки нисбат ба солҳои сиюм пурғунҷоиш ва аҳаммиятнок мебошанд.

## I. 2. Марҳалаи дувуми инкишофи айнишиносӣ (аз солҳои ҳафтод то солҳои навадум)

Марҳалаи дувуми айнишиносӣ бо вусъати замонӣ, фарохии доираи таҳқиқ ва сифати корҳои анҷомгирифта аз давраи қаблӣ фарқи ҷиддӣ дошта, зинаи нав ва босамари таҳқиқ ва арзёбии аҳвол ва осори Айнӣ ба шумор меравад. Дар ин марҳила нашри ҷузъҳои баъдии “Ҷашннома”-и Айнӣ низ ҳамчунон идома доштааст, ки маводи зиёдеро дар бораи паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти нависанда дар бар мегирад.

Маҳз дар ҳамин давра ба муносибати таҷлили 100-солагии солрӯзи Айнӣ осори зиёд ва арзишманди илмӣ, аз ҷумла “Феҳрасти асарҳои С.

Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ” ба чоп расид, ки саҳифаи тозае дар айнишиносии тоҷик мебошад. Агар ҷилди аввали ин “Феҳраст...” маводи айнишиносиро аз оғози пайдоиш то соли 1961 дар бар гирифта бошад, ҷиди дувуми “Феҳраст...” осор ва таҳқиқоти доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Айниро аз соли 1962 то соли 1976 фаро мегирад. Ин “Феҳраст...”-и пурарзишро донишмандони соҳа Закия Муллоҷонова, Ҷумъабой Азизқулов ва Неъматҷон Файзуллоев ба чоп омода кардаанд, ки заминагузори таҳқиқоти ҳаматарафа оид ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ мебошад.

Таҳқиқоти дар ин марҳалаи айнишиносӣ ба вуҷуд омадаро метавон ба се гурӯҳ тақсим кард. Ба гурӯҳи аввал омӯзиши зиндагинома, ба гурӯҳи дувум фаъолияти эҷодӣ ва ба гурӯҳи савум масъалаҳои эҷодиёт, аз ҷумла мундариҷаву ғоя ва хусусиятҳои бадеии осори нависанда дохил мешаванд.

Аз осоре, ки дар он муаллифон илова ба омӯзиши масъалаҳои дигар, замон, муҳити эҷод ва зиндагиномаи нависандаро низ таҳқиқ кардаанд, метавон китобҳои Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим “Бо амри виҷдон” [166], М. Шукуров “Садриддин Айнӣ” (ба ҳуруфи форсӣ) [189], боби “Зиндагии пурҷӯш, роҳҳои сӯи реализм”-и рисолаи М. Шукуров “Насри реалистӣ ва таҳаввулоти шуури эстетикӣ” [191], мақолаҳои Р. Ҳошим “Айнӣ ва Бухоро” [94], М. Шакурӣ “Падари миллат” [58], рисолаи А. Сайфуллоев “Мактаби Айнӣ” [147] ва ғайраро зикр кард. Ин таълифот бо фарогирии маводи тозаи тарҷумаҳолӣ аз рӯзгори нависанда ва арзёбиҳои муҳаққиқона имтиёз доранд, ки баъзе паҳлуҳои онро аз назар мегузаронем.

Зимнан бояд гуфт, ки хидмати М. Шукуров дар ташаккул ва инкишофи айнишиносӣ бузург буда, чунон ки гуфта шуд, тадқиқи эҷодиёти Айниро ӯ аз омӯхтани “Ёддоштҳо” шуруъ намуда, тадриҷан тамоми эҷодиёти пурдоманаи устодро фаро мегирад, ки самараи он ба василаи чандин рисола ва теъдоди зиёди мақолаҳои илмӣ манзури хонанда гардидааст. Китоби М. Шукуров “Садриддин Айнӣ”, ки бо ҳуруфи форсӣ дар рӯзҳои ҷашни 100-солагии нависанда ба чоп расидааст, аз нахустин

таҳқиқоти ҷомеъ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ буда, муаллиф дар боби “Роҳҳои зиндагӣ”-и ин асар доир ба аҳвол ва ҷараёни зиндагии Айнӣ дар давраҳои гуногун маълумоти дақиқ овардааст [189, 9-69]. Маълумотҳои доир ба зиндагиномаи нависанда дар ин китоб омадаро муаллиф такмил дода, соли 1987 рисолаи “Насри реалистӣ ва таҳаввулоти шуури эстетикӣ”-ро таълиф намуд, ки як боби он таҳти унвони “Зиндагии пурҷӯш, роҳҳои сӯи реализм” маводи фаровонеро дар бораи “умри ба ғоят ибратомӯз”-и [191, 8] устод Айнӣ дар бар мегирад.

М. Шукуров ба далели он ки худи Айнӣ “бо мурури замон пас аз андешаҳои бисёре марҳалаву лаҳзаҳои асосии умри худ ва моҳияти онҳоро муайян кардааст” [191,9] дар вақти таълифи зиндагинома ва аз назар гузаронидани роҳи ҳаёт ва эҷодкориҳои ӯ асосан ба маълумоти дар “Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам” ва “Ёддоштҳо”-и чорҷилдаи ӯ омада такя кардааст. Бо ҳамин усул муҳаққиқ тавонистааст, ки моҳияти замон, муҳити зиндагӣ ва вазъи иҷтимоии рӯзгори хонаводаи Саидмуродхоҷаро, ки “як умр барои аҳли оилаи худ “қути лоямуте” меҷуст, таҳқиқ карда,ба ин васила замони зиндагӣ, даврони наврасӣ ва алоқамандии Айниро бо “табақоти гуногуни мардум ва синфу гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ” [191, 11] майян ва мушаххас намояд.

То таълифи ин рисолаи М. Шукуров баъзе муҳаққиқон дар бораи зиндагиномаи Айнӣ бисёр навиштаанд. Дар ин гуна мақолаву рисолаҳо муаллифон аксаран дар шарҳи ҳоли нависанда ба гуфтаҳои худи ӯ такя кардаанд ё айнан иқтибос намудаанд. Ин донишманд низ, чунон ки ишора шуд, дар эҷоди зиндагиномаи Айнӣ асосан аз “Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам” ва “Ёддоштҳо” баҳра бурдааст, вале ӯ дар такя ба сарчашмаҳои зикршуда натиҷагириҳои худро дорад, ки бо назардошти моҳияти воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии рӯзгори Айнӣ сурат гирифтааст. Дар бештарин ҳолатҳо санадҳо дар тадқиқоти ӯ рӯнамои хислатҳои инсонӣ ва ҳунарии Айнӣ буда, чеҳраи ӯро аз давраи наврасиаш сар карда, то давраи

камолот ҳамчун шахсият ба хонада менамоянд. Ба ин далел, таҳқиқ ва арзёбии муносибати Айнӣ бо равшанфикрони Бухоро, бо ҳамдарсонаш дар мадраса, бо муҳити эҷодии он замон барои М. Шукуров воситаи ошкор намудани нақш ва ҷойгоҳи нависанда дар ҳавзаи адабию фарҳангии он рӯзгор мебошад, ки то таълифоти ӯ ба ҳеҷ кас даст надодааст.

Ба ин тартиб, таҳқиқоти М. Шукуров дар бораи гароиши Айнӣ ба эҷоди шеър, фаъолияташ дар мактабҳои нав, ҳамкориаш бо рӯзномаву маҷаллот ва монанди инҳо асосан ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ такя кунад ҳам, вале таҳлилу натиҷагириҳояш фаротар аз нишондоди сарчашмаҳо буда, натиҷагириҳои хоси ӯро дар бар мегиранд, ки ҳадафаш шиносондани чеҳраи аслии инсонӣ ва ҳунарии Айнӣ ба доираи васеи алоқамандони адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ мебошад.

Бартарии дигари таҳқиқоти тарҷумаҳолии М. Шукуров дар он аст, ки муҳаққиқ заминаҳо ва омилҳои ташаккули фардияти инсонӣ ва ҳунарии Айнӣ, аз ҷумла омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳунариро дар такя ба воқеиятҳои аз саргузаронидаи нависанда мушаххас намудааст, ки далели тозагии ҷустуҷӯҳои илмии ӯ дар ин замина мебошад. Ин донишманд бо як таҳлили фарогир собит мекунад, ки заминагузор ва омили таъсиррасони камолоти инсонӣ ва ҳунарии Айнӣ, пеш аз ҳама, муҳити солим ва маърифатпарвари хонавода-падар буда, нақши омилҳои дигар, аз ҷумла "ҳаёти маънавии халқ", "мунавварфикрони Бухоро", мадраса, маҳфили Садри Зиё, "шароити иҷтимоии Бухорои охирҳои садаи XIX", "ҳодисаҳои тозаи иҷтимию иқтисодӣ"- Бухоро, "он навиҳои ибратомӯз, ки аз тарафи Россия меомад" [191, 28-31], пайванди отифиаш бо шахсиятҳои адабию фарҳангӣ ва монанди инҳо дар шаклгирии шахсияти инсонӣ ва ҳунарии ӯ таъсиргузор будаанд. Он чи ки М. Шукуров дар ин фасли рисолааш дар бораи Айнӣ ва сарнавишти инсониву ҳунарии ӯ овардааст, саҳифаи тозаеро дар айнишиносии ин давра рақам мезанад, ки бо гузашти замон арзиши он меафзояд.

Китоби Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим “Бо амри виҷдон”-ро муҳаққиқон аввалин кӯшиши тасвири бадеии ҳаёти Айнӣ таъбир карда бошанд ҳам, он дар асоси ҳуҷҷатҳо навишта шуда, маълумоти дақиқи тарҷумаҳолиро дар бораи зиндагиномаи устод Айнӣ дар бар мегирад [127, 288]. Ин асар аз ҳашт боб ва санаҳои асосии ҳаёт ва эҷодиёи Садриддин Айнӣ иборат буда, номгӯи шахсҳо, феҳристи нашри аввали муҳимтарин асарҳои нависанда, маводҳо дар бораи Айнӣ ва эҷодиёти ӯро дар бар мегирад, ки ҷузъе аз зиндагиномаи нависанда мебошад.

Дар ин китоб муаллифон зиндагиномаи Айниро бо диди хос ва усули таъсиргузори тасвир мурур карда, чеҳраи инсони барои миллат сарсупурда ва нависандаи андешамандро, ки ҳастиашро барои огоҳии маънавии наслҳо фидо кардааст, бо камоли диққат ва амонатнигаҳдорӣ ба риштаи тасвир кашидаанд. Китоб на фақат рӯзгори пуршебу фарози Айниро дар асоси ҳуҷҷатҳо дар пеши назари хонанда занда месозад, балки моҳияти иҷтимоии замон, муҳити зисту эҷоди нависанда ва талошҳои ӯро барои ҳифзи ҳувияти фарҳангии миллат ва ҳофизаи таърихии он ба равшанӣ муҷассам сохтааст.

Муаллифон дар китоби “Бо амри виҷдон” дар бораи шаҷараи авлодӣ, хонаводаи нависанда, падару модар, даврони наврасиву ҷавонӣ, таҳсили ибтидоӣ, пайванди ӯ бо муҳити иҷтимоӣ, таҳсил дар мадраса, иштироки фаъолонааш дар ҷараёни ҷунбишҳои маорифпарвариву инқилобӣ, робита ва ҳамкориҳояш бо аҳли адаб-намояндагони фаъоли ҷомеа, фоҷиаҳои давраи инқилоби Октябр, талошҳояш барои ҳифзи чеҳраи инсонӣ ва ҳунарӣ ва монанди инҳо маълумоти дақиқ овардаанд, ки ҳама аз воқеияти рӯзгори Айнӣ берун омадааст.

Дар китоб ҷустуҷӯҳои муаллифон дар бораи заминаҳо ва омилҳои гароиши Айнӣ ба инъикоси воқеиятҳои аз сари ӯ ва халқ гузашта, усули бархурдаш ба тасвири он ҳама фоҷеаҳо танҳо аз воқеияти сарнавишти нависанда, ки бо рӯзгори мардум ҳамсон аст, берун омада, ҳақиқати асноди

таърих ҳифз шудааст. Чунончи, вақте нависанда ба хаёл меравад ва саҳифаҳои пурфоҷиаи таърих пеши назараш зинда мешаванд, муаллифон дар тасвири чеҳраи ӯ дар ин ҳол аз ҳуҷҷат кор мегиранд, на аз хаёл. Аз ҷумла барои возеҳ намудани вазъи руҳӣ ва моҳияти бархурди нависанда ба замони ҷабру истибдод муаллифон тасвири зерро раво дидаанд, ки бар ҳуҷҷат асос ёфта, моҳияти аҳвол ва осори нависандаро дақиқ менамояд: "Ғазаб ва нафрат барои нависанда ду чизи хавфноканд. Онҳо мисли тафси гармсер рӯҳи инсонро пажмурда мекунанд. Ҳаждаҳ сол пеш, ҳангоме ки "Таърихи амирони манғитияи Бухоро"-ро менавишт, дар вақти баёни қабоҳаткориҳои амирони Бухоро лаҷоми ихтиёрро аз даст дода, заҳри дилашро бо калимаҳои зерин: "Зотан қабоҳат дар ин хонадон ирсӣ аст", ба сафҳаи коғаз рехта, вале дар охири ин асари худ қайди зеринро лозим дониста буд: "Чизҳоеро, ки ба нашри онҳо одоби қалам мутлақо мусоидат намекард, фошо-фош нигоштем, яҳтамил хонандагон нависандаро ба ин кирдораш муохаза намоянд, ба беодобӣ ва беназокатиаш нисбат диҳанд. Дар воқеъ ҳақ доранд. Мо низ аз ин кирдори худ хеле мутаассиф ҳастем...". Дар шарҳи ин гуфтаи нависанда муаллифон овардаанд: "Ӯ дар ин китоб воқеанигори гузаштаи хеле наздик, дар воқеъ як даврони хуну фасоде буд ва дар он ҷо ҳам нафрати вай маъно дошт ва ҳам кинаву ғазаби вай" [166, 4-5]. Ин иқтибос шаҳодати он аст, ки муаллифон бо истифода аз санадҳо ва ишораҳои худи Айнӣ усули бархурди ӯро бо воқеияти таърихӣ ва ҳадафаш аз тарзи тасвир ва ошкор намудани дарунмояи ҳаводисро воқеъбинона ба қалам додаанд, ки дар инъикос ва шарҳу тафсири сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии устод Айнӣ андешаи тоза мебошад.

Муаллифон дар ин китоб муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии Айниро дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замони зиндагиаш тасвир ва баррасӣ карда, нақши ӯро дар як давраи муҳими таърихи тоҷикон, аз ҷумла шаклгирии андешаи ислоҳотхоҳонаи ҷомеа, мубоpизаи ошкоро ба муқобили низоми амирӣ, ҷараёни ташкилшавии вилояти мухори Тоҷикистон, ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон, мубориза дар роҳи тозагии

забон, ҷалби аҳли қалам ба эҷодкорӣ ва таълифи осори инқилобӣ, мубориза ба муқобили унсурҳои бегона, аз ҷумла босмачиён, бозгашт ба пойтахти тоҷикон шаҳри Душанбе ва идомаи фаъолияти эҷодӣ дар заминаи ҳуҷҷатҳои таърихию адабӣ воқеъбинона тасвир ва тавсиф кардаанд, ки дар шинохти масъалаҳои аҳвол ва осори Айнӣ дар айнишиносӣ қадами ҷиддӣ буд [127, 288].

Яке аз таълифоти муҳими дигаре, ки дар айнишиносии ин давра ҷойгоҳи хос дорад, рисолаи А. Сайфуллоев "Мактаби Айнӣ" (1978) мебошад. Нуктаи муҳиме, ки дар ин асар ба миён гузошта шудааст ин аст, ки устод Айнӣ дар асоси дарки таъриху маърифати мероси гузаштагон ва дар натиҷаи омезиши дастовардҳои беҳтарини падидаҳои пешқадами тамаддуни миллӣ ва адабиёти ҷаҳон ба зинаҳои баланди адабу фарҳанг баромада, дар навбати худ ба манбаи маърифат ва мактаби тарбияти аҳли қалам мубаддал гардидааст. Ба ин далел, таҳқиқи сарчашмаҳои эҷодӣ, ҷанбаҳои милливу байналмилалии мероси устод Айнӣ ва таъсири эҷодиёти ӯ ба офаридаҳои суханварони дигар дар роҳи таъйини таҳаввули афкори бадеӣ ва тақдири хидмату мақоми таърихии сардафтари адабиёти навини тоҷик аҳаммияти муҳим дорад. Маҳз дар ин замина ба рӯйдодҳои ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ баҳо додан, муаммоҳои душвори таърихию адабиро кушодан самарабахш мебошад.

Атахон Сайфуллоев маҳз таҳқиқи ҳамин масъалаи муҳими зиндагинома ва эҷодиёти устод Айниро дар ин рисола ба уҳда гирифта, дар ҳалли он муваффақ шудааст. Донишманди фақид дар назди худ мақсад гузоштааст нишон диҳад, ки устод Айнӣ дар кадом мактабҳои адабӣ тарбият ёфта ба дараҷаи баланди илму адаб расид ва худ бо эҷодиёти арзишманди бадеӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ чӣ гуна мактаби эҷодӣ таъсис намуд ва онро ривоҷ бахшид [147, 12].

Дар рисола А. Сайфуллоев манбаъҳои пайдоишу инкишофи насри навини тоҷикиро хеле амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ карда, заминаҳо ва

омилҳои ташаккул ва таҳаввули онро аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ ва бо далелҳо исбот намудааст. Барои таъйиди назараш ба таҷрибаи Айнӣ ва гуфтаҳои донишмандони соҳа такя намуда, моҳияти мактаби ҳунарии Айниро барои хонанда ошкор менамояд. Дар рисола дар заминаи таҷрибаи эҷодии устод Айнӣ муаллиф таъсирпазирии ӯро аз адабиёти классикӣ, бахусус насри пешин ва осори баргузидаи адибони ҷаҳон бо мисолҳои мушаххас нишон дода, баҳрабардории ӯро аз "анъанаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик" [147, 11] ва беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла осори нависандагоне мисли Войнич, Такур, Дюма, Гюго, Верн ва Дюшен бо мисолҳо таъйид менамояд.

Муаллифи рисола ҷанинҳои насри советии тоҷикро аз адабиёти маорифпарварии ибтидои асри бист низ ҷустуҷӯ карда, як силсила осори дар ибтидои асри бист пайдошуда, аз ҷумла офаридаҳои худи Айнӣ, Беҳбудӣ, Шакурӣ, Садри Зиё,Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳакимро сарчашмаи дигари насри советии тоҷик меҳисобад. Дар ин замина муборизаи тезу тунди ду равияи адабӣ: равияи пешқадам (осори адибони маорифпарвар) ва равияи иртиҷоӣ (адабиёти ҷадида) ошкор карда шудааст, ки дидгоҳҳои ӯ оид ба равияи адабиёти ҷадида имрӯз қобили қабул нест.

А. Сайфуллоев ҷараёни инкишофи адабиёти навини тоҷикиро дақиқан пайгирӣ карда, дар ин замина нақши устод Айниро дар шаклгирии мактаби адабӣ, ки эҷодгараш худи ӯст, бо мисолҳо нишон медиҳад. Муҳаққиқ аз ҳамин мавқеъ мақоми устод Айниро дар солҳои баъди инқилоб, дар инкишофи публитсистика ва анвои гуногуни насри нави тоҷикӣ, ки зери таъсири равандҳои сиёсиву иҷтимоии замон шакл гирифтааст, баррасӣ менамояд ва омилҳои асосии ба вуҷуд омадани осори устод Айнӣ "Одина", "Дохунда", "Ғуломон" ва ғайраро мушаххас месозад. Масъалаҳои дигар, аз ҷумла заминаҳои ба вуҷудоии насри ҳамосӣ, нақши Айнӣ дар пешрафти матбуоти тоҷик ва улуми адабиётштносиву забоншиносӣ дар рисолаи муаллиф муфассал баррасӣ шудаанд.

Ба ин тартиб, Атахон Сайфуллоев дар асоси таҳлили амиқ ва бодалели илмӣ ва ҷустуҷӯҳои судманд манзараи умумии мактаби Айниро пеши назари хонанда оварда, таъкид мекунад, ки “мактаби эҷодии устод Айнӣ бо муҳимтарин анъанаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик, таҷрибаи фаровони ғоявию эстетикии реализми рус ва дастовардҳои бузурги адабиёти сермиллати советӣ робитаи мустаҳкам дорад. Дар баробари ҳамин, асосгузори адабиёти советии тоҷик дар давоми умри пурбаракат ва фаъолияти эҷодии худ аз намунаҳои барҷастаи маданияти маънавии инсонияти пешқадам бархурдор шуда, онҳоро дар таҷрибаи адабии худ моҳирона истифода кардааст. Аз ҳамин ҷост, ки эҷодиёти бой ва серсоҳаи устод Айнӣ... дар навбати худ хазинаи илму адаб фарҳанги пешқадами ҷаҳониро ғанитар гардонд. Бинобар он самараҳои файзбахши мактаби устод Айнӣ ғизои маънавӣ ва сарчашмаи тараққиёти эҷодии чандин насли нависандагони тоҷик ва дигар миллатҳо гардидаанд” [147, 345].

Дар бисёре аз мақолаҳое, ки дар ин марҳала дар бораи Айнӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ навишта шудаанд, масъалаҳои ҳамкории Айнӣ бо рӯзномаҳои он рӯзгор мавриди барасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла дар мақолаи А. Мираҳмадов ва В. Самад “Тафсири як ишораи Айнӣ” (1986) ҳамкории ӯ бо рӯзномаи “Бухорои шариф” дар заминаи “панҷ ишора”-и ӯ, ки “дар солҳои 1914, 1919, 1920, 1921, ва 1926 сурат гирифтаанд” [108, 111], таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин муаллифони мақола дар заминаи ишораҳои Айнӣ, ки дар баъзе асарҳои ӯ, аз ҷумла “Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам” ва “Таърихи инқилоби Бухоро” сабт шудаанд, андешаҳои Айниро доир ба рӯзномаи “Бухорои шариф”, ташкилкунандагони он, сармоягузорон ва сохтори нашрия баррасӣ кардаанд, ки чеҳраи ӯро ҳамчун яке аз бунёдгузорони матбуоти миллӣ мушаххас месозад.

Дар ин давра фаъолияти матншиносӣ ва накди қиёсии матни баъзе аз намунаҳои осори нависанда низ мавриди таваҷҷуҳи адабиётшиносон қарор гирифтааст, ки якеи он мақолаи А. Кӯчаров “Одина” ва масъалаи нашри интиқодии он” мебошад, ки баъдтар дар шакли рисолаи алоҳида бо номи

“Тадқиқи текстологии “Одина”-и С. Айнӣ” (1982) низ чоп шудааст. Муҳаққиқ дар ин таълифот матнҳои дар солҳои гуногун нашршудаи ин повести устод Айниро муқоиса карда, камбудиҳои онҳоро нишон медиҳад, ки заминагузорӣ ба нашри матни саҳеҳ ва интиқодии он аст. Дар натиҷаи қиёсу муқобалаи нашрҳои гуногуни повести “Одина” А. Кӯчаров ба хулоса меояд, ки “...чопи интиқодии повести “Одина”-ро ҳозир намудан яке аз масъалаҳои муҳими илми матншиносии тоҷик ба шумор меравад. Чопи интиқодӣ дар асоси омӯзиши ҷиддии чи дастхатҳо ва чи вариантҳои мухталиф ба амал омада дар он на танҳо матни аслии асарро бояд барқарор кард, инчунин ҳамаи материалҳои текстологиеро, ки таърихи тавлид, ташаккул ва такомули асарро муайян мекунанд, бояд дар бар гирад. Дар натиҷа барои чопи академии “Одина”, ки як ҷузъи нашри академии “Куллиёт”-и ояндаи устод Садриддин Айнӣ ҳисоб меёбад, имкон фароҳам меояд” [88, 123].

Ин донишманд “ба тағйироти композитсионӣ, санъатҳои тасвирӣ, таҳлии образҳо, ихтисору иловаи порчаҳои шеърӣ, ки дар нашрҳои мухталиф аз ҷониби нависанда дохил карда шудааст, маҳз аз ҳамин дидгоҳ наздик” шуда, “пас аз се таҳрири ҷиддӣ бандубаст, алоқамандии хати сужет ва воқеаҳои повести “Одина” таъйин ва хусусиятҳои жанрии он муайян мегардад” [43, 245-246]. Муҳаққиқ таҳриру такмили шахсиятҳои повестро аз ҷониби Айнӣ аз назар гузаронда, собит менамояд, ки нависанда образҳои асосии повестро дар ҳар нашр такмил додааст.

Аламхон Кӯчаров дар рисола масъалаи таҳриру такмили забону сабк ва воситаҳои тасвири бадеиро низ бо диққат аз назар гузаронда, “собит менамояд, ки С. Айнӣ ҳангоми истифодаи ин ё он калимаву ибора ҳам тобишҳои маъноӣ ва ҳам бори услубии онҳоро ба назар мегирад” [43, 248]. Муаллиф дар фасли “Тағйирот дар услуби нигориши “Одина” доир ба шаклу воситаҳои грамматикӣ, тарзу усули корбурди он ва сохтори наҳвии забони повест мулоҳизаҳои судманд баён кардааст, ки арзиши баланди илмӣ доранд.

Ниҳоят ин донишманд дар фасли охири рисола масъалаи нашри интиқодии повести “Одина”-ро ба миён гузошта, қиёсан тасҳифҳои дар нашрҳои гуногуни повест рухдодаро бо камоли диққат таҳлил ва арзёбӣ мекунад ва ба ин васила роҳро барои нашри интиқодии ин асари устод ҳамвор менамояд. Ин тадқиқот аввалин кӯшиш дар илми матншиносии тоҷик дар шинохт ва таҳриру такмили нусхаҳои повести Айнӣ “Одина” буда, пешниҳод ва раҳнамоиҳои судманди муҳаққиқ ҳамчун таҷрибаи илмӣ арзишманд боқӣ мемонад. А. Кӯчаров баъдтар китоберо бо номи “Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик” (1994) нашр намуд, ки дар фасли баъдӣ ҷустуҷӯҳои муалллифро дар ин замина баррасӣ хоҳем кард.

Яке аз адабиётшиносони дигаре, ки дар ин марҳала дар раванди умумии ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ нақши муҳим гузоштааст, адабиётшиноси фақид Б. Валихоҷаев мебошад. Ин донишманд дар ин замина як силсила мақолаву осори пурарзиши таҳқиқиро ба чоп расонидааст, ки мақолаҳои “Дохунда” дар экран”, “Садридин Айнӣ ва адабиёти ӯзбек”, “Устод Айнӣ ҳамчун муҳаққиқи забардасти адабиёт”,“Садриддин Айнӣ дар сифоти шоирони  Самарқанд”, “Тарзи тасвири реалистӣ ва романтикии Садриддин Айнӣ дар наср”, “Айнӣ-адабиётшинос”, “Садриддин Айнӣ муҳаққиқи адабиёти тоҷику ӯзбек”,“Таърихи инқилоби Бухоро”-и Садриддин Айнӣ ва мушкилоти муҳити адабии давр” ва ғайра аз ин ҷумлаанд. Дар мақолаҳои ёдшуда хусусиятҳои осори бадеӣ ва адабиётшиносии Айнӣ [4] таҳқиқ шуда, нақши ӯ дар инкишофи адабиёти навини тоҷикӣ [5] ва раванди фарогири робитаҳои адабию фарҳангии тоҷикону ӯзбекон нишон дода шудааст.

Дар ин замина яке аз таҳқиқотҳои ҷиддӣ ва пурмояи академик Б. Валихоҷаев “Муҳаққиқи бузурги ду адабиёт” (бо ҳамқаламии Р. Воҳидов) буда, дар он муаллиф асарҳои тоҷикию ӯзбекии Садриддин Айниро муфассал таҳлил ва моҳияти иҷтимоиву ахлоқӣ, таърихиву фарҳангӣ ва хусусиятҳои бадеии онро муайян ва мушаххас  намудааст. Пеш аз нашри рисолаи ёдшуда ин донишманд дар ин мавзуъ мақолаҳои ҷудогонае, аз

қабили “Устод Айнӣ ҳамчун муҳаққиқи забардасти адабиёт” ва “Айнӣ-адабиётшинос”-ро низ эҷод карда буд, ки дар онҳо оид ба тазкираи устод Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” ва осори дигари ӯ баъзе андешаҳояшро баён кардааст. Баъдтар дар рисолаи “Муҳаққиқи бузурги ду адабиёт” ин мавзуъро такмил бахшида, хидмати Айниро дар фароҳам овардани ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони як давраи муҳими таърихи адабиёти тоҷик бо камоли диққат ва воқеъбинона баррасӣ ва арзёбӣ намудааст.

Нахуст муҳаққиқ дар ин рисола баъзе мақолоту гузоришотеро, ки то таълифи китобаш дар нақди “Намунаи адабиёти тоҷик” навишта шудаанд баррасӣ карда, сари андешаҳои зиду нақизи баъзе муаллифон андеша меронад. Аз ҷумла ӯ тақризи Б. Азизиро, ки таҳти унвони “Намунаи адабиёти тоҷик” 23-уми феврали соли 1927 дар рӯзномаи “Овози тоҷик” нашр шуда буд, арзёбӣ карда, онро муғризона медонад [63, 4]. Ҳамин тавр, вай доир ба мақолаҳои И. Брагинский, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, А. Ҳаитматов, М. Кушҷонов, ки дар мақолаҳояшон дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик” андеша рондаанд, мулоҳизаҳояшро баён медорад. Сипас ин донишманд тарзи тазкиранигории Айниро таҳлил ва баҳогузорӣ намуда, баъзе тозакориҳо ва навназариҳои ӯро дар шинохт, интихоб ва арзёбии осори адибони замонҳои гуногун мушаххас месозад, ки бо гузашти замон ҳанӯз ҳам арзишманд аст.

Ба мушоҳидаи ӯ, “Намунаи адабиёти тоҷик” бо усули тазкиранависӣ иншо шуда бошад ҳам, аз чунин тазкираҳо, ки қаблан эҷод шудаанд, тафовути ҷиддӣ дорад. Ин тафовутро Б. Валихоҷаев дар он дидааст, ки агар тазкираҳои қадима фақат як давраи муайян ё фаъолияти эҷодкорони як муҳити адабиро фаро гирифта бошанд, ин тазкира, ба қавли Айнӣ “аз аҳди устод Абулҳасан Рӯдакӣ то ҳол (замони таълифи тазкира- С.Ҷ.) аз осори адибони машҳур, ки дар Мовароуннаҳр ва Туркистон расидаанд, ё ин ки ба ин сарзамин муносибате ба ҳам расондаанд,... намунаҳои манзум ва мансур ҷамъ карда мешавад” [62]. Илова ба ин, Айнӣ ҳамчун донишманди навназар маълумоти тазкиранависонро аз назари танқидӣ

омӯхта, баъзе камбудиҳои онҳоро ислоҳ намудааст. Муҳаққиқ дар ин замина дар такя ба суханони худи Айнӣ, ки дар муқаддимаи "Намунаи адабиёти тоҷик" омадааст, бозёфтҳои илмии устод Айнӣ, аз ҷумла зинда намудани номи адибони гузашта, тарғиби худшиносии миллӣ, "бо фактҳои таърих пардаи" душманони миллати тоҷикро даридани устодро ҳамчун намунаи олии миллатдӯстӣ ва ҷасоратмандии олимона таъбир менамояд [63, 18]. Ҳамчунин муҳаққиқ нақши ин китобро дар тарғиби адабиёти миллӣ ва худшиносии ақидатии мардум дар алоқамадӣ бо сиёсати ҳизби комунист шарҳ дода, чунин иқдоми Айниро василаи ҳифзи миллат ва адабу фарҳанги он таъбир мекунад.

Илова ба ин, Б. Валихоҷаев усули интихоби мероси шоирони гузаштаро низ дар ин тазкира аз ҷониби устод Айнӣ муҳим дониста, намунаҳои осори шоиронро дар алоқамандӣ бо хостаҳои ақидатии (идеологии) замон интихоб кардан, дар ин замина ҷиҳатҳои пешқадам, моҳияти ахлоқию иҷтимоӣ ва фарҳангии осори онҳоро ба эътибор гирифтан ва бо қиёсу тавсифҳои муҷаз нақш ва ҷойгоҳи ҳар як суханварро дар таърихи адабиёти тоҷик воқеъбинона муайян сохтани Айниро аз ҷумлаи тозакориҳои ӯ ба шумор меоварад.

Муҳаққиқ дар баробари мушаххас сохтани навҷӯиҳои устод Айнӣ дар эҷоди тазкира аҳаммияти таърихии чунин иқдомҳои ӯро низ муайян сохта, дар ин замина хидмати Айниро дар роҳи эҳё ва зинда кардани номи миллат ва адабу фарҳанги тоҷикон бо ироаи далелҳо собит месозад. Аз нигоҳи ӯ ин китоб, ки таълифи онро аввалин сарвазири Тоҷикистон Абдулқодир Муҳиддинов бар уҳдаи устод Айнӣ гузошта буд, ҳуҷҷате гардид, ки тоҷикҳо ба воситаи он "по ба майдони торихи нави худ"[63, 12] гузоштанд. Оғози ин таърихро устод Айнӣ аз аҳди Оли Сомон, аз устод Рӯдакӣ шуруъ карда, бе фосила то садаи бист, то соли 1925, яъне то рӯзҳои таълифи "Намунаи адабиёти тоҷик" идома додааст, ки бо фарогирии "осори 212 нафар шоирону насрнависони форсизабони Мовароуннаҳр" [11, 241] санади адабиву фарҳангӣ буда, ҳастии таърихии соҳибони ин адабиётро

таъйид менамояд. Ба мушоҳидаи муҳаққиқ, муқоисаҳои Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” асоси таърихӣ дошта, равшангари умри тулонӣ ва моҳияти маънавии ҳастии миллӣ ва таърихии халқи тоҷик аст.

Дигар аз тозакориҳои устод Айниро муҳаққиқ ба василаи ин китоб ба расмият даровардани истилоҳи адабиёти тоҷик  ва аҳаммияти адабию илмии он дониста, аз рӯи моҳият фақат тазкира ё маҷмуаи осори шоирон ба шумор намеоварад, балки таъкид мекунад, ки “Намунаи адабиёти тоҷик” ба ҷуз он ки ба сифати як маъхази илмӣ ва адабӣ аҳаммияти калон дорад, ҳамчунин ба воситаи ашъори шоирон, ки дар он гирдоварӣ шудааст, вазъи ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаро дар фосилаи замони таърихӣ ба сароҳат инъикос намудааст. Чизи дигаре, ки аз таҳқиқоти Б. Валихоҷаев муҳим ба назар мерасад, арзёбии сохтор ва дарунмояи ин китоб, диди адабиву зебоишиносӣ ва баъзе махсусиятҳои забон ва тарзи нигориши Айнӣ мебошад, ки дар рисолаи ёдшуда бо камоли диққат таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Ин донишманд аз таҳқиқи “Намунаи адабиёти тоҷик” ба хулоса меояд, ки ин китоб “чи фаъолияти илмии устод Айнӣ ва чи умуман адабиётшиносии советии тоҷикро ба ҳаракат овард. Пас аз ба майдон омадани вай ҳам устод Айнӣ ва ҳам дигар адабиётшиносон ба омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик бо қувваи нав шуруъ намуда, муваффақиятҳои нав ба нав ба даст меоварданд. Агар ба ҳолати имрӯзаи адабиётшиносии тоҷик назар кунем, аён мегардад, ки вазифаҳое,  ки устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” дар назди олимон гузошта буд, бомуваффақият иҷро гардид” [63, 9-10].

Донишманди фақид баъди “Намунаи адабиёти тоҷик” таълифоти дигари устод Айнӣ, аз ҷумла мақолаҳову рисолаҳои ӯро доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Фирдавсӣ, Саъдӣ, Восифӣ ва Бедил арзёбӣ  карда, назари ӯро доир ба моҳияти иҷтимоиву ахлоқӣ ва бадеии осори шоирони гузашта ба таври мушаххас баррасӣ менамояд, ки дар айнишиносии он рӯзгор сухани тоза буд.

Б. Валихоҷаев аз таҳқиқотҳои зикршудаи Айнӣ ба хулоса меояд, ки устод ба василаи корбурди усули муқоисавии таърихӣ, бо ёрии санадҳои илмӣ ва далелҳои мантиқӣ масъалаҳои адабиётро бо мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ  пайваста таҳқиқ кардааст, ки баёнгари диди илмии ӯ оид ба масоили адабию иҷтимоӣ мебошад.

Аз таҳқиқоти Б. Валихоҷаев бармеояд, ки устод Айнӣ дар асоси осори адиб омӯхтани аҳвол ва эҷодиёти ӯро муҳим дониста, дар таҳқиқотҳояш аз ин усул фаровон истифода кардааст. Аз ҷумла, назар ба мушоҳидаи Б. Валихоҷаев устод Айнӣ ҳангоми омӯхтани ҳаёт ва осори Саъдӣ, Фирдавсӣ ва Бедил аз чунин тарзи таҳқиқ ҳадафмандона истифода карда, ба ин васила бисёре аз масъалаҳои таърихи адабиёт ва зиндагиномаи адибонро ба дурустӣ ҳаллу фасл намудааст.

Дар ин замина омӯзиши жанрҳои адабӣ, санъатҳои бадеӣ, маҳорати ҳунарии шоирони бузург, ҷараёнҳои адабӣ, методҳои эҷодӣ, аз ҷумла методи реализм ва ташаккули он аз назари Айнӣ дур намондаанд. Ба мушоҳидаи Б. Валихоҷаев барои Айнӣ даҳҳо тазкира, китобҳои таърихӣ, луғату қомусҳо ҳамчун сарчашмаи бебадал дар омӯзиши таърихи адабиёт ва ҳаёту эҷодиёти намояндагони ҷудогонаи он хидмат кардаанд. Айнӣ дар ҷараёни омӯзиш санадҳои муҳимро гирд оварда, дар заминаи таҳқиқи онҳо ба натиҷаҳои арзишманд даст ёфтааст.

Таҳқиқотҳои дар ин равиш анҷомдодаи устод Айнӣ минбаъд барои муҳаққиқони соҳа ҳамчун сарчашмаи раҳнамо хидмат кардаанд. Аз ҷумла муҳаққиқ рисолаи Айнӣ “Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ”-ро дар фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ “саҳифаи тоза” таъбир карда, заминасози таҳқиқотҳои минбаъда дар роҳи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Саъдии Шерозӣ медонад ва онро муфассал таҳлил мекунад.

Муҳаққиқ дар ин мақола кашфиётҳои устод Айниро дар шинохти Саъдӣ як-як ном бурда, аз ҷумла менависад, ки Айнӣ аввалин бор “шарафи эҷоди ғазалҳое”-ро, ки “аз байтҳои гуногунмазмун таркиб ёфта бошанд, ба

Саъдӣ махсус” медонад. “Шакли муламмаъ”-ро низ, ба мушоҳидаи ӯ Айнӣ аз кашфиёти Саъдӣ ба шумор меоварад. Б. Валихоҷаев андешаи Айнӣ дар бораи аз тарафи Саъдӣ бо таълифи “Гулистон” ба авҷи аъло расонидани насри бадеии форсии тоҷикиро низ диди тоза дар шинохти осори Саъдӣ маънидод карда, дар ин замина аввалин бор усули эҷодии Саъдиро шинохтан ва мушаххас кардан ва Саъдиро “эҷодкунандаи ҳазлҳои намакин ва ҳаҷви ширин” шинохтани Айниро дар адабиётшиносии тоҷик ҳодисаи дар он рӯзгор нав арзёбӣ мекунад, ки нигоҳи воқеъбинона дар шинохти чеҳраи илмии устод Айнӣ мебошад.

Дар ин замина Б. Валихоҷаев ба хулоса меояд, ки Айнӣ “ба масъалаи методи эҷодӣ ва услуби нависанда дахолат карда, ба хулосаи муҳим омада, ки он ҳоло ҳам қимати худро гум накардааст. Устод Айнӣ дар ин бора чунин изҳори ақида дорад: “Танқидчиёни пештараи Шарқ Саъдиро “вуқуъгӯй” гуфтаанд, агар ин таъбирро бо термини байналхалқӣ иваз кунем, “реалист” гуфта мешавад. Ҳақиқатан ҳам Саъдӣ реалист аст. Муҳаққиқон ин сухани Айниро “ба маънои соддабаёнӣ ва воқеияти тасвир, яъне услуби нависанда кор фармудаанд, на ба маънои методи эҷодӣ” [63, 43].

Б. Валихоҷаев ҷустуҷӯҳои Айниро дар шинохт ва арзёбии ҳунари шоирии Саъдӣ аз ҷиҳати тасвири мазмуну мундариҷа ва ғояи осори Саъдӣ низ муфассал баррасӣ карда, моҳияти илмии ҷустуҷӯҳои ӯро дар ин замина мушаххас намудааст. Муҳаққиқ рисолаи “Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ”-ро дар фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ “саҳифаи тоза” маънидод карда, заминагузори тадқиқотҳои минбаъда дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Саъдӣ медонад.

Паҳлуи дигари андешаҳои ин адабиётшиносро назари воқеъбинонаи ӯ ба рисолаи Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” муайян мекунад, ки дар шарҳи фаъолияти бедилшиносии Айнӣ дар замони нашри ин рисола қадами ҷиддӣ буд. Муҳаққиқ андешаҳои зидду нақиз ва ғаразноки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла С. Ш. Муллоҷоновро [118, 80-84] дар муқоиса бо

ҷавоби устод Айнӣ ба тақризи ӯ [7, 85-91] аз назар гузаронда, хидмати Айниро дар таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодири Бедил, аз ҷумла мазмуну мундариҷаи осор, сабки Бедил, таъсири ӯ ба шоирони Мовароуннаҳр ва пайравии онҳо аз Бедил муфассал таҳлил ва нақши Айниро дар бедилшиносии Осиёи Марказӣ бо далелҳо мушаххас намудааст.

Андешаҳои Б. Валихоҷаев дар бораи хусусиятҳои мундариҷавӣ, ғоявӣ ва бадеии “Ёддоштҳо”-и Айнӣ, тасвири муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии он рӯзгор аз ҷониби ӯ ва вазъи ҳаёти адабии давра, бахусус нақши Аҳмади Дониш, Ҳайрат, Сиддиқии Гулшанӣ ва дигарон дар инкишофи адабиёти ин аҳд ва ҳамоиши адабию фарҳангии шоирони тоҷику ӯзбек бузург таъбир карда, ба ин натиҷа мерасад, ки “Ёддоштҳо” “барои таъини умумияти байни рӯшанфикрони тоҷик ва шоирони пешқадами ӯзбек дар ин давра материали бойе медиҳад” [63, 48]. Ба андешаи ӯ устод Айнӣ адабиёти тоҷик ва ӯзбекро баробар омӯхта, “барои инкишофи адабиётшиносии ӯзбек низ ҳиссаи босазо гузошт. Ин кор аз “Намунаи адабиёти тоҷик” бо зикри мавқеияти Навоӣ, Акмал, Нодира, Машраб оғоз шуда, дар “Ёддоштҳо” ва баъзе мақолаҳои дигари устод идома ёфтааст” [63, 51].

Б. Валихоҷаев устод Айниро аз бунёдгузорони навоишиносӣ дониста, таҳқиқотҳои ӯро дар боби аҳвол ва осори Навоӣ бунёдӣ ба шумор меоварад ва дар замина аз мақолаҳои ӯ “Мир Алишер Навоӣ”, “Алишер Навоӣ ва адабиёти тоҷик” ва рисолаи “Алишер Навоӣ”, ки саҳифаи тозае дар навоишиносӣ мебошанд ёд карда, рисолаи охирро муфассал таҳлил менамояд ва “як хусусияти бисёр дилчаспи ин тадқиқоти монографӣ”-ро аз он иборат медонад, ки “устод Айнӣ онро на бо услуби академӣ, балки сабки шавқангезу хонданбоб таълиф крдааст. Баёни илмӣ бо ҳикоятҳои гуногуни ба мавзуъ дахлдор тақвият ёфтааст. Ин ҳама боиси он гардидааст, ки ҳар як боби асар вобаста ба масъалаҳои ҳал кардаи муаллиф нақл шуда, аз пеши назари хонанда чун лентаи кино мегузаранд, хонанда низ худро шоҳиди ин манзараҳо ҳис мекнад” [63, 54].

Ин донишманд хидмати бузурги Айниро дар навоишиносӣ ба омӯзиши матншиносӣ вобаста дониста, иқдомҳои ӯро дар арафаи таҷлили 500-солагии Навоӣ ба алоҳидагӣ баррасӣ намудааст, ки баёнгари талошҳои ӯ дар таҳқиқ ва тарғиби ҳаёт ва осори Айнӣ дар он рӯзгор мебошад. Аз ҷумла Б. Валихоҷаев аз як мактуби Айнӣ ба Деҳотӣ иқтибос карда, ба ин васила ҷараёни талошҳои воқеии ӯро дар ин самт мушаххас месозад, ки баёнгари садоқати инсонӣ ва илмии Айнӣ дар шинохти Навоӣ ва ҳақшиносии муҳаққиқ аз ин чеҳраҳои адабию фарҳангӣ мебошад, Аз ҷумла устод Айнӣ дар ин мактуб навиштааст: "Дар бораи ташкил кардани саҳифа бахшида ба Навоӣ бо муҳаррири "Тоҷикистони сурх" Почоҷонов гуфтугӯ кардам. Маъқул шуд... Аз шумо илтимос ҳамин ки дар баробари фиристодани мақолаатон нависед, ки ба саҳифаи ташкилмешудагӣ кадом шеърҳояш (тоҷикиаш бошад хубтар аст, мегӯяд) ва аз кадом маҷмӯа ва ё тазкира гирифта шавад" [63, 55].

Дар таҳқиқоти Б. Валихоҷаев ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар заминаи рисолаи "Алишер Навоӣ" муфассал баррасӣ ва хидмати ӯ дар таҳия ва нашри "Хамса"-и Навоӣ баҳогузорӣ шудааст. Муҳаққиқ хидмати Айниро дар таҳия ва шарҳу тафсири ин асар, тартиб додани луғат, маънидоди санъатҳои шеърӣ, тафсири маъноии байтҳо қайд карда, дар ин замина ғалатҳои дар нашри осори Навоӣ роҳ ёфтаро ислоҳ кардани Айниро нишон додааст. Масалан, ба мушоҳидаи ӯ номи Маҳинбонуи достони "Фарҳод ва Ширин" дар баъзе чопҳо ба тарзи ғалат Маҳан Бону навишта шуда будааст, ки Айнӣ барои ислоҳи ин ғалат маънии номро шарҳ дода, навиштааст: "Маҳинбону-ба маънии Бонуи Бузург омада, номи холаи Ширин аст. Аммо, Маҳан Бону навиштан ва хондан, ки машҳур шудааст, хатост, чунки  "Маҳан" аввалан, ба маънии "суст" ва "заъиф" ва дуюм, гуфтан ва навиштан ба маънии номуносиб буда, ба номи қаҳрамони мусбат дуруст намеояд" [63, 53]. Муҳаққиқ шарҳу тафсири баъзе байтҳои барои хонанда номафҳумро дар он рӯзгор хидмати бузурги Айнӣ дар

шиносондани осори Навоӣ ва барқарор кардани мероси адабии тоҷикию форсии ӯ таъбир карда, дар ин замина корҳои матншиносии Айниро муҳим арзёбӣ мекунад ва ин иқдоми ӯро қадами аввал ва муҳим дар навоишиносӣ ба қалам медиҳад.

Хидмати дувуми шоёни Айниро дар навоишиносӣ муҳаққиқ дар пажӯҳиши густурдаи ӯ дар боби ҳаёт ва эҷодиёти Навоӣ дониста, таъкид мекунад, ки Айнӣ дар солҳои 30-40 ба таҳқиқи ин мавзуъ пардохта, онро ҳамчун тухфа ба ҷашни 500 солагии шоири бузург пешниҳод карда буд. Ба назари ӯ ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар шинохти воқеиятҳои муборизаҳои темуриён, маҳалли таваллуди Навоӣ, муҳити тарбиядидааш ва чи тарз гузаштани замони ҷавонии ӯ дар он замон иттилои тоза ва дақиқ оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Навоӣ буд. Б. Валихоҷаев фаъолияти навоишиносии Айниро "басо рангин" таъбир карда, дар ин замина ба масъалаҳои назарии навоишиносӣ ҳам машғул шудани ӯро ба алоҳидагӣ қайд мекунад ва барои исботи суханаш иқтибоси зеринро аз Айнӣ меоварад: "Алишер дар "Хамса" ҳамаи аҳволи замонаш,қисми аҳволи худро акс кунонидааст. Типҳои манфии достонҳои "Хамса"-ро аз замони худ гирифтааст ва ба муқобили онҳо типҳои эҷодиро аз хаёл ва орзуҳои худ сохта бароварда, мисли як намуди тақлид ва ибрат гузоштааст" [63, 42]. Дар ин замина муҳаққиқ назари Айниро доир ба образи Искандар низ таҳлил карда, арзёбии ӯро дар боби моҳияти иҷтимоиву ахлоқии ин образ муҳим медонад.

Муҳаққиқ ҷустуҷӯҳои Айниро дар боби усули тасвиргарии Навоӣ, аз ҷумла тарзи корбурди саноеи бадеӣ ва сабки Навоӣ низ арзёбӣ карда, моҳияти ҳунари ин шоирро барои хонанда кушода додааст, ки дар шинохти фаъолияти навоишиносии Айнӣ ҳарфи бодалел ва муҳим ба шумор меравад.

Чунон ки ба мушоҳида расид, хидматҳои Ботирхон Валихоҷаев дар ин марҳала дар шинохти фаъолияти илмии Айнӣ бузург буда, арзиши назарию амалии кори анҷомдодаи ӯ гувоҳи бардавомии корҳои

анҷомдодаи ин донишманд дар шинохт ва арзёбии аҳвол ва осори устод Айнӣ мебошад.

Дар заминаи мақолаву рисолаҳое, ки дар марҳалаи зикршудаи айнишиносӣ таълиф шудаанд ва дар ин фасл мавриди таваҷҷуҳи мо буданд, метавон ба хулсаҳои зер омад:

а) дар аксари ин таълифот аҳвол ва осори Айнӣ дар заминаи воқеиятҳои адабии замони шуравӣ баррасӣ ва арзёбӣ шудаанд, ки тобеияти андешаҳои назарӣ ва амалии муаллифон ба ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии идеологияи расмӣ равшан ба назр мерасад ва моҳияти ҷустуҷӯҳои илмии онҳоро муайян менамояд;

б) мақолаҳо ва рисолаҳои дар ин давра таълифшударо аз рӯи мазмун ва моҳияташон метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард. Гурӯҳи аввали муаллифон, аз ҷумла М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Ю. Салимов, Р. Фиш, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, А. Набиев, А. Кӯчаров, А. Маҳмадаминов, М. Мираҳмадов, В. Самад ва дигарон дар муайян намудани мушаххасоти зиндагинома ва эҷодиёти устод Айнӣ аз равишҳои усулии таҳқиқ истифода карда, консепсияи хоси шинохти ин масъаларо шакл додаанд, ки дар бисёр мавридҳо такя ба воқеият ва сарчашмаҳои таърихиву адабӣ дорад.

Дар ин давра масъалаҳои гуногуни ҳаёт ва осори нависанда мавриди таҳқиқ ва арзёбии донишмандони соҳа қарор гирифтааст, ки нақши ин соҳаи адабиётшиносиро дар шинохти чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии устод Айнӣ муайян мекунад. Масалан, агар М. Шукуров дар мақолаи “Услуби романтикӣ дар очерки “Темурмалик” (1973) хусуияти сабки нависандаро таҳқиқ ва мушаххас намуда бошад, адабиётшинос Б. Нозимов бо таълифи мақолаи “Ҷузъиёт ҳамчун ошкоркунандаи симои образҳои типӣ дар “Марги судхӯр” (1973) нақши ҷузъиёти конкретро дар тарзи тасвири қиёфаи зоҳирии шахсиятҳо дар асари устод Айнӣ баррасӣ намудааст. Мақолаи Т. Қароев ва Р. Воҳидов “Инъикоси револютсияи Бухоро дар романи “Дохунда” (1972) масъалаи таъсири омилҳои сиёсию иҷтимоӣ дар

шаклгирии шуури табақотии шахсиятҳои роман Ёдгор ва Абдуллохоҷаро дар таҷрибаи ҳунарии устод Айнӣ таҳлил намудаанд. Субҳон Амирқулов дар мақолаи пурмуҳтавои “Моҳият ва мавқеи адабиёти нимаи дуюми асри XIX дар таҳқиқи илмию адабии Айнӣ” (1971) саъй кардааст, ки арзиши тахрихии осори устод, аз ҷумла “Ёддоштҳо”-ро ба сифати як сарчашмаи боэътимоди адабӣ аз назар гузаронад.

Дар мақолаҳои дигар, аз ҷумла мақолаи А. Мавлонов “Ашъори ҳаҷвии Айнӣ” (1970), К. Ҳодиева ва К. Ҳусейнова “Айнӣ-муҳаррир” (1971), Х. Мирзозода “Мавқеи асарҳои бадеӣ дар китоби дарсии “Таҳзиб-ус-сибён” (1970), Т. Абдуҷабборов “Устод Айнӣ дар бораи реализм” (1971), Р. Ғаффоров “Аҳамияти лексикаи китобӣ дар насри Айнӣ” (1970), Д. Карамшоев “Доир ба таърихи чанд калимае, ки Айнӣ истифода кардааст” (1972) ва ғайра масъалаҳои мақоми ҳаҷв дар эҷодиёти Айнӣ, фаъолияти муҳарририи устод, нақши асарҳои бадеӣ дар сохтори мундариҷавии “Таҳзиб-ус-сибён”, шинохти Айнӣ аз усли тасвири реалистӣ ва ҷиҳатҳои муҳими забонӣ ва услубии осори нависандаро баррасӣ кардаанд.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқоти муҳаққиқон дар боби ҳаёт, осори бадеӣ, илмӣ ва публитсистии Айнӣ бармеояд, ки ӯ дар таърихи илму адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ нақш ва ҷойгоҳи хос дошта, таҷрибааш дар ташаккул ва инкишофи адабу фарҳанги миллат таъсиргузор будааст. Яке аз паҳлуҳои аҳвол ва осори Айниро дар таҳқиқоти анҷомгирифта муносибати ӯ ба инқилоби Октябр ва ҷадидия муайян мекунад, ки дар ин марҳила масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи хоси баъзе донишмандон қарор гирифта, мавқеи Айнӣ мушаххас карда шудааст. Таҳқиқоте, ки аз назар гузашт, далели он аст, ки пойбандии Айнӣ ба инқилоби таҳмилии Октябр, пеш аз ҳама, дар пояи шинохти манфиат ва мавқеи инсон дар ҷомеа устувор гардида, ин равиш ҳеҷ гоҳ монеи таҳаввули андешаи худшиносии миллӣ дар самтҳои фаъолияти илмӣ, адабӣ ва публитсистии ӯ нашудааст, баръакс заминаро барои таҳаввули афкори иҷтимоӣ ва инсонпарваронаи ӯ фароҳам

овардааст, ки осори бадеиву илмӣ ва публитсистиаш ин фарзияро таъйид мекунанд.

### I. 3. Айнишиносӣ дар давраи Истиқлол

Бозсозӣ аз ибтидои солҳои навадуми садаи гузашта сар карда, айнишиносонро барои ҷустани консепсияи нави шинохти ҳаёт ва осори устод Айнӣ раҳнамоӣ кард. Дигар шудани тасаввурот дар бораи таърихи ҷомеаи шуравӣ омили аслии тағйир ёфтани дидгоҳҳои назариву амалӣ оид ба адабиёт низ гардид. Ба ин далел, дар ин давра назари айнишиносон то ҷое ба муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёту эҷодиёти Айнӣ ва моҳияти иҷтимоиву маънавии он тағйир ёфт. Мо шоҳиди биниши тозае дар шинохт ва арзёбии баъзе паҳлуҳои аҳвол ва осори Айнӣ шудем, ки ҳадафаш илмро аз иҷтимоиятгароии дурушт халос кардан буд. Ба ифодаи дақиқтар, нависанда дар асоси таҳлили иҷтимоии амиқрав чӣ масъалаҳои муҳими ҳаётии инсонро ба андеша гирифтааст ва ин таҳлилу андешаҳои ӯ махсусиятҳои зиндагии халқ, ақаллан ягон ҷиҳати муҳими мазмуни таърихии айёми худ ё замони гузаштаро ба чӣ андозаи мукаммалӣ падид овардааст, аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки барои муайян кардани арзиши зебоишиносии осори бадеӣ аҳаммияти аввалдараҷа доранд. Дар марҳалаи мавриди назар маҳз ҳамин масъала ва ба қавли А. Набавӣ “мушкилаҳои навназарӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ” [127, 115] дар маркази диққати айнишиносон қарор гирифта, таваҷҷуҳи онҳо ба он равона гардидааст, ки ба ҷуз талаботи расмии созмондеҳони волюнтарӣ оё чизе аз воқеияти аслии замон ва зиндагӣ дар осори бадеӣ роҳ ёфтааст ё не. Чунин тамоюли фикрӣ аз ин дидгоҳ санҷидани ҷустуҷӯҳои айнишиносон ва бурду бохти онро тақозо мекунад, ки дар ин фасл аз назар хоҳад гузашт.

Ба эътирофи содиқонаи А. Набавӣ “Нахустин ва хубтарин рисолаву мақолаҳои дастурӣ дар бораи навназарӣ ба адабиёти замони шуравӣ”, аз ҷумла “аҳамияти эҷодиёти устод Айнӣ дар худшиносии миллӣ ва таърихии

тоҷикон”, “иртиботи маънавии” Садри Зиё бо Айнӣ, “мутолиаи эҷодиёти устод Айнӣ аз диди нав ва мақому манзалати бузурги вай дар ташаккули маънавии мардуми тоҷик дар садаи бист” аз тарафи М. Шакурӣ эҷод гардидаанд [126, 153], ки саҳми ин донишмандро дар ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ нишон медиҳанд.

Яке аз аввалин мақолаҳое, ки мушкилоти навназариро ба эҷодиёти устод Айнӣ дар ибтидои солҳои навадум матраҳ карда буд, мақолаи М. Шакурӣ “Аз пайи фаҳмиши нав” мебошад, ки баъдтар шакли такмилётаи он дар китоби муаллиф “Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист” (2006) ба чоп расид. Муҳаққиқ аз таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта қаноатманд набуданашро изҳор карда, менависад, ки “...замони мо навназарӣ, биниши тозаи танқидӣ талаб дорад. Яке аз усули асосии мо дар ин кор бояд ҳамон бошад, ки устод Айнӣ аз авввали инқилоби октябр дастури амал қарор дода буд. Устод соли 1920 дар “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” дар бораи назари танқидии худ навишта буд: “Мо...чун ҷарроҳи сангдили чобукдаст бо нештари қалам бераҳмона ҷароҳатҳои омоскардаамонро шикофтем ва буридем. Оре! Сафҳаҳои мусаффоро ба чирку хун олуда кардем. Лекин умед аст, ки ин захмҳои амалиётдидаи мо баъд аз ин ба ҳам омада, ҷисми фигори моро сиҳати комил муяссар гардад”. Ҳамин буд яке аз дастурҳои асосии устод Айнӣ дар тасвири замони гузашта-замони феодалӣ, ки инқилоб онро комилан рад карда буд. Имрӯз боз ҳам давраи чунин амалиёт расидааст” [58, 13]. М. Шакурӣ дар замони шуравӣ “дур рафтан аз ҳақиқати ҳаёт”-ро “як навъи поймол шудани адолати иҷтимоӣ” унвон карда, дар қатори бисёре аз масъалаҳои дигар ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ бо “навназарӣ, биниши тозаи танқидӣ” [58, 13] нигаристанро маслиҳат дода, худ дар ин замина баъзе корҳои муҳимро анҷом додааст.

Аз ҷумла М. Шакурӣ дар мақолаи “Аз пайи фаҳмиши нав” зери таъсири сиёсати зӯргӯйи вакт ва “зери хавфи доимӣ зидагӣ ва кор” кардани Айниро дар мисоли романҳои “Дохунда” ва “Ғуломон” далели “аз тадқиқи

бадеӣ дур” шудан ва “бештар ба нақли сарсарии пуртаъҷил ва баёни публитсистии ҳиссиётомез” [58, 22] гаравидани Айнӣ медонад. Муҳаққиқ фақат “дар асоси таҳлили бадеии ҳаёти замонҳои гузашта-зиндагии беҳуқуқонаи пеш аз инқилоб” ба “Ҷамъбастҳои ҷиддии фалсафӣ” [58, 26] даст ёфтани Айниро аз муваффақияти ҳунарии ӯ маънидод карда, дар ин замина аз “Ёддоштҳо” ном мебарад. Ба андешаи ӯ “дар адабиёти тоҷикии солҳои бисту сӣ ва чилу панҷоҳ Садриддин Айнӣ ягона насрнависе буд, ки асарҳояш дорои ҷамъбастҳои ҷиддии фалсафӣ мебошанд” [58, 19].

М. Шакурӣ дар мақолаи “Як нигоҳе умумӣ ба адабиёти тоҷикии сада” бо диди нав ба осори Айнӣ нигариста, бар боби “ҷамъбастҳои адабии фалсафӣ”-и ӯ муфассал сухан рондааст. Ӯ дар повести “Одина”, романҳои “Дохунда” ва “Ғуломон” дар заминаи “ҷамъбастҳои адабии фалсафӣ” “худшиносии иҷтимоии заҳматкашони одиро ба таҳқиқи бадеӣ” [58, 412] кашидани Айнӣ ва дар “Ёддоштҳо” “аз чорчӯбаи танги биниши синфӣ берун” ҷаста, “ба марзи худогоҳии маънавӣ қадам” гузоштани нависандаро ҳамчун равиши тозаи ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ маънидод кардааст, ки диди тоза дар шинохт ва арзёбии хусусияти хоси тафаккури бадеии Айнӣ мебошад.

Мақолаҳои дигари М. Шакурӣ, аз ҷумла “Тазкори ашъор” ва масъалаҳои пайдоиши шеъри ва “Падари миллат”, ки қаблан бо номи “Садриддин Айнӣ-равшангари бузурги тоҷик” чоп шуда буд, низ ифодакунандаи “навназарӣ, биниши тозаи танқидӣ”-и муаллиф дар таҳқиқ ва арзёбии ҳаёт ва осори устод Айнӣ мебошад.

Дар мақолаи “Тазкори ашъор” ва масъалаҳои пайдоиши шеър” муҳаққиқ пайванди маънавии Айниро бо Садри Зиё, андешаҳои ӯро дар бораи “Тазкори ашъор”, назари Садри Зиёро ба шеъри Айнӣ ва мухтассоти ҳунари шоирии ӯ бо диди нав баррасӣ ва арзёбӣ кардааст, ки ҳарфи тоза дар айнишиносӣ мебошад. Дар ин мақола муҳаққиқ андешаҳои Садри Зиёро дар бораи маҳорати шоирии Айнӣ, тозаҷӯйиҳои ӯ дар мазмуну

муҳтаво ва ҳунари шоирӣ ба таври алоҳида таҳлил ва арзёбӣ кардааст [58, 110, 146].

М. Шакурӣ дар мақолаи “Падари миллат” низ бо биниши тозаи танқидӣ ба аҳвол ва фаъолияти эҷодии устод Айнӣ нигариста, “фаъолияти иҷтимоӣ ва равшангарии ӯ”, хидматашро “барои худшиносии мардум” [58, 212] дар такя ба муҳимтарин санадҳои рӯзгори нависанда таҳқиқ ва баррасӣ кардааст. Муҳаққиқ дар ин мақола хидматҳои Айниро “на чун як сарвари сиёсӣ ё саркардаи низомӣ, балки ба сифати адибе ва донишманде, ба сифати як пешвои маънавӣ”-и тоҷикон арзёбӣ карда, меафзояд, ки “Дар даҳаи бистуми қарни бистум, ки тоҷикони Мовароуннаҳр дар айни шиддати муборизаҳои таърихӣ бе роҳбари забардасти сиёсӣ ва тӯдакаши ҷаррор монданд, қалами Айнӣ кори шамшерро карда, фаъолияти иҷтимоӣ ва илмиву равшангарии ӯ вазифаи муҳими сиёсӣ адо намуда, барои худшиносии миллии мардум, барои пайдо шудани сардорони лоиқи сиёсӣ, барои муайян шудани сарнавишти таърихии миллат нақши муҳим ифо кард” [58, 212].

Бо назардошти ҳамин ҳадаф муҳаққиқ ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Айниро бо диди нав таҳқиқ кардааст, ки аз таълифоти қаблии ӯ дар ин боб фарқ дорад. Ба хусус масъалаҳои пайванди маънавии ӯ бо Садри Зиё ва муҳити рушанфикрони Бухоро, ошноӣ бо афкори маорифпарварон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, фаъолияти Айнӣ ҳамчун аз фаъолони “давраи дувуми маорифпарварӣ”, амалкарди ҳадафмандона “пас аз инқилоби Русияи 1905”, фаъолияти омӯзгории Айнӣ дар мактаби усули нав, Айнӣ “муборизи роҳи маънавият”, ҳамкорӣ бо нашрияҳои даврӣ, робитаи ӯ бо Фитрат, Айнӣ ва ҷадидизм, идомаи “роҳи равшангарии” Айнӣ ва ба вуҷуд омадани “андешаи инқилобӣ” дар ӯ, ашъори равшангарона ва интиқомҷӯёнаи Айнӣ, эътирофи “иқилоби болшавикии Октябр” ва истиқболи рӯҳбаландона аз он, бо “танвири афкор” ва равшангарӣ хидмати инқилобро адо кардан, масъулиятшиносӣ ва маромномаи таърихии Айнӣ, ки фақат моҳияти миллӣ ва халқпарварӣ дошт, муборизаи

Айнӣ ба муқобили пантуркизм, муборизаи ӯ “ дар роҳи исботи мавҷудияти миллати тоҷик”, талоши Айнӣ ба “ранги миллӣ додан ба идеяҳои маорифпарварӣ”, “иштироки фаъолонаи Айнӣ дар муборизаи миллии озодиҷӯйии мардуми тоҷик”, ҷидду ҷаҳди фидокоронаи Айнӣ дар даҳаи бист дар роҳи истиқлоли миллии тоҷикон, Айнӣ бунёдгузори адабиётшиносии навини форсии тоҷикӣ”, нақши “фикри ҷӯяндаи Айнӣ дар сарнавишти миллат”, “риояи меросбарӣ ва пайванди замонҳо” дар масъалаи забон, дар даҳаҳои бистуму сиюм ”на синфият, балки “асоси иҷтимоии ҷаҳонбинии” Айнӣ қарор гирифтани “одамият ва миллият”, нақши “Назари иҷтимоии синфиятҷӯйӣ” дар эҷодиёти нависанда, худдории нависанда “аз падидоварии ҳамаҷонибаи саҷияи шахс” дар осори насриаш, аз ҷумла “Дохунда”, “нуфузи ҷанбаи публитсистии рӯзноманигорӣ ва лавҳаҳои репортажмонанд” дар қиссаи “Одина” ва романи “Дохунда” ва арзиши маорифпарварии он, қудрати қалами Айнӣ “дар тасвири нозукбинонаи зиндагии миллат” ва талоши “маънавиятҷӯии миллатпарварона”-и ӯ дар ин замина, инъикоси “худшиносии иҷтимоии заҳматкашон” дар “асарҳои сегонаи Айнӣ”, “худшиносии миллӣ” ва “поя бар худҷӯиву худрасии чандҷониба” доштани он дар тафаккури Айнӣ, “ҷилои ақлузаковати миллат” дар осори нависанда ва монанди инҳо пайбурди тозаи донишмандона даршинохти Айнӣ ва моҳияти сарнавишти инсонӣ ва осори ӯ мебошад.

Дар марҳалаи мавриди назар баъзе таҳқиқоте ба вуҷуд омад, ки муаллифон ба зиндагиномаи Айнӣ бо навназарӣ нигариста, паҳлуҳои муҳими рӯзгори ӯро барои хонандаравшан сохтаанд. Яке аз ҳамин гуна асарҳо рисолаи Соҳиб Табаров “Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ” (1875-1899) мебошад, ки равиши тозаи бархурди муаллифро ба масъалаи мавриди таҳқиқ ошкор менамояд. Муаллифи ин рисола “дар асоси сарчашмаю маъхазҳои дастрас, бахусус дар навбати аввал эҷодиёти худи Айнӣ, кӯшиш ба харҷ додааст, ки тарҷумаи ҳоли мухтасари нависандаро аз рӯзи таваллуд то соли 1899-то шиносоӣ ба китоби сардафтари

маорифпарварони тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш (1826-1897) "Наводир-ул-вақоеъ", ки дар ҷаҳонбинии ӯ инқилоби фикриро ба вуҷуд оварда буд, мавриди баррасӣ қарор диҳад" [162, 2]. Дар ин замина муҳаққиқ тавонистаст, ки дар рисола доир ба шаҷараи авлодии Айнӣ, солҳои бачагӣ, замони таҳсил дар мактаби кӯҳна ва духтарона, доир ба тарзи тарбияи хонаводагӣ, муҳаббати Айнӣ ба адабиёти бадеӣ, бахусус шеър, солҳои таҳсил дар мадраса, шиносоии Айнӣ бо зиёиёни пешқадам ва табақаҳои гуногуни аҳолии шаҳри Бухоро маълумоти дақиқ фароҳам оварад.Илова ба ин, муаллиф дар рисола доир ба пайванди маънавии Айнӣ бо муҳити фарҳангии Бухоро, аз ҷумла иштирокаш дар маҳфилҳои адабӣ, "шабнишиниҳои анъанавии бадеӣ, консертҳо, тӯйҳо ва монанди инҳо" маълумоти муҳими тарҷумаҳолӣ дарҷ карда, рисоларо бо овардани маълумот оиди аз тарафи муосиронаш чун шоир эътироф шудани Айнӣ ба поён мебарад.

Яке аз тозакориҳои С. Табаров дар таълифи ин рисола иборат аз он аст, ки муҳаққиқ  кӯшиш ба харҷ додааст,  "танҳо андаке ҳам бошад, ҳаёти давраҳои туфулияту шубоб ва булӯғу рушди Садриддин Айниродар якҷоягӣ бо роҳи зиндагӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодии ӯ-то соли 1899-1990, яъне солҳои охири таҳсилаш дар мадраса аз назари мутолиа гузаронад" [162, 4]. Дар рисола муаллиф таҳқиқва ошкор намудани мушкилоти иҷтимоии зиндагии Айнӣ, хулқу атвор, пайванди отифии ӯ бо муҳити иҷтимоӣ ва аҳли адабро, ки дар таълифоти дар марҳалаи аввал ва дувум анҷомгирифта бештар хусусияти иҷтимоъгароии маҳз дошт, бо навназарӣ баррасӣ карда, муҳимтарин паҳлуҳои зиндагиномаи Айниро воқеъбинона ба қалам додааст, ки нақши таъсирггузори ӯро дар айнишиносӣ собит менамояд.

Дар ин марҳала масъалаи навназарӣ ва биниши тозаи танқидӣ бештар диққати айнишиносонро ба худ ҷалб кардааст, ки дар ин замина баъзе таълифоти Х. Асосозода, А. Набавӣ, А. Кӯчаров, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, М. Имомов, Ш. Солеҳов, М. Сайфуллоева ва дигарон

ҷолиби диққат мебошанд. Аз ҷумла, яке аз аввалин мақолаҳо дар ин боб “Таҷдиди назар бояд” ном таълифоти Х. Асоев мебошад. Муаллиф дар ин мақола дар қатори баъзе “масъалаи ҷиддии дигар дар боби таърихи адабиёти советии тоҷик”мушкилоти зерини ҳаёт ва эҷодиёти устод Айниро ба миён гузошта, аз ҷумла менависад: “Масалан устод Айнӣ мансубияти жанрии осори мансурашро худ таъйин намудааст ё муҳаққиқони эҷодиёташ? Ё худ аз таъйини жанри “Ятим”, ки устод роман гуфтааст, чӣ хулосае бардоштан мумкин аст? Насри Айниро қиёсан ба насри классикӣ таҳқиқ намуда сипас хусусиятҳои тозаи онро бо далелу бурҳони қотеъ муайян намудан аз рӯйи ҳақиқат хоҳад буд. Ба ин маънӣ масъалаҳои сужетсозӣ, принсипҳои образофаринӣ ва фардикунонии қаҳрамонҳои мусбату манфии осори Айнӣ бояд ба тарзу усули нав баррасӣ шаванд” [29, 120].

Илова ба ин муаллифи мақола масъалаи ба давраҳо тақсим кардани фаъолияти баъди инқилобии Айниро низ ба миён гузошта, онро ба тариқи зер дастабандӣ мекунад: “солҳои бисту сӣ, замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва даҳ соли баъди ҷанг” [29, 120]. Ба назари Х. Асоев “Се давраи эҷодиёти Айнӣ таҳлили амиқи филологӣ ва муносибати навро тақозо” доштааст, ба ин далел, ки “дар ду давраи охир нависанда гӯё аз воқеияти сотсиалистӣ канораҷӯйӣ кардааст”. Сабаби инро муалиф ба “таҳдиду тазйиқи охири солҳои сӣ, ки Айнӣ ба онҳо рӯбарӯ шуда буд” алоқаманд дониста, таъкид мекунад, ки махз ҳамин омил “бовари вайро нисбат ба ин сохти дар аввалҳо барои устод “идеалӣ” камтар сохт”. Х. Асозода “зери фишори замона ва шахсиятҳои он ба баъзе сохтакориҳо роҳ” додани Айнӣ, аз ҷумла баҳогузории ғайривоқеӣ ба ҷараёни ҷадидӣ аз ҷониби ӯро аз ҷумлаи мушкилоте медонад, ки ба онҳо бояд “таҷдиди назар” кард [29, 120-121].

Чунон ки ба назар мерасад, ҳар ду масъалае, ки адабиётшинос ба миён гузоштааст, баҳснок аст. Нахуст, ин ки ҳеҷ ҳуҷҷатеро муҳаққиқ пеш

нагузоштааст, ки дар ду давраи охири эҷодиёташ “аз воқеияти сотсиалистӣ канораҷӯйӣ” кардани Айниро таъйид кунад. Ин масъала ҳамчунон баҳснок боқӣ мемонад. Дар масъалаи муносибати Айнӣ бо ҷараёни ҷадидӣ низ ҳамин гуна ҳолат ба назар мерасад. Санадҳое ҳаст, ки дар ибтидо гароиши Айниро ба ин ҷараён таъйид мекунанд. Вале баъдан муносибати Айнӣ нисбат ба ҷадидизм манфӣ мешавад, ки ин мавзуъ ба қадри кофӣ дар айнишиносӣ арзёбӣ шудааст.

Дар ин марҳала Х. Асозода доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ мақолаҳои “Устод Айнӣ ва Лоҳутӣ рамзи Тоҷикистон буданд” (2008), “Сиёсат, воқеият ва устод Айнӣ” (2009) ва рисолаҳои “Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ” (2004) ва “Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад буд” (2013)-ро таълиф кардааст, ки далели навназарӣ ва биниши тозаи танқидии муҳаққиқ дар шинохт ва арзёбии аҳволу осори нависанда мебошад.

Дар ин давра А. Набавӣ низ ба масъалаи “навбаҳоӣ ва тозанигоҳиҳо”, ки “андеша ва ақидаҳои зиддунақиз”-ро дар бар мегиранд, диққат дода, дар мақолаи “Мушкилаҳои навназарӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ” баъзе аз хусусиятҳои ташаккули шахсияти устод Айниро“ба сифати як рӯшанфикр, масъалаҳои баҳсноки роҳи эҷодии ӯ, муносибати вай ба масоили замонааш ва ғайраву ва ҳоказоро” [127, 115] мавриди таҳқиқи бамуддаъо қарор додааст. Муҳаққиқ масъалаҳои баҳсноки эҷодиёти Айниро дар ин мақола ба тариқи зер дастабандӣ кардааст:

а) омилҳои ташаккули шахсияти инсонӣ ва ҳунарии Айнӣ ба сифати як шоир ва нависанадаи навсоз (модерн) ва ба чӣ ранг шакл гирифтани тафаккури бадеии ӯ;

б) мақоми устод Айнӣ дар наҳзати ҷадидия ва муносибати вай намояндагони он;

в) муайян, мушаххас ва барқарор намудани “баъзе имзоҳои мустаор ва асарҳои беимзо ва ё фаромӯшшудаи ӯ”;

г) муайян кардани мақоми устод Айнӣ дар табдили алифбои арабиасоси (форсӣ) тоҷикӣ ба алифбои лотинӣ;

д) шинохт ва арзёбии воқеӣ ва дақиқи муносибат ва иртиботи Айнӣ бо низоми шуравӣ.

Муҳаққиқ масъалаҳои зикршударо баррасӣ ва баъзе паҳлуҳои онро равшан карда, аз ҷумла ба ин натиҷа расидааст, ки "масъалаҳои вобаста ба осор ва шахсияти Айнӣ дар ҳар марҳалаи зиндагии вай хеле бисёранд, муносибати ӯ ба шахсиятҳои гуногуни таърихӣ-сиёсатмадорон ва аҳли илму адаб низ на ҳамеша беғаразона шарҳу баст карда шудаанд". Ба ин далел ӯ таъкид мекунад, ки "ҳоло дар мавриди эҷодиёти Айнӣ ва мутолиаи тозаи осори вай, дастрасӣ ва чопи архиви устод масъалаҳои бисёре мавҷуд аст, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи аҳли илм қарор гирад" [127, 132]. Ин мақола бо таҳлили воқеъбинона дар шинохти мушкилаҳои эҷодиёти устод Айнӣ дар айнишиносии ин давра ҳарфи муҳим ва бодалел мебошад.

Яке аз муҳаққиқоне, ки дар дар айнишиносии давраи истиқлол бо таълиф ва нашри осори муҳим нақш ва ҷойгоҳи рафеъ касб кардааст, А. Кӯчаров мебошад. Бахусус фаъолияти матншиносии ӯ дар давраи истиқлол ривоҷ ёфта, доир ба матншиносии осори Айнӣ як силсила мақолаҳо ва рисолаҳои арзишманди "Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик", "Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ", "Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ", "Нақди матн ва нақди адабӣ" ва ғайраро ба чоп расондааст, ки ба қавли Ҷӯрахон Бақозода дорои "аҳамияти калони назариявиву амалӣ" [43, 245] мебошанд.

Дар асарҳои зикршуда ва баъзе мақолаҳои дигар А. Кӯчаров матни нусхаҳои гуногуни осори Айнӣ, аз чумла "Одина"-ро таҳқиқ карда, дар заминаи муқоисаи матнҳои мухталиф моҳияти иҷтимову бадеии ин повести устодро нишон медиҳад. Ин муҳаққиқ аз ҳамин мавқеъ ба тағйироти сохторӣ, усули тасвир, тарзи офариниши образҳо, ихтисору иловаи порчаҳои шеърӣ, ки дар нашрҳои гуногун аз тарафи Айнӣ дохил карда шудааст, наздик шуда ба он баҳо медиҳад.

Дар рисолаи ёдшудаи "Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик" муаллиф мулоҳизаҳояшро доир ба фаъолияти матншиносии Айнӣ баён

карда, хидмати бузурги ӯро дар нашри мероси классикӣ бо далелҳо собит месозад. Аз нигоҳи ин донишманд "Фаъолияти устод Айнӣ дар хусуси ба табъ расонидани матни саҳеҳи асарҳои бадеӣ ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр оғоз ёфта", бо "баъди инқилоб дастраси хонандагон намудани осори классикон" аз ҷумла Рӯдакӣ, Абӯалӣ Сино, Саъдӣ, Навоӣ, Восифӣ, Бедил ҳамчунон идома ёфтааст [90, 28-32]. Дар боби дувуми китоби зикршуда А. Кӯчаров ба "коргоҳи эҷодии устод С. Айнӣ" ворид шуда, нахуст маъхази шеърҳои дар романи "Ғуломон" истифода кардаи Айнӣ ва тағйироти дар ин замина дар нусхаҳои гуногуни роман ба вуҷуд омадаро бо муқосаи мусаввада ва нусхаҳои дигар нишон медиҳад, сипас ҷустуҷӯҳои ӯро дар ин замина бо камоли диққат арзёбӣ менамояд.

Таҳқиқоти матншиносии А. Кӯчаров оид ба "Ду таҳрири як симои таърихӣ" дар романи "Дохунда" низ дар асоси муқоисаи нусхаҳои гуногуни асар анҷом гирифта, ифодагари ҷустуҷӯҳо ва садоқати Айнӣ ба ҳадафҳои ғоявию бадеии роман мебошад, ки бо мақсади таҳриру такмили забон ва хусусиятҳои бадеии боби "Оташи ниҳонӣ"-и романи "Дохунда" анҷом гирифта, ба назари муаллиф "рӯҳи маҷбурӣ доштани тағйироти ғоявии боби" зикршударо ифода мекунад.

Дар мақолаҳои "Таърихи матни қиссаи "Марги судхӯр", "Муқоисаи матнҳои чопии ҳикояҳои "Аҳмади девбанд" ва "Мактаби кӯҳна", "Куллиёти ашъори С. Айнӣ ва такмили минбаъдаи он", "Андешаҳо оид ба тарҷумаи русии "Одина", "Сарчашмаи муътамади матн" ва "Асосҳои ба чопи илмӣ тайёр кардани повести "Одина" низ А. Кӯчаров масъалаҳои матншиносии осори устод Айниро таҳқиқ карда, ба ин васила диққати мутахассисонро бо роҳҳо ва усулҳои омода кардани матни интиқодии осори устод шинос менамояд.

Фаъолияти ин донишманд дар таҳқиқи эҷодиёти Айнӣ фақат ба масъалаҳои матншиносӣ маҳдуд намешавад, балки паҳлуҳои дигари аҳвол ва осори ӯро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла ӯ дар мақолаҳои "Айнишиносӣ ва нашри куллиёт", "Қиссаи "Одина"-и устод Айнӣ ва ягонагии миллӣ",

“Мавқеи матншиносӣ дар таълими эҷодиёти С. Айнӣ”, “Тадқиқот ва кашфиёт” (Тақриз ба китоби устод Айнӣ “Заруриййёти динийя”), “Чанд мулоҳиза аз фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ”, “Устод Айнӣ муҳаррири осори Ҷалол Икромӣ”, “Устод Айнӣ-рӯзноманигор”, “Устод Айнӣ ва тарҷумаи бадеӣ”, “Ҷанбаи таҳлилии номаҳои С. Айнӣ”, “Ақидаҳои омӯзгории Садриддин Айнӣ”, “Устод Айнӣ ва Истиқлолияти миллии Тоҷикистон”ва ғайра масъалаҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти нависандаро ба муҳокима кашида, андешаҳояшро дар ин замина баён кардааст, ки дар шинохти шахсияти инсонӣ ва ҳунарии Айнӣ равиши тоза мебошад.

Рисолаи Ш. Солеҳов “Роман дар адабиёти тоҷикии қарни 20” низ дидгоҳҳои тозаи муаллифро доир ба мактаби адабии Айнӣ ифода мекунад. Аз ин рисола пештар Ш. Солеҳов бо номи “Устод Айнӣ ва зуҳури насри реалистӣ” [154] мақолае нашр карда буд, ки ҷустуҷӯҳои Айниро дар офаридани навъҳои гуногуни адабӣ мушаххассохтааст. Дар рисолаи ёдшуда муаллиф дар заминаи воқеияти иҷтимоиву адабии даврони шуравӣ омилҳои асосии ташаккули шахсияти адабии Айнӣ ва нақши ӯро дар ташаккули мактаби романнависии тоҷикӣ нишон дода, доир ба “ҳудудҳои жанрии асарҳои насрии устод” ва “таъсир ва нуфузи сабку шеваи нигориши С. Айнӣ” [156, 221] баъзе мулоҳизиҳои ҷолиб баён менамояд. Аз ҷумла ӯ бар ин назараст, ки Айнӣ бо таълифи роман “на танҳо маҳорати баланди романнависии худро ошкор сохт, балки тавассути ба ҳам омезиш додани суннатҳои қадимаи тафаккури ҳамосии халқ, анъанаҳои достоннависии классикии форсии тоҷикӣ ва имкониятҳои дохилижанрии романи нави русию аврупоӣ ба марҳалаи ҷадиди инкишофи ин навъи ҳамосаи адабӣ роҳ кушод ва пайравони мактаби адабии ӯ ин кашфиёти адабиро дар шаклу шеваҳои ба худ хос идома доданд” [156, 236]. Дар рисола муҳаққиқ ҷустуҷӯҳои Айниро дар шаклдиҳӣ ва ташаккули жанри роман бо далелҳо нишон додааст, ки моҳияти биниши тозаи ӯро мушаххас месозад.

Дар мақолаи “Азамати Айнӣ ва заъфҳои айнишиносии муосир” Ш. Солеҳов бо диди нав ва биниши тозаи танқидӣ ба ҷараёни таҳқиқи ҳаёт ва осори Айнӣ нигариста, “хидматҳои бузурги” ӯро дар соҳаи адабиёт ба таври мушаххас зикр мекунад ва суол мегузорад, ки “оё мо меросдорони ин бузургвор дар назди рӯҳи муборакаи эшон вазифаю масъулияти худро ба тавре ки лозим аст ба анҷомнасонидем ё не?” Посух ба ин суолро “хушҳолкунанда” надониста, иллитҳои зайли айнишиносиро дар марҳилаи охир зикр менамояд. Аз ҷумла ӯ то имрӯз ба пуррагӣ дастраси хонандагон нашудани куллиёти Айнӣ, ба таъхир афтидани нашри илмию интиқодии асрҳои нависанда, чоп нашудани “Намунаи адабиёти тоҷик”, ба рӯйи айнишиносон боз набудани дари бойгонии устод, муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи Айнӣ дар адаб фарҳанги ҷаҳон дар заминаи ба таври муқоисавӣ омӯхтани осори адиб ва монанди инҳоро муаллиф аз камбудиҳои ҷиддии айнишиносии имрӯза медонад [155, 103-105].

Дигар аз айнишиносоне, ки дар ин марҳала оид ба эҷодиёти Айнӣ тадқиқоти ҷомеъ бурдааст, М. Имомов мебошад. Ин донишманд рисолаеро таҳти унвони “Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ” ба чоп расондааст, ки дар он масъалаҳои ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Айнӣ, банду баст, ҳунари сужетсозӣ ва поэтикаи портретсозӣ дар насри бадеии ӯмавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифта,дар ин замина нақш ва ҷойгоҳи устод Айнӣ дар таҳаввули насри бадеии тоҷикӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Ин асар тадқиқи бонизом, ҷомеъ ва мукаммали бандубаства сужети осори насрии нависанда, аз ҷумла ҳикояву очеркҳо, повесту романҳои ӯ мебошад, ки бо камоли диққат ва масъулият анҷом гирифта, чеҳраи ҷомеъи ҳунарии Айниро дар таълифи осори бадеӣ ба хонанда менамояд [84].

Марҳалаи савуми айнишиносӣ бо фарогирии масъалаҳои муҳим ва гуногуи аҳвол ва осори Айнӣ низ аз давраҳои қаблӣ фарқ мекунад. Дар ин давра муҳаққиқон ба ҷуз фаъолияти нависандагиву шоирӣ, ба самти илмии ҷустуҷӯҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ ва луғатсозии

устод таваҷҷуҳ кардаанд, ки маҳсули он ба вуҷуд омадани як силсила асарҳои бунёдӣ дар ин замина мебошад. Дар ин давра, бахусус дар фосилаи солҳои 1990 ва 1994-1998 иҷлосияи анъанавии илмии айнишиносӣ босамар амал карда, заминаро барои таҳқиқи ҳаматарафаи ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ ва нашри дастҷамъии ин маводҳо фароҳам овард ва ба нашри ҷилдҳои 9, 10, 11 ва 12-и "Ҷашнномаи Айнӣ" мусоидат намуд, ки таҳқиқоти гугунмавзуъро дар бораи фаъолияти серсоҳаи Айнӣ дар бар мегирад.

Вақте бо номгӯи маърӯзаҳои муҳаққиқон дар иҷлосияи 33, 34, 35, 36, 37 ва 38шинос мешавем, равшан мешавад, ки дар ин ҳамоишҳо, ба қавли Ҳ. Шодиқулов "масъалаҳои натарини айнишиносӣ ба майдони муҳокима гузоштташуданд" [193, 242]. Аз ҷумла дар 38-умин иҷлосияи илмии "Солонаи Айнӣ, ки ба шарафи 120-солагии сорӯзи устод Айнӣ ва рӯзи илми тоҷик баргузор шудааст, М. Шукуров дар мавзӯи "Сайри адабии Садриддин Айнӣ ва марҳалаҳои он", А. Маниёзов "Шеърияти назми устод Айнӣ", Р. Ғаффоров "Аҳамияти таърихии як мақолаи С. Айнӣ", Б. Шермуҳаммадов "Як таронаи мардумӣ дар романи "Ғуломон", Х. Шарифов "Садриддин Айнӣ ва мафҳуми "таърихи адабиёти тоҷик", С. Анварӣ "Нигоҳе ба забони "Таҳзиб-ул-сибён"-и Айнӣ", А. Кӯчаров "Айнишиносӣ ва масъалаи нашри осори нависанда" ва дигарон суханронӣ кардаанд, ки ифодагари дидгоҳҳо ва биниши тозаи интиқодии муҳаққиқони зикршуда мебошад.

Дар ин марҳала ҷустуҷӯҳои айнишиносоне мисли А. Маҳмадаминов, А. Кӯчаров, А. Сатторзода, М. Имомов, А. Раҳмонов,М. Абдуллозода, А. Ҳаким, А. Набавӣ . Ш. Солеҳов доир ба масъалаҳои муҳими аҳвол ва осори Айнӣ бо тозагӣ ва мубрамият афзалиятдоранд. Илова ба ин маҳз дар ҳамин марҳала масъалаҳои ҷойгоҳи Айнӣ дар улуми забоншиносӣ, нақши ӯ дар рушди робитаҳои адабӣ ва таъриху фарҳанги тоҷикӣ мавриди таваҷҷуҳи айнишиносон қарор гирифтааст, ки ҳарфи тоза дар ин замина мебошанд.

Яке аз донишмандоне, ки дар марҳалаи охир батаҳқи ва арзёбии ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии Айнӣ машғулшуда, дар ин замина тадқиқоти

муҳимеро ба анҷом расонидааст, А. Маҳмадаминов мебошад. Рисолаҳои ӯ “Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ”, “Айнишиносӣ ва замони ҳозира”, “Садриддин Айнӣ-олим”, “Поиски истины” ва ғайра воқеан дар айнишиносии тоҷик саҳифаи тоза буда, бисёре аз мушкилоти мавҷудро ҳаллу фасл намудаанд. Азбаски дар ин фасл мо имкони баррасии ҳамаҷонибаи онҳоро надорем, фақат баъзе паҳлуҳои муҳими ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқро ба таври фушурда аз назар мегузаронем.

Дар ин замина рисолаи А. Маҳмадаминов “Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ” таҳқиқоти ҷомеъ оид ба тазкираи Садриддин Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” буда, муаллиф дар ин таълифот ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими заминаҳо ва омилҳои пайдоиш, баҳсу мунозираҳои муғризона ва воқеъбинона дар атрофи он  ва хусусиятҳои сохториву дарунмояи  “Намунаи адабиёти тоҷик” муваффақ шудааст. Муҳаққиқ дар боби аввали рисола дар заминаи воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии солҳои бистуми садаи гузашта  барои тоҷикон сарнавиштсоз будани эҷоди ин асарро бо таҳлили санадҳои таърихиву адабӣ таъйид карда, хидмати бузурги Айниро барои эҳёи адабу фарҳанги гузаштаи тоҷикон ва муҳри хомӯшӣ задан ба даҳони пантуркистон як-як зикр мекунад. Мулоҳизаҳои А. Маҳмадаминов дар бораи тартиби “Намуна...”, моҳияти усулии даврабандии таърихи адабиёти тоҷик аз тарафи Айнӣ, тарзи интихоби анмунаҳои адабӣ, арзиши шарҳиҳолии ин асар, моҳияти диди адабӣ ва зебоишиносии муаллиф, манбаъи асосии маълумот дар бораи адабиёти садаи 19 ва 20 будани он дар айнишиносӣ, бахусус нақду арзёбии “Намунаи адабиёти  тоҷик” ҳарфи тоза ва бавазн ба шумор меравад.

Таҳқиқоти дигари А. Маҳмадаминов “Айнишиносӣ ва замони ҳозира” унвон дошта, муаллиф дар он аввалин бор суханронии Айниро дар пленуми якуми васеи Бюрои осиёимиёнагии Иттифоқи нависандагони умумииттифоқ оид ба масъалаҳои “1. Тарҷумаи бадеӣ. 2. Аҳаммияти нақди адабӣ. 3. Тарбияи кадрҳои соҳаи танқиди адабӣ. 4. Тарзу усули танқид. 5. Омӯзиши таҷрибаи адибони бузург” мавриди таҳлил ва арзёбии муфассал

қарор додааст, ки аҳаммияти он дар шинохти ҳадафҳои таърихии андешаҳои адабии Айнӣ бузург мебошад. Муҳаққиқ дар ин рисола масъалаҳои муҳими дигар, аз ҷумла моҳияти андешаҳои назарӣ ва адабию зебоишиносии Айнӣ дар заминаи "Намунаи адабиёти тоҷик", нақши ӯ дар таърихи матншиносии тоҷикӣ, сарчашмаи бебадали аҳвол ва осори Асирӣ будани "Намуна...", Айнӣ сардафтари тазкиранависӣ, омӯзиши андешаҳои адабию танқидии Айнӣ дар заминаи "Таърихи инқилоби Бухоро" ва ғайраро дар такя ба санадҳои боэътимод таҳқиқ карда, ба ин васила чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии Айниро барои хонанда намудааст, ки ҷустуҷӯҳои тоза ва пурмуҳтаво дар айнишиносии давраи истиқлолият мебошад [104].

Рисолаи "Садриддин Айнӣ-олим" низ, ҳамчунон дар вақташ Раҳим Ҳошим таъйид кардааст, муаллиф "дар рисолаи худ дар бораи соҳаҳои муҳим ва асосии фаъолияти илмии устод Айнӣ-адабиётшиносӣ, таърихшиносӣ, забоншиносӣ ва луғатдонию луғатнависӣ сухан ронда, он ҳиссаи калонеро, ки Айнӣ ба ин соҳаҳои илми тоҷик ҳамроҳ кардааст, хеле мухтасар, вале ба тарзи ба хонандаи умумӣ дастрас нишон додааст. Дар рисола оид ба ҳар як аз ин соҳаҳо ба таври мухтасар сухан рафта, нуктаҳои асосии фаъолияти устод кушода шуда, манзараи умумие аз кори бисёрҷонибаи илмии устод ба вуҷуд оварда шудааст" [105, 5].

Муаллиф дар ин асар "фаъолияти гуногунсоҳаи" илмии Айнӣ-адабиётшиносӣ, таърихнигорӣ ва забоншиносиро, ки "баъди Револютсияи Октябр" оғоз ёфта, "то охири ҳаёт"-и ӯ давом ёфтааст, таҳлил ва арзёбӣ карда, нақши ӯро дар ташаккули соҳаҳои ёдшудаи илми тоҷик мушаххас намудааст, ки барои алоқамандони аҳвол ва осори устод иттилооти тоза ва муҳим мебошанд [134, 7].

Рисолаи дигари ин донишманд "Поиски истины", ки қабл аз тадқиқоти ӯ-"Айнишиносӣ ва худогоҳии миллӣ" ба чоп расидааст, моҳиятан бо асари зикршудаи муаллиф як бошад ҳам, тафовутҳои усулие низ дорад, ки баёнгари кӯшиши муҳаққиқ дар роҳи ба хонандаи русзабон фаҳмрас

кардани масъалаи ба ҳаёту мамоти тоҷикон дахлдор мебошад, ки дар он замони каҷдору марез Айнӣ рӯйи даст гирифта амалӣ карда буд [103].

Рисолаи Ш. Раҳмонов “Шеър ва Айнӣ” таҳқиқоти ҷомеъи дигарест, ки маҳз дар ҳамин марҳалаи айнишиносӣ ба вуҷуд омада, ба таҳлилу арзёбии ақидаҳои адабию бадеӣ ва эстетикии устод Айнӣ ихтисос ёфтааст. Ин таҳқиқот аз чаҳор фасл ва оғозу анҷом иборат буда, дар ҳар фасле муаллиф як силсила муҳимтарин маълумоти назариро дар бораи моҳияти шеъру шоирӣ, аҳаммияти мантиқии шеър, пайванди шеър ва насри мавзун, андешаҳои устод Айнӣ дар бораи жанр, вазну қофия, образнокии сухани бадеӣ ва таҳрири шеърро дар бар мегирад. Ҳарчанд муаллиф ин рисоларо, чунонки худаш иқрор шудааст, мувофиқи завқ ва талаботи “хонандагону донишҷӯён ва муаллимон” [142, 91] эҷод кардааст, бо вуҷуди ин аввалин кӯшиши ба тарзи муфассал таҳлилу арзёбӣ кардани афкори бадеӣ ва зебоишиносии устод Айнӣ мебошад, ки огоҳона анҷом дода шудааст.

Дар рисола муҳаққиқ доир ба омилҳои асосии ба шеъру шоирӣ гароидани Айнӣ, дарунмояи иҷтимоӣ ва ҳадафгири андешаҳои шоир муфассал сухан ронда, баъдан табиати шеърҳои Айнӣ, пайванди шеъру насри мавзун, назари Айнӣ оид ба масъалаҳои назарии шеър, таҳрири он, баҳси арӯз дар солҳои сиюми садаи гузашта, андешаҳои назарии Айнӣ дар бораи шеъри тоҷикӣ, вазни ашъори Айнӣ ва монанди инҳоро ба таври мушаххас таҳлил ва арзёбӣ кардааст, ки ҷустуҷӯҳои тозаи амаливу назарии ӯро дар айнишиносӣ нишон медиҳад.

Ба ин тартиб, таҳлил ва арзёбиҳои дар ин фасл анҷомгирифта собит месозад, ки дар марҳилаи савуми таҳқиқи аҳвол ва осори Айнӣ навназарӣ ва биниши тозаи интиқодӣ нуфуз дошта, ифодагари хасусиятҳои хоси ташаккул ва таҳавввули айнишиносӣ ва ҷустуҷӯҳои муҳаққиқон мебошад. Омили асосии ин таҳаввулот тағйироти сиёсиву иҷтимоии дар ҷомеа рухдода, ошкорбаёниву ҳақталошӣ, бахусус истиқлоли воқеии кишвар мебошад, ки шароитро барои баёни андешаҳои гуногун муҳайё сохт. Ҳамин шароит имконеро фароҳам овард, ки айнишиносон ба аҳвол ва

осори Айнӣ, аз ҷумла шинохти чеҳраи воқеии инсонӣ ва ҳунарии ӯ, мансубияти иҷтимоӣ, тамоюли ақидатии нависанда ва таъсири он ба эҷодиёташ, ҳифзи ҳувияти миллӣ, талоши бешоиба барои барқарор кардани ҳуқуқҳои таърихии адабию фарҳангии тоҷикон  бо навназарӣ ва биниши тазаи интиқодии моҳиятҷӯй бархурд кунанд ва ҳақиқати ҳолро бинмоянд.

Афзалияти дигари ҷараёни ҷустуҷӯҳои илмии аёнишиносон дар ин марҳала аз он иборат аст, ки донишмандон бо диди нав ва моҳиятҷӯй ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни фаъолияти адабиву илмӣ ва фарҳангии Айнӣ таваҷҷуҳ карда, ҷиҳатҳои торик ё баҳсноки андешаву орои ӯ, аз ҷумла муносибаташ ба сиёсати вақт, ҷараёни ҷадидия, забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ ва асолати меросбариро воқеъбинона таҳқиқ ва арзёбӣ намудаанд, ки баёни ҳақиқат дар бораи зиндагинома ва тамоюлҳои ҳунарии Айнӣ мебошад.

# БОБИ II. ШИНОХТ ВА БАРРАСИИ ПАЖӮҲИШҲО ДАР ЗАМИНАИ ОМӮЗИШИ СОХТОРИ МУНДАРИҶАВИЮ ҒОЯВӢ ВА БАДЕИИ ОСОРИ АЙНӢ

## II.1. Таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори нависанда

Муҳаққиқоне, ки аз оғоз то ба имрӯз ба таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии Айнӣ машғул шудаанд, зери таъсири ҷараёни идеологии замон асосан ба моҳияти иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқии мушкилоти мавриди назари нависанда, монанди мазмуни инқилобӣ, адолати иҷтимоӣ, озодии инсон, мавқеи зан дар ҷомеа, нақш ва ҷойгоҳи табақаи меҳнаткаш дар ҷомеаи сотсиалистӣ, тасвир ва таблиғи рӯҳияи инқилобӣ, ҷаҳонбинии нави марбут ба сохти нав ва монанди инҳо таваҷҷуҳ кардаанд.

Дар ин замина нахустин кӯшишро дар шинохт ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии Айнӣ, аз ҷумла повести “Одина” муҳаққиқони рус Шевердин ва Афанасев анҷом дода, мазмуни онро инқилобӣ ва марбут ба тасвири аҳволи иҷтимоии “кӯҳистонии камбағал, зулми бек ва мансабдорони амир, ҳаракати инқилобӣ” [174, 5] донистанд. Дар айнишиносии тоҷик Раҳим Ҳошим бори аввал дар мақолаи “Якумин қиссаи инқилобии тоҷик “Одина”, ки соли 1928 дар шумораҳои 8 ва 9 маҷаллаи “Раҳбари дониш” чоп шудааст, ба таври мухтасар доир ба хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии повести “Одина” мулоҳизаҳояшро баён кардааст. Муҳаққиқ повести “Одина”-ро “яке аз он китобҳои сурхе” донистааст, ки “саргузашти як тоҷики камбағалро ҳикоя мекунад ... Дар “Одина” аз муомила ва истисмори як муштзӯри тоҷик сар карда, то зиндони Бухоро, мурофиа ва муҳокимаи қозии шариат, заводи пахта ва як тӯда воқеаҳои давраи инқилоб бо маҳорати тамом тасвир карда шудааст” [174, 3].

Муҳаққиқ пас аз зикри мавзуву мазмуни мундариҷаи повест ғоя ва моҳияти идеологии повестро дар тобеият ба сиёсати вақт шарҳ додааст, ки онро ҳамчун шарҳи моҳияти иҷтимоиву сиёсии асари Айнӣ метавон пазируфт. Ин мақола ва рисолаи Н. Бектош, ки поёнтар дар борааш сухан хоҳем кард, дар такя ба усули (методи) таърихиву фарҳангӣ, ки дар адабиётшиносии солҳои бисту сӣ роиҷ буд, навишта шуда, муаллиф мундариҷа ва ғояи повести Айниро танҳо аз назари идеологияи ҳизбӣ таҳлил ва арзёбӣ карда, андешаашро дар охири мақола чунин ҷамъбаст менамояд: "Мехоҳем бигӯем, ки "Одина" як қиссаи инқилобӣ ва ҳаётии тоҷик аст. "Одина" зиндагонии ранҷбар, ҳаёти мардикори тоҷикро аз бисёр ҷиҳатҳо бар бар гирифта, тасвир мекунад. Дар "Одина" тамоми сабаб ва заминаҳое, ки дар Бухорои собиқ оммаи меҳнаткашро ба инқилоби шӯроӣ тайёр карда буд, нишон дода шудаанд. Дар "Одина" давраи бадбахтии тоҷики камбағал тасвир шудааст" [174, 5].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, Раҳим Ҳошим  дар ин мақола ғоя (дарунмоя)-и повести Айниро "аз мавзуъ"-и асар берун кашида [114, 42], онро василаи густариш ва такомули андешаи иҷтимоӣ ва ҳунари тасвиргарии Айнӣ ба шумор меоварад, ки таҷрибаи аввал дар накди адабии иҷтимоъгарои тоҷикии солҳои бистуми садаи гузашта мебошад.

Рисолаи Бектош "Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ" такмили мақолаи "С. Айнӣ дар адабиёти инқилобии тоҷик"-и ӯ буда, он, ба пайбурди А. Набавӣ намунаи "роҳи илмӣ гирифтани накднависии навбунёди тоҷикӣ" [125, 206] дар шинохти мундариҷа ва ғояи осори бадеии Айнӣ, аз ҷумла повести "Одина" ва романи "Дохунда" мебошад. Таҳлил ва арзёбиҳои Бектош дар ин мақола ба ошкор намудани моҳияти иҷтимоии мундариҷа ва ғояи асарҳои Айнӣ нигаронида шуда, дар ин замина вай менависад, ки "Дар романҳои Айнӣ (Бектош "Одина"-ро низ дар баробари "Дохунда" роман гуфтааст- С.Ҷ.) ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ ҳеҷ набошад як намояндае доранд, ки дар вазъият ва шароити иҷтимоӣ-дар муносибати зиндагии иҷтимоӣ ба ҳамдигар пайваста шудаанд" [48,  25]. Ин пайвастагиро

муҳаққиқ бо зикри аъмоли шахсиятҳои ҳар ду асар, ки намояндагони табақоти истисморгаранд, собит мекунад. Дар ин замина вай аз таҳлили мундариҷаи повести "Одина" ва романи "Дохунда" ба ин натиҷа мерасад, ки "усул ва фурмҳои гуногуни истисмори кулакҳо ва ба кулак мутеъ будани деҳқонони миёна ва камбағал"-ро [48, 25] тасвир кардани Айнӣ ба таври воқеӣ падид овардани мавқеи инсони золим ва мазлум дар ҷомеаи истисморгар аст. Ба мушоҳидаи ӯ Айнӣ ба василаи тасвири воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ дар истисмори деҳқон ҳамфикр будани оқсақол, ҳоким, мулло, кулак ва онҳоро ҳимоя кардани "аппарати режими амирӣ"-ро [48, 25] таъйид менамояд. Дар ин замина Бектош мундариҷа ва ғояи ҳар ду асарро муфассал таҳлил карда, тадриҷан таҳаввули ҳунари нависандаро дар ин замина муайян менамояд, ки дар он рӯзгор қадами аввал дар идроки бадеии консепсияи эҷодии Айнӣ буд.

Бектош дар баробари шинохти дастовардҳои Айнӣ дар таълифи ин асарҳо баъзе камбудиҳои онҳоро низ зикр мекунад, ки ба мундариҷа ва ғояи повест ва роман дахл дошта, дар вақташ Айнӣ ба он ҷавоб ҳам навишта буд. Эроди Бектош ин буд, ки "..дар эпизодҳои пасоянда (сухан аз амалкарди деҳқонони хонахаробгашта ва ба роҳи инқилоб даромадани онҳо меравад- С.Ҷ.) Айнӣ тамоман дигар мешавад. Хусусан, дар ҷангҳои босмачигарӣ ва давраи сохтмони хоҷагии мамлакат ба битовизм сар карда зиндагиро рӯякӣ-танҳо намуди шароитӣ ва берунии онро тасвир мекунад. Эпизодҳои он иборат аз тасвирҳои берунӣ (внешно описателное) содаи реалистӣ аст" [47]. Илова ба ин Бектош навишта буд, ки "...инъикоси қишлоқ ва характерҳои имрӯза танҳо содаи реалистона ва монанди аз тирезаи вагон менамудагии манзараҳои тез-тез гузаранда ва дар нутқҳои дуру дароз хушк аст" [48, 48-49].

Устод Айнӣ ин эроди Бектошро оид ба тарзи тасвири ӯ дар вақташ қабуд карда, аз ҷумла навишта буд: "Дуруст аст, ки аз ҷиҳати тасвир ҳамаи ҷойи ин китоб як зайл набаромадааст ва мумкин аст, ки аз ҷиҳати техникаи таҳрир хеле нуқсон дошта бошад" [8]. Ҳамин гуна эродҳоро Бектош доир

ба тасвири босмачигарӣ ва муборизаи синфӣ дар “Дохунда” низ зикр кардааст, ки чунин тарзи содагарой дар тасвири воқеият минбаъд, ба андешаи А. Набиев, ҳамчун “муҳимтарин камбудии адабиёти солҳои 30-50” [125, 231] зикр шудааст.

Аз солҳои панҷоҳуми садаи гузашта ба баъд масъалаи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии Айнӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии донишмандоне мисли М. Шукуров (М. Шакурӣ), А. Сайфуллоев, И. Брагинский, Н. Маъсумӣ, А. Набиев (А. Набавӣ), М. Раҷабӣ, Ш. Солеҳов ва дигарон қарор гирфтааст, ки дар шинохти моҳияти сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии Айнӣ муҳим ва арзишманд мебошад.

Дар ин радиф яке аз аввалин таҳқиқоти ҷиддӣ ва пурмоя мақолаҳои М. Шукуров “Анъанаҳои ёддоштнависии классикӣ дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ”, “Саҳифаҳои нафрат ва тамасхур” ва “Ҳаҷв дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ” мебошанд. Дар мақолаи аввал муаллиф дар алоқамандӣ бо таҳқиқи масъалаи таъсири суннатҳои ёддоштнависии классикӣ дар “Ёддоштҳо”-и Айнӣ “марҳалаҳои муҳими асарро дар асоси мазмуни иҷтимоии он муайян” карда, воқеияти зиндагиро ҳамчун василаи такмили сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии асар ба шумор овардааст. Ба назари ӯ дар “Ёддоштҳо” “Ҳар як ҳодисаи муҳими зиндагӣ, ки ифодаи қонунияти ҷамъиятӣ ва инкишофи таърихӣ буда, дар айни замон то андозае ба тақдири қаҳрамон, ба тараққиёти фикрӣ ва ҳолати рӯҳии ӯ осоре боқӣ гузоштааст, як марҳалаи нақли муаллифро ташкил медиҳад. Унсури асосии идоракунандаи композитсия Садриддин нест, балки муҳити ӯ, таъсирҳои қабулкардаи ӯст. Ҳатто дар қисмҳои сейум ва чоруми “Ёддоштҳо” образи қаҳрамони асосӣ ба як риштаи пайвандкунандаи воқеаҳои гуногуни асар табдил ёфтааст” [184, 30]. Ин тарзи шинохти хусусияти мазмунбандӣ ва муҳтавои “Ёддоштҳо”-и Айнӣ ҳанӯз дар он рӯзгор сухани бавазн буд ва минбаъд дар рисолаҳои ин донишманд “Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ” ва “Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ” такмил ёфта, дар алоқамандӣ бо сохтори бадеии “Ёддоштҳо” ва дигар асарҳои Айнӣ таҳқиқ ва таҳлил

шудааст. Вале он чи ки дар баррасии “Ёддоштҳо” муҳим аст, ҳамоно шинохти консепсияи хоси ҳунарии нависанда дар пайвастагӣ бо мазмуну муҳтаво падид овардани “нияти ғоявию бадеии нависанда” [184, 31] мебошад.

Ҳунари Айниро дар офаридани сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии осори насриаш М. Шукуров дар заминаи корбурди ҳаҷв низ баррасӣ карда, нахуст таъкид мекунад, ки “дар “Ёддоштҳо”, ки асосан асари ҳаҷвӣ нест, ҳаҷв ва мутоиба-сатира ва юмор вазифаи муҳимеро иҷро кардааст” [185, 39]. Муҳаққиқ дар ин замина нақши ҳикояҳои ҳаҷвиро дар такмили мундариҷа ва ғояи “Ёддоштҳо” баррасӣ карда, аз ҷумла менависад: “С. Айнӣ бо дохил намудани ҳикояҳои ҳаҷвӣ, ки хеле ширин ва зарофатноканд, хостааст, ки асар бештар шавқовар шавад ва диққати хонандаро ба сӯйи худ кашад” [185, 39]. Аз идомаи таҳқиқоти М. Шукуров бармеояд, ки ҳикояҳои ҳаҷвӣ дар ин асар на фақат василаи шавқовар шудан ва “диққати хонандаро ба сӯйи худ” кашидан, балки тарзи такмили сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии асар низ будааст, ки аз ҷониби Айнӣ огоҳона ва ҳунармандона анҷом гирифтааст. Муаллиф дар ин замина “Ёддоштҳо”-и Айниро дар “янҷоягӣ” ва “ягонагии ҷудонашаванда” [60, 109] бо мундариҷа ва ғояи асар таҳлил карда, пайванди мантиқӣ ва ҳунарии онҳоро бо далелҳо собит менамояд. Ба мушоҳидаи ин донишманд ҳикояҳои ҳаҷвии “Ёддоштҳо” хусусияти ҳаҷвӣ дошта, “бо мақсади умумии нависанда мувофиқати куллӣ дорад” ва барои “беҳтар кушодани моҳияти ҳодисаҳо ёрии ҷиддӣ” [183, 130] расондааст. Айнӣ, пеш аз ҳама, аз ин унсур бо мақсади масхара ва хандахариш кардани “намояндаи ягон синфу гурӯҳи истисморкунандаи ҷамъият” [185, 39] истифода кардааст, ки дар такмили сохтори мундариҷавию ғоявии асар таъсиргузор будааст. Ба ифодаи дақиқтар, М. Шукуров дар таҳқиқоти зикршуда “соҳиби мазмуни баланди ғоявӣ ва бадеияти олӣ” будан ва дар эҷодиёти Айнӣ ҷойгоҳи хос доштани чунин ҳикояҳоро [185, 84] бо таҳлили қиёсӣ таъйид кардааст.

Муҳаққиқи дигаре, ки дар боби мазмуну мундариҷа ва ғояи осори Айнӣ ҷустуҷӯҳои судмандеро анҷом додааст, Атахон Сайфуллоев мебошад. Ин донишманд дар таҳқиқоти “Романи устод Садриддин Айнӣ “Дохунда”. Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии асар” (1966) ва “Мактаби Айнӣ” (1978) дар қатори дигар масъалаҳо ба омӯзиши хусусияти сохтори мундариҷавию ғоявии романи “Дохунда” ва дигар осори устод диққат дода, муҳимтарин дастовардҳои ҳунарии нависандаро дар ин замина таҳлил ва арзёбӣ намудааст. Ба ифодаи М. Шукуров (М. Шакурӣ) ин донишманд дар рисолаи “Романи устод Садриддин Айнӣ “Дрхунда”. Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии он” “ҳақиқатнигории устодона ва पояи нави такомули маҳорати адабии С. Айниро вобаста ба таҳлили мундариҷаи ғоявии романи “Дохунда” хеле хуб нишон додааст” [187, 8]. Муҳаққиқ масъалаи мавриди назари моро дар қисми дуюми рисолаи зикршуда дар алоқамандӣ бо баёни маҳорати воқеанигории нависанда, таҳлили сужет ва композитсияи асар ва дар қисми сеюм дар заминаи таҳлили образҳои роман таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст.

А. Сайфуллоев дар рисола мундариҷаву мазмуни асарро нақл накардааст, балки ҳунари нависандаро дар ин замина тавсиф намуда, бо зикри силсилабандии воқеаҳо ва бандубасти ҳунарии роман ҳунари нигорандагии Айниро нишон додааст. Муҳаққиқ дар ҷараёни таҳлили мазмуну мундариҷа ва ғояи роман ба моҳияти иҷтимоии мундариҷаи ғоявии асар эътибори бештар дода, дар ин замина бо роҳи таҳлили воқеиятҳои мавриди тасвири нависанда моҳияти амалу кирдори шахсиятҳои романи “Дохунда”-ро бо образҳои асарҳои дигари нависанда (мисли Ёдгор-Одина, Гулнор-Гулбибӣ-Ҳабиба, Абдуллохоҷа-Мирзо Усмон ва ғайра) муқоиса кардааст, ки дар шинохти моҳияти масъала, аз ҷумла пешрафти ғоявӣ ва такомулоти маҳорати нависанда муҳим ба назар мерасад [118, 47-48].

Муҳаққиқ дар баробари муваффақиятҳо камбудии “мундариҷаи ғоявии асар”-ро низ нишон дода, “дар майдони мубориэаи амалӣ нишон”

надодани фаъолияи шахсияти роман Абдуллоҳочаро аз ин ҷумла ба шумор меоварад ва хулоса мекунад, ки "Нависанда ҳаёти Ёдгор ва Абдуллоҳочаро тасвир карда муносибати онҳоро ба ҳодисаҳои ҳамон давра нишон дода бошад ҳам, амалиёти бевоситаи онҳо дар ҳамин давраи пуршиддат тасвир наёфтааст" [146, 53]. Чунон ки мебинем, он чи А. Сайфуллоев доир ба ин масъала гуфтааст, ҳамон аст, ки ҳанӯз дар солҳои сиюм Бектош зикр карда буду ба доираҳои адабӣ маъқул нашуд [48, 42].

Муҳаққиқ маҳорати Айниро дар корбурди мундраиҷаи ғоявии роман дар алоқамандӣ бо шароити таърихӣ, характери воқеаҳо ва тарзи амалиёти шахсиятҳои асар таҳлил карда, "онҳоро ба мадди аввал ё сонӣ" гузошта меафзояд: "Агар мо романи "Дохунда"-ро аз рӯйи мундариҷа ва ҳодисаҳои таърихӣ ба се қисмат-давраи то Револютсияи Халқии Советии Бухоро, солҳои ҷанги гражданӣ ва замони барқарор шудани хоҷагии халқи Тоҷикистон ҷудо намоем, ин хусусияти композитсия боз ҳам равшантар мегардад" [146, 54]. Ба ин тартиб, А. Сайфуллоев воқеаҳои таърихӣ ва сарнавишти шахсиятҳои романро таҳлил карда, ба ин васила таҳаввулоти тадриҷии мундариҷаи ғоявии асарро нашон медиҳад, ки дар маҷмуъ ҷараёни "ҷанги гражданӣ, ташкили сохти нави сотсиалистӣ ва барқарор намудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ"-ро (146, 60) дар бар мегирад ва баёнгари ҳунари нигорандагии Айнӣ дар такмили сохтори мундариҷавию ғоявии роман мебошад.

Дигар аз таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи А. Сайфуллоев рисолаи "Мактаби Айнӣ" мебошад, ки дар он муҳаққиқ дар қатори дигар масъалаҳо хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии "Ҷаллодони Бухоро", "нахустин повести реалистии тоҷик" "Одина", романҳои "Дохунда" ва "Ғуломон"-ро [147, 69-82; 83-103; 159-213] ҳаматарафа таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.

Ба мушоҳидаи А. Сайфуллоев повести Айнӣ "Ҷаллодони Бухоро" "ҳақиқати талх ва фоҷеонаи ҳаёти халқ" ва "мубориза солдатҳои инқилобӣ...барои сарнагун кардани аморати Бухоро"-ро [147, 61] инъикос

намудааст. Асар ғояи инқилобӣ ва инсонпарваронаро фаро гирифта, нафрат, ғазаб ва ҳисси ҳамдардиву раҳму шафқат дарунмояи онро такмил бахшидааст, ки аз хусусияти асосии мундариҷаи ғоявии повести нависанда мебошад.

Атахон Сайфуллоев "Одина"-ро "нахустин повести реалитсии тоҷик ва таҷассуми гуманизми сотсиалистӣ" унвон карда, таъкид бар он дорад, ки ин асар "ба ҳаёти халқ, багузаштаи пурдарду алами қафомондатарин қисми мардуми кӯҳистон бахшида шудааст". Ба мушоҳидаи саҳеҳи ӯ агар "нависанда ба восита "Ҷаллодони Бухоро"..."ба ҳаёти халқ муроҷиат карда", "ҳаёти фоҷеонаи мҳнаткашон"-ро "дар давоми чанд рӯзи моҳи марти соли 1918" ба тасвир гирифта бошад, "Дар "Одина" бошад, манзараҳои ҳаёти ранҷбарони тоҷик нисбатан батафсил тасвир ёфтааст" [147, 74]. Дар заминаи саргузашти пурфоҷеаи шахсиятҳои асосии асар Одинаву Гулбибӣ муҳаққиқ ин повестро сухани тозаи Айнӣ "оид ба гуманизм" дониста, "аз сарчашмаи идеали сотсиалистӣ шодоб" гардидан ва аз "миллатчигӣ ва нифоқи халқҳо" бегона будани онро аз тозакориҳои муаллиф ба шумор меоварад. Муҳаққиқ аз ҷониби Айнӣ ба миён гузоштани ғояи озодихоҳонаро  дар насри тоҷик "масъалаи тамоман нав" ҳисобида, ба чунин хулосаи дуруст меояд, ки бо таълифи ин повест "Диққати Айнӣ ба тасдиқи чунин фикр равона шуда буд, ки маҳз бо қувваи халқ несту нобуд кардани решаи зулму истибдод мумкин аст, барҳам додани он вазъияте, ки дар роҳи зуҳуроти комили адолат, одамият ва озодӣ монеъ мегардад, зарур аст". Хулосаи ӯ ин аст, ки "гуманизми пролетарӣ, ки гуманизми миллионҳост, дар насри тоҷик ҳамин тавр дохил мешуд" [147, 82]. Ин мушоҳидаи муҳаққиқ зери таъсири идеологияи ҳизбии вақт шакл гирифта бошад ҳам, моҳиятан дар таъкид ва таъйиди дарунмояи инсонӣ ва созандаи повести Айнӣ буда, дар айнишиносии он рӯзгор навназарӣ ва биниши тозаи интиқодӣ буд.

А. Сайфуллоев мавзуву мазмун ва ғояи мундариҷаи романҳои устод Айнӣ "Дохунда" ва "Ғуломон"-ро низ бо ҳамин усул таҳлил ва арзёбӣ

намуда, таносуби комили онҳоро ба ҳам нишон медиҳад. Ба мушоҳидаи ӯ Айнӣ жанри романро “барои равшану возеҳ ва пурвусъат” тасвир кардани “ҳаёти халқ ва табаддулоти бузурги ҷамъиятӣ мувофиқ дониста” [147, 87], дар романи “Дохунда” “таърихи халқи тоҷикро дар давоми сӣ сол бо бисёр тафсилоташ нишон” [147, 87] додааст. Муҳаққиқ мутаносибан мазмуну мавзуъ ва ғояи романи “Дохунда”-ро таҳлил ва дастабандӣ карда, моҳияти зиддихалқии ҷомеаи феодалӣ ва афзалиятҳои “ҷомеаи меҳнаткашон”-ро, ки ба “бедории синфӣ ва муборизаи инқилобии оммаи халқ” [147, 93] асос ёфтааст, дар заминаи тасвирҳои Айнӣ нишон медиҳад.

Ба ин тартиб, Атахон Сайфуллоев мавзуву мазмун ва мундариҷаи ғоявии романи “Ғуломон”-ро мутаносибан таҳлил карда, ин романро “инъикоси достонии муборизаи халқ” унвон мекунад. Ин андешаи муҳаққиқро солҳо баъд Х. Шарифов тасдиқ ва дар заминаи повести “Одина” ва романҳои “Дохунда”-ву “Ғуломон” Садриддин Айниро “аввалин гӯяндаи ҳамосаи бадеии тоҷикон” [181, 118] унвон карда, моҳияти мавзуву мазмун ва ғояи ин асарҳои нависандаро муайян намудаст, ки мутаносибан дар таъйиди ҳунари Айнӣ дар фарогирӣ ва тасвири саҳифаҳои пурмоҷарои таърихи миллат ва тамоюлҳои озодихоҳии он мебошад.

А. Сайфуллоев таҳқиқ ва тасвири  ду мавзуъ,“яке мавзуи таназзули феодализм ва таърихан аз саҳни ҷамъият шармандавор баромада рафтани истисморгарон ва дигаре мавзуи бедории синфӣ, худшиносии миллӣ, тараққиёти револютсионии оммаи халқи ранҷбар ва соҳибони ҳақиқии давлату сарват гаравидани онҳо”-ро аз таҷрибаи нодири ҳунарии Айнӣ дониста, дар ин замина моҳияти мундариҷаи ғоявии романи “Ғуломон”-ро мушаххас намудааст, ки дар айнишиносии солҳои шасту ҳафтод биниши тоза ба шумор меравад. Ин донишманд тавонистааст бо таҳлил ва баррасии амиқ романи “Ғуломон”-ро ҳамчун инъикоскунандаи “тақдири меҳнаткашон дар муҳимтарин давраю марҳалаҳои гардиши таърихии тамоми ҷамъият, таърихи наслҳою авлодҳо, оилаҳо ва қавмҳо вобаста ба сарнавишти ҳамаи халқ” маънидод карда, дар ин замина онро “эпопеяи

меҳнат ва муборизаи” халқ “дар роҳи сохтмони сотсиализм” [147, 187] ба шумор оварад, ки биниши нав ва интиқодии ӯро дар бораи моҳияти мавзуву масъалаҳо ва ғояи сиёсию иҷтимоии мундариҷаи ин ду асари Айнӣ дар бар мегирад.

Адабиётшиносон А. Набиев (А. Набавӣ), Маъруфи Раҷабӣ ва Ш. Солеҳов низ дар алоқамандӣ бо мавзуи таҳқиқоташон дар баъзе мавридҳо доир ба моҳияти мундариҷаи ғоявии осори Айнӣ сухан кардаанд, ки савияи илмию ҳунарии айнишиносиро дар шинохти масъалаи мавриди назар нишон медиҳад.

Масалан А. Набиев “идея, пафос ва мундариҷаи асарҳои аввалини насри тоҷик”, аз ҷумла “Одина”, “Дохунда” ва “Ғуломон”-и Айниро фарогири “ҷаҳонбинӣ ва доираи ҳавасу манфиатҳои” инсони нав, яъне “инсоне, ки дар гузашта мазлум буд ва акнун соҳиби мамлакати худ гардидааст” [123, 21] шинохта, ин асарҳоро “ҳам аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ва ҳам аз хусуси нияти бадеӣ” аз муҳимтарин намунаҳои ҷустуҷӯҳои адабии насри тоҷикӣ ба қалам додааст. Муҳаққиқ ин се асари Айниро муфассал таҳлил карда, ҳунари нигорандагии нависандаро дар фарогирии воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти шахсиятҳои мавриди тасвири нависанда ба таври мушаххас нишон додааст, ки ҳарфи тоза дар баррасии масъалаи мавриди назар мебошад.

Адабиётшиноси фақид М. Раҷабӣ дар боби ташаккулу инкишофи жанри таърихӣ дар насри тоҷикии солҳои бисту панҷоҳи садаи гузашта сухан карда, дар ин замина ҳунари Айниро дар инъикоси мавзуву мазмун ва мундариҷаи ғоявии повести “Ҷаллодони Бухоро”, “Одина”, романҳои “Дохунда” ва “Ғуломон” баррасӣ кардааст. Аз ҷумла ӯ созгории “тахайюли нависанда ба ҳақиқати таърих”-ро [143, 18] яке аз омилҳои ҳунарии дастёбии Айнӣ ба фарогирии мавзуву масъалаҳо ва ғояи инқилобӣ ва азнавсозии ҷомеаи навбунёд таъбир карда, дар ин замина мавзуву мазмун ва ғояи осори зикршударо ба таври мушаххас таҳлил ва арзёбӣ намудааст, ки пеш аз ҳама баёнгари моҳияти иҷтимоиву ахлоқии асарҳои Айнӣ

мебошад. Муҳаққиқ таносуби тахайюл ва ҳақиқати таърихиро дар доираи мундариҷаи ғоявии ин се асари Айнӣ баррасӣ карда, маҳорати нависандаро дар инъикоси бадеии саҳнаҳо ва сарнавиштҳои таърихӣ дақиқ муайян кардааст.

Адабиётшинос Ш. Солеҳов дар рисолаи “Роман дар адабиёти тоҷикии қарни бист” нақши Айниро дар ташаккули минбаъдаи мактаби романнависии тоҷикӣ дар мисоли “нахустин романи насри реалистии тоҷикӣ”-“Дохунда” ва “Ғуломон” баррасӣ карда, сипас ҷустуҷӯҳои нависандаро дар тарзи корбурди мундариҷаи ғоявии ин романҳо бо мисолҳо ба таври мушаххас нишон додааст. Ба назари ӯ “Ҳуҷҷатписандӣ, воқеъназарӣ, такя ба асноди таърихӣ намудан, тасвири ашхоси воқеӣ бо номҳои аслиашон” [156, 216] яке аз василаҳои такмили сохтори мундариҷаи ғоявии осори ёдшудаи Айнӣ буда, “Нависанда ба василаи дарки амиқи эстетикаи жанри роман ва таъкиди мавқеи ғоявии хеш пораҳо ё ҳикоятҳои ҷудогонаи рӯзгори шахсиятҳои достонӣ ва ҳодисаю воқеаҳои мавриди назарашро аз ин ё он ҷиҳат ба ҳам алоқаманд намуда, паҳнои ҳамосии сохтори асарашро фароху фарогир месозад” [156, 217], ки омили аслии таҳаввули мундариҷаи ғоявии ин ду роман буда, фарогири “равандҳои тозаи ҳаёти ҷомеа ва тағйироту таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии” [156, 220] замони мавриди назари нависанда мебошад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои анҷомгирифта нишон медиҳанд, ки ҳанӯз аз солҳои бистуму сиюми садаи гузашта сар карда, самтҳои асосии ҷустуҷӯҳои айнишиносон дар таҳқиқи масъалаи мазмуну мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии осори Айнӣ мушаххас гардида, зери таъсири сиёсати адабию идеологии вақт рушд намудааст. Ба ин далел, тамоюли асосии ҷустуҷӯҳои айнишиносонро мушаххас намудани мундариҷаи иҷтимоиву ахлоқӣ ва сиёсии осори нависанда ва моҳияти ҳунарии амалӣ намудани он муайян карда, нақши Айниро дар ташаккул ва таҳаввули насри навини тоҷикӣ собит месозад.

## II. 2.Таҳқиқ ва баррасии ҷустуҷӯҳои бадеии Айнӣ

Омӯзиш ва арзёбии ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва маҳорати ҳунарии Айнӣ дар айнишиносии тоҷик аз оғоз то ба имрӯз дар самтҳои зерин ҷараён доштааст:

- Шинохт ва таҳқиқу тавсифи образҳо ва характерҳои осори бадеии Айнӣ;
- тарзи сужетсозӣ ва сохтори композитсионии асарҳои нависанда;
- усули тасвир, забон ва сабки нигориш;
- ҳунари шоирии устод Айнӣ.

Дар роҳи омӯзиш ва баррасии масъалаҳои зикршуда аз нимаи дувуми солҳои бистуми садаи гузашта то ба имрӯз таҳқиқоти зиёде бо савияҳои гуногун ба анҷом расидааст, ки мухтасаран муҳимтарини онҳоро дар ин фасл аз назар мегузаронем.

Дар таҳқиқи ҳунари образофаринӣ, характер, сужет, композитсия, тарзи тасвир ва забону сабки осори бадеии Айнӣ донишмандон М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Раҳим Ҳошим, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифов, А. Набиев, М. Раҷабӣ, М. Имомов, О. Хоҷамуродов ва дигарон мушоҳидаҳои худро баён кардаанд. Аз ҷумла М. Шукуров (М. Шакурӣ) дар рисолаҳои “Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ”, “Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ” ва мақолаи “Падари миллат” масъалаҳои зикршударо бо таҳлили повести “Одина”, романҳои “Дохунда”, “Ғуломон” ва “Ёддоштҳо”-и Айнӣ муфассал таҳлил карда, тозакориҳои ӯро дар ин замина нишон додааст, ки масъалаҳои заминаи образи бадеӣ, тасвири мушаххас ва таъмимӣ, нақши тахайюл, моҳияти характер, сужет, композитсия, тарзи тасвир, хусусиятҳои забонӣ ва сабкии осори бадеии Айниро дарбар мегирад. Масъалаҳои зикршударо А. Сайфуллоев дар рисолаҳои “Романи устод Садриддин Айнӣ “Дохунда” ва “Мактаби Айнӣ”, Раҳим Ҳошим дар “Якумин қиссаи инқилобии тоҷик “Одина”, “Оини ҷавонмардӣ ва олуфтаҳои Айнӣ”, Ҷ. Бақозода дар мақолаи “Устод Айнӣ”,

Х. Шарифов дар мақолаи “Диди ҳамосаи миллӣ дар эҷоди бадеии Айнӣ ва дигарон”, А. Набиев дар рисолаи “Тасвири олами ботинии инсон. Нависанда ва замон”, М. Раҷабӣ  дар рисолаи “Тадқиқи таърих-тадқиқи характер”, М. Имомов дар китоби “Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ” ва О. Хоҷамуродов дар мақолаи “Қорӣ ишкамба”-и Садриддин Айнӣ ва “Ҳоҷиоқо”-и Содиқ Ҳидоят” мавриди баррасӣ қарор дода, равиши ҷустуҷӯҳои бадеии Айниро дар ин замина ба таври мушаххас таҳқиқ ва арзёбӣ кардаанд.

Дар ин замина таҷрибаи М. Шукуров (М. Шакурӣ) дар таҳқиқу таҳлили маҳорати Айнӣ дар офаридани образҳои бадеӣ, характери шахсиятҳо, сужет ва композитсия, тарзи тасвир, забон ва сабки осори нависанда қобили мулоҳиза буда, биниши тоза ва интиқодии ӯро ифода мекунад. Он чи ки М. Шукуров дар таҷрибаи образофарии Айнӣ муҳим донистааст, дар повести “Одина”, романҳои “Дохунда”, “Ғуломон” ва “Ёддоштҳо” рангу бори романтикӣ гирифтани образҳои мусбати Гулнор, Ёдгор ва Абдуллохоҷа ва дар образҳои манфӣ ба кор гирифтани воситаҳои тасвири реалистӣ мебошад, ки мушоҳидаи тозаи ӯ дар шинохт ва баррасии тарзи образофарии нависанда меббошад.

Ба андешаи М. Шукуров “Айнӣ якумин бор дар “Одина” қаҳрамони асосии осори худро ёфт. Заҳматкаши одӣ баъд аз ин дар ҳамаи асарҳои намоёни ӯ қаҳрамони асосӣ шуд. Ин қаҳрамон аз “Одина” то “Ёддоштҳо”дар роману повестҳои гуногуни ӯ такомул ёфта, сайри таърихии халқ, муҳимтарин сифатҳои маънавии вай ва дигаргуниҳои таърихии маънавияти ӯро амиқтару мукаммалтар ифода намуд” [191, 95]. М. Шукуров аз ҳамин мавқеъ образҳои мусбати осори бадеии Айниро, ки “намояндаи халқи заҳматкаш” аст, таҳлил ва тавсиф карда, хислати (характери) онҳоро дар заминаи воқеиятҳои мавриди тасвири нависанда мушаххас месозад. Шинохти ӯро  аз қаҳрамонони манфӣ низ фардият ва умумияти заминаи образ мушаххас месозад, ки намунааш Арбоб Камол аз повести “Одина” буда, дар ин замина, ба назари ин донишманд Айнӣ дар

тасвири образҳои асарҳояш ҷанбаи иҷтимоии синфиро меъёр қарор додааст [58, 261].

Аз нигоҳи ӯ қаҳрамони повести "Одина" як ҷавони ноком, вале хоксору беиддаъо аст, ки Айнӣ аз воқеияти зиндагӣ барун кашидааст. Дар "Дохунда нависандаро "сарнавишти як хонаводаи фақирони кӯҳистони тоҷик" гирифтор дошта, "дар романи фароҳдомани "Ғуломон" на саргузашти як нафар ё чанд тане, балки анбӯҳи халқ ва гурӯҳ-гурӯҳ мазлумон" Айниро ба андеша бурдааст. Агар Айнӣ дар "Одина", романи "Дохунда" ва "Ғуломон"фақат хӯю хислат ва амалу кирдори деҳқони хокпошро ба унвони намояндаи халқ нишон дода бошад, ба пайбурди М. Шукуров "дар "Ёддоштҳо" мафҳуми "халқ" хеле густариш ёфта, мазмунан такомул дидааст", ки хонандаро бо образҳо ва хислати шахсиятҳои табақоти гуногуни ҷомеа ошно месозад [58, 276]. М. Шукуров дар ин замина ба ҷуз образ ва хислати шахсиятҳо масъалаи тарзи сужетсозӣ ва сохтори композитсионӣ, усули тасвир ва хусусиятҳои забониву сабкии осори бадеии Айниро низ мавриди таҳқиқ қарор дода, тозакориҳои Айниро дар ин замина ба таври мушаххас нишон додааст.

Муҳаққиқ повести "Одина", романҳои "Дохунда"-ю "Ғуломон" ва "Ёддоштҳо"-и Айниро муфассал таҳлил карда, ҳунари нависандаро дар сужетсозӣ, сохтори композитсионии асарҳо, тарзи тасвир, хусусиятҳои забонӣ ва сабкии асарҳои зикршудаи нависанда бори аввал муайян ва мушаххас намудааст, ки дар он солҳо дар айнишиносӣ қадами аввал ба шумор мерафт.М. Шукуров мундариҷаи асарҳои зикршударо муфассал баррасӣ карда, алоқамандӣ ва ҳамбастагии воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳои мавриди назари нависанда, устухонбандии асар, тарзи тасвир ва хусусиятҳои забониву сабкии таълифоти Айниро муҷассамкунандаи сохтори бадеии осори нависанда арзёбӣ кардааст.

Доираи таҳқиқоти М. Шукуров дар бораи хусусиятҳои бадеии осори Айнӣ фаротар рафта, бори аввал вай дар асари "Диди эстетикии халқ ва

насри реалистӣ” доир ба равияҳои услубӣ ва хусусиятҳои забонии осори Айнӣ, ки иборат аз услуби реализми сирф ва ҷараёни романтикии услуб аст, андеша рондааст. Ин донишманд нахуст дар бораи мавқеи ҷараёни услубии романтикӣ дар эҷодиёти Айнӣ сухан карда, муносибати субъективии нависандаро ба воқеият ва сарнавишти шахсиятҳо ва афзудани нақли пурҳиссиётро омили аслии шаклгирӣ ва таҳаввули ин тарзи тасвир медонад. Ӯ ин пайбурди худро ба далели зерин асоснок кардааст: “Нақли ҳиссиётомезу ҳаяҷонангез, тасвири ҳамбастиву таъмимӣ, ки нишонаҳои конкретии ашё, ҳолат ва рӯйдодро камтар дар бар гирифта, бештар нуктаи олии шиддатро ифода менамояд, тавсифҳои ҷилодор ва ташбеҳҳои мавҳум, сухани олии шеърмонанд ва ғайра, ҳама аломати барҷастаи рӯҳи романтикии Айнист” [146, 30].

Дар ин замина М. Шакурӣ (М. Шукуров) шаш боби аввали қисми якум ва чор боби аввали қисми дуюми роман “Дохунда”-ро бобҳои романтикӣ унвон кардааст. Тасвирҳои романтикӣ ва нақли пуршиддати ҳаяҷонангезро муҳаққиқ фақат дар ҳамин бобҳо мушоҳида кнамудааст, ки дар онҳо манзараҳои табиат, ишқу муҳаббат, орзуву омоли ҷавонӣ, хаёлҳои талху ширин ва монанди инҳо тасвир ёфтааст. Дар ин замина муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки “ин мавзуъҳои анъанавӣ дар “Дохунда” бештар ба тарзи анъанавӣ, ба воситаҳои анъанавии романтикона ҳал шудаанд” [146, 32]. Воқеан ҳам дар бобҳои зикршудаи романи “Дохунда” диди романтикӣ мавқеи асосӣ дошта, фарқияти онҳоро аз дигар қисматҳои роман мушаххас менамояд. Ба мушоҳдаи М. Шакурӣ дар дигар бобҳои роман ҳиссиёти романтикӣ бо биниши реалистӣ бобеъ ҳастанд. Муҳаққиқ ҳузури рӯҳи романтикиро дар бобҳои реалистии асар низ ба мушоҳида гирифта, дар ин замина таъсири ин тарзи нигоришро ба сохтори сужет, композитсия, тарзи нигориш ва забону сабки нависанда бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. М. Шакурӣ чунин тарзи тасвирро дар офаридани образи шахсият дар романи “Ғуломон” низ баррасӣ карда,

зимни таҳлили тасвири манзараи баҳор дар романҳои “Дохунда” ва “Ғуломон” дигар шудани диди зебоишиносии нависандаро нишон додааст. Дар ин замина М. Шакурӣ хусусиятҳои романтикии сабки Айниро дар мисоли “Ёддоштҳо” низ муфассал баррасӣ кардааст, ки дар шинохти моҳияти бадеии ҳунари нигорандагии Айнӣ биниши тоза мебошад. Ба ин тартиб, ин донишманд ба хулоса меоярд, ки дар эҷодиёти устод Айнӣ анъанаҳои романтикии адабиёти форсии тоҷикӣ хеле дигаргун шуда, тадриҷан ба тасвири реалистӣ созгор омадааст ва ба мушоҳидаи дақиқи ӯ “ин хусусият ба реализми ӯ тароват хосе бахшидааст”. Беш аз ин, М. Шакурӣ дар тарзи нигориши Айнӣ омезиши баъзе хусуиятҳои биниши шарқӣ ва ғарбиро низ ҳамчун василаи ҷаззобияти тарзи тасвир ёдрас кардааст, ки ифодагари диди моҳиятҷӯи ӯ мебошад [146, 46-47]. Муҳаққиқ дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои бадеии осори Айнӣ масъалаи “такомули забон ва услуби” Айниро, ки “то “Ғуломон” чанд марҳаларо тай кардааст”, таҳлил карда, “халқияти амиқи ҳамаҷониба”, “соданависӣ” ва “муносибати Айнӣ”-ро “ба забони адабиёти классикӣ” дар такя ба осори бадеӣ ва илмии нависанда ба таври мушаххас арзёбӣ кардааст, ки саҳифаи тоза дар айнишиносӣ мебошад.

“Романи устод Садриддин Айнӣ “Дохунда” таҳқиқоти дигарест, ки дар ин замина анҷом гирифта, ба қалами А. Сайфуллоев тааллуқ дорад. Муҳаққиқ дар ин рисола илова ба мундариҷаи ғоявии ин роман, ки доир ба он дар фасли қаблӣ сухан кардем, сужету композитсия, характери шахсиятҳо, тарзи тасвир, забон ва сабки нигориши нависандаро таҳқиқ карда, хусусиятҳои бадеии романи “Дохунда”-ро нишон додааст, ки аз бисёр ҷиҳат тоза ва муҳим ба шумор меравад.

Ин донишманд дар алоқамандӣ ба унсурҳои дигари сохтори романи “Дохунда” дар боби “Ҳақиқати ҳаёт ва ифодаи он дар сужет” ҳунари Айниро дар офариниши сужети роман муфассал баррасӣ карда, ҷустуҷӯҳои бадеии нависандаро дар ин замина ба таври мушаххас арзёбӣ намудааст. Аз таҳқиқоти муқоисавии сужети романи “Дохунда” муҳаққиқ ба хулоса

омадааст, ки вокеият дар тасвири Айнӣ ба худии худ дар ин роман сужетро ба вуҷуд наовардааст, балки дар тарзи нигориши нависанда сужет хати иртибот миёни ҳаводис будааст. Ба ин далел, сужет дар таҷрибаи Айнӣ алоқамандии байни ҳаводиси романро ба таври ақлонӣ танзим карда, нахуст нависандаро раҳнамоӣ менамояд, сонияян назм ва тартиби муташаккиле аст барои хонанда. Ба мушоҳидаи ӯ дар ин роман сужет "асли умдаест барои интихоб ва тартиб кардани ваҷоеъ ва дар назари хонанда низ сохт ва ваҳдати достонро фароҳам меоварад". Ба ин далел дар таҷрибаи Айнӣ "Пиранг (сужет- С.Ҷ.) фақат тартиб ва таволии ваҷоеъ" набуда, "балки маҷмуаи созмонёфтаи ваҷоеъ аст. Ин маҷмуаи ваҷоеъ ва ҳаводис бо робитаи илат ва маълуле ба ҳам пайванд хӯрда ва бо улгӯ ва нақшае мураттаб шудааст" [114, 152], ки пеш аз ҳама баёнгари ҳунари нависанда мебошад.

Муҳаққиқ аз ҳамин мавқеъ сужети романи "Дохунда"-ро таҳлил карда, ин унсури сохтории асарро "яке аз муҳимтарин воситаҳои таҳрики ҳаёт" мешиносад, ки "дар романи "Дохунда" хеле ҳартарафа зуҳур кардааст". Ба мушоҳидаи ӯ "С. Айнӣ сужети "Дохунда"-ро дар асоси ҳодисаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва таърихи зиёда аз сисолаи ҳаёти халқи тоҷик мураттаб намудааст ва характери муносибатҳои ҷамъиятиро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX реалистона ба қалам овардааст. Нависанда баробари тасвири робитаи байни ҳодисаҳои ҷамъиятӣ таърихи ташаккули характерҳои типиро низ нишон додааст, ки дар ин бобат образҳои Ёдгор ва Гулнор мисол шуда метавонанд" [146, 36-37].

А. Сайфуллоев зери таъсири ҳамин пиндори саҳеҳи илмӣ сужети романи "Дохунда" ва образҳоеро, ки муносибати шахсӣ ва ҷамъиятии онҳо ҳалқаҳои гуногуни сужетро ташкил менамоянд, таҳлил карда, дар алоқамандӣ бо ҳам образҳо, хислати шахсиятҳо, композитсия ва тарзи тасвиру забон ва сабки нависандаро арзёбӣ намудааст. Муҳаққиқ ду роҳи хати инкишофи сужетро мушаххас сохта, роҳи аввалро ба бедории шуури синфии меҳнаткашон ва муборизаи миллии озодихоҳӣ, роҳи дувумро ба

муносибати Ёдгору Гулнор вобаста донистааст, ки дар таъйиди моҳияти иҷтимоӣ ва арзиши бадеии асар мебошад. Дар ҳамин замина вай хислати шахсиятҳои романро низ дар пайванд бо воқеиятҳои зиндагӣ таҳлил карда, сифатҳои инсонии Бозор, Ёдгор, Абдуллохӯҷа, Гулнор, Яъқуббой, Азимшоҳ ва дигаронро, ки ду хати сужетро ба ҳам пайвастаанд, мушаххас сохтааст, ки низ ифодагари ҷанбаи бадеии роман мебошанд.

Донишмандони соҳа "шахсият ва шахсиятпардозиро (Characterization) аз аносири пураҳамияти ҳар достон ба ҳисоб" [114, 183] овардаанд. А. Сайфуллоев бо назардошти муҳимии масъала дар асоси тасвирҳои нависанда кайфияти равонӣ ва ахлоқии шахсиятҳои романро бо ошкор намудани хулқи онҳо мушаххас сохтааст, ки дар айнишиносии солҳои шастум ифодагари ҷустуҷӯҳои амиқи илмии ӯст. Муҳаққиқ унсурҳои асосии сужет-оғоз, гиреҳ, рабт ё инкишоф, авҷи ҳодиса ва гиреҳкушоро ба алоҳидагӣ таҳлил карда, таъсири онҳоро барои шаклгирии хислатҳои шахсиятҳои роман нишон додааст, ки дар шинохти тасвири бадеии нависанда муҳим ва таъсиргузор мебошад. Дар рисола "тарзҳои мухталифи тасвирро истифода" [146, 111] бурдани Айнӣ дар офаридани характерҳои таъмимӣ (типӣ) низ муфассал арзёбӣ шудааст, ки то таълифи ин рисола дар айнишиносӣ собиқа надошт.

Дар рисолаи "Романи устод Садриддин Айнӣ "Дохунда" масъалҳои тарзи тасвири бадеии Айнӣ, забон ва сабки нависанда низ ба алоҳидагӣ баррасӣ шуда, муҳаққиқ тарзи нигориши нависандаро "услуби нави адабиёти тоҷик" ба шумор оварда, "содагии забон ва тарзи баён, омезиши забони адабӣ ва халқӣ, дар мавриди зарурӣ истифода кардани суханони хоси аъёну ашроф, ҷадидҳо, пантуркистҳо, уламои мутаассиб ва дигар табақаҳои аҳолӣ"-ро [146, 115] аз мухтасоти сабки нигориши нависанда донистааст. Ҳамчунин ӯ силсилаи воқеаҳоеро, ки дар Романи "Дохунда" тасвир шудаанд, "асоси услуби баён ва забони нависанда" дониста, кӯтоҳбаёнӣ, "дар сухан ва ҷумла ифода ёфтани аломатҳои асосии воқеаи тасвиршаванда ва муҳимтарин хислатҳои персонаж", "содаву равон ва

оммафаҳмии тарзи баёни” Айниро хусусияти хоси сабки нависанда ҳисобидааст, ки натиҷагирии саҳеҳ аз таҷрибаи эҷодии устод Айнӣ мебошад [146, 116-117]. А. Сайфуллоев ҳамчунин бартарӣ ва ғановату рангинии сабки нависандаро дар тасвири “манзараҳои ҳаёти халқи тоҷик”, тобеияти воситаҳои тасвири бадеӣ “ба хусусиятҳои ғоявии роман”, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ, ташхист, талмеҳ, истиора, киноя, “калимаю ибораҳои халқӣ-гуфтугӯӣ”ва монади инҳоро аз имтиёзоти тарзи тасвир ва сабки нигориши нависанда донистааст, ки бозгӯйи ҳунари нависанда ва ҷанбаи бадеии осори ӯст. Муҳаққиқ истифодаи “ибораҳои халқии таркибан устувор, “майлу рағбати” нависанда“ба эҷодиёти даҳанакии халқ”, такмили “забони қаҳрамонони аср”, фардияти забони персонажҳои мусбат ва манфӣ, риояи “хусусияти забони аҳли дину шариат, муколама, тасвири манзараҳои табиат дар алоқамандӣ ба тарзи тафаккур ва ҳиссиёти инсон ва монанди инҳоро низ ҳамчун хусусияти хоси тарзи нигориши устод Айнӣ маънидод кардааст.

А. Сайфуллоев дар рисолаи “Мактаби Айнӣ” низ сари ин мавзуъ баргашта, хусусиятҳои бадеии романи устод Айнӣ “Ғуломон”, аз ҷумла сохтори композитсионӣ, хислати шахсиятҳо, тарзи тасвир ва забону сабки нависандаро ба алоҳидагӣ баррасӣ ва махсусиятҳои сохтори бадеии ин романро ба таври мушаххас нишон додааст. Бахусус ҷустуҷӯҳои ӯ дар боби дар ҷараёни пуртуғёни воқеаҳо “ниҳоят мукаммал ва конкрет” [147, 187] тасвир шудани образҳои романи “Ғуломон” Эргаш, Муҳаббат, Ҳасан, Қутбия, Фотима, Ҳамдам-Фӯрма... ва хусусиятҳои хулқу хӯйи онҳо дар шинохти арзиши бадеии романи ёдшуда пураҳаммият мебошад.

Адабиётшинос А. Набиев (А. Набавӣ) зимни таҳқиқи масъалаҳои тасвири бадеии инсон ва зинаҳои асосии тасвири шахс дар насри бадеии муосир ба хусусиятҳои образофарӣ ва усули шахсиятпардозии устод Айнӣ таваҷҷуҳ карда, дар ин замина баъзе мушоҳидаҳояшро баён доштааст, ки паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои айнишиносиро дар алоқамандӣ ба “мавқеи психологизми бадеӣ” мушаххас месозад.

Муҳаққиқ шахсияти асосии повести устод Айнӣ Одинаро аввалин “симои намояндагони халқи меҳнакаш” шинохта, повести “Одина”-ро аз аввалин асарҳое медонад, ки “дар он тасвири характери инсони конкрети давраи муайяни таърих мавқеи марказиро ишғол” [23, 22] кардааст. Муҳаққиқ бори аввал дар айнишиносӣ дар заминаи таҳлили боби “Сафар ва ҷудоӣ”-и повести “Одина” бо тасвири “олами ғамангези инсон” “ба таҳлоли характер кӯшида”-ни Айниро нишон медиҳад, ки мушоҳидаи нав дар шинохти хусусияти равониву ҷисмонии шахсиятҳои повести “Оддина”, романҳои “Дохунда” ва “Ғуломон” мебошад. Муҳаққиқ “Сафар ва ҷудоӣ”-ро аз ин повест муфассал таҳлил карда, аз ҷумла менигорад: “Аввалин ҷумлаи он бо тасвири рӯҳияи қаҳрамон сар шудааст: “Одина аз пеши Сангин ба хонаи худ баргашт”. Одина умед дошт модаркалонаш ва Гулбибиро дар сафари дуюм бо худ барад. Аммо имкон надоштани онро аз Сангин фаҳмид ва акнун қаҳрамон боз дар ҳолати ноилоҷӣ ва ошуфтагист:”Ҳоло чӣ?..Ҳоло сафар мекунад бо ҳамроҳии як корвони андӯҳ ва хатар, ба ҳолате, ки чи шудани оқибаташ низ маълум нест; оё ба саломатӣ баргашта боздиди модаркалон ва ёри меҳрубонаш муяссар мешавад ё не?”

Ба мушоҳидаи саҳеҳи муҳаққиқ “Аз ин порача садои нолаи дили Одина шунида мешавад. Ҳолати Бибиоиша низ чунин аст. Ӯро аз хабари сафари Одина ёрои сухан нест: “...танҳо аз дидаи хунбор ашкаш шашқатор мерехту бас”. Тасвири Айнӣ ҳоли Гулбибиро низ чунин менамояд. Нависанда ӯро мисли “ғунчае” тасвир кардааст, ки “...дар як лаҳза ҳам баҳорро дид, ҳам хазонро, ҳам шукуфту ҳам пажмурд” [123, 26].

Мушоҳидаи дигари муҳаққиқ ин аст, ки дар повести “Одина” “образҳо ва характери онҳо аз сифати хоси фардӣ дида бештар хислатҳои умумии оммаро ифода менамоянд”. Вале дар қиёс бо повести “Одина” муҳаққиқ “тасвири характер ва тадқиқи бадеии он”-ро дар романи “Дохунда” “қадами наву ҷиддие” [123, 29] таъбир карда, дар ин замина моҳияти

ҷустуҷӯҳои Айниро ошкор менамояд, ки асоси он аз тарафи Айнӣ риоя гардидани “принсипи тадқи характер” будааст.

Муҳаққиқ дар ин замина дар бораи тарзи тасвири Айнӣ дар романи “Ғуломон” сухан карда, “Тасвири образи халқ”-ро дар ин асар аз дастовардҳои нависанда мешиносад ва таъкид мекунад, ки ин ҳадафи ҳунариро нависанда “ба воситаи нишон додани намояндагони наслҳо (Раҳимдод, Эргаш, Ҳасан), бо зикри ҷузъиёти муҳими иҷтимоиву маишӣ ва психологӣ” [123, 35] амалӣ кардааст. Барои таъйиди ин андеша А. Набиев таҷрибаи Айниро дар офаридани образ ва характери Қилич-халифа ёдовар шуда, “ба воситаи ҷузъҳои муҳим” ошкор намудани хӯю хислати шахсияти асарро аз тозакориҳои Айнӣ ба шумор меоварад ва меафзояд: “Ба воситаи портрет тақводорӣ, айёриву зуҳдфурӯшӣ, сайёди насли одам будани ӯ равшан шудааст. Ё дар ҳамин қисм муҳаббати софу беғубори ғуломон Неққадам ва Гулсум хеле нозук тасвир ёфта, ҳамаи ҷузъҳои он-суруд, оҳанг, эҳсоси нозук, бадеҳа, табиат барои шамин ҳиссиёти наҷиб хизмат кардаанд”, Муҳаққиқ дар ин замина мубоҳисаҳои Шокир ва Қулмуродро ҳамчун намунаи афкори зиддунақизи ду шахсияти романи “Ғуломон”, ки вазъи нобасомони ҷадидонро менамояд, мисол оварда, ба ин васила ҳунари тасвиргарии Айниро дар офаридани ҳолу ҳавои рӯҳӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсиятҳо ба хонанда менамояд. Ҷустуҷӯҳои А. Набиев дар шинохти усули образофаринӣ ва шахсиятпардозии (характерофарӣ) нависанда ва ошкор кардани хислати одамони табақоти мухталифи ҷомеа муҳим ва арзишманд мебошад.

Таҳқиқи таҷрибаи ҳунарии устод Айнӣ дар офаридани образҳову характерҳо, тарзи сужетсозӣ, сохтори композитсионии асар дар рисолаи М. Раҷабӣ “Тадқиқи таърих-тадқиқи характер”, ба таври алоҳида набошад ҳам, дар пайванд бо мавзуи мавриди назари муаллиф то ҷое таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки баъзе паҳлуҳои онро мухтасар аз назар мегузаронем.

М. Раҷабӣ повести “Одина”-ро “бо маънои тамом” повести таърихӣ унвон карда, хусусиятҳои образи Одина ва Гулбибиро дар матни

“муносибатҳои синфӣ, ҳодисаю воқеаҳои ҷамъияти феодалӣ аз назар” мегузаронад ва дар заминаи “сифатҳои муҳими ахлоқи” Одинаю Гулбибӣ “мантиқан инкишоф” [143, 22] ёфтани образҳои асарро таъйид мекунад. Ба мушоҳидаи ӯ “Образи Гулбибӣ вобаста ба муҳиташ дар инкишоф” буда, “Лекин тасвири психологии инкишофи характер ва худогоҳии Гулбибӣ ба доираи вазифаҳои асосии эҷодии нависанда дохил нашудааст” [143, 22]. Мутассифона, муҳаққиқ сабаи ин ҳодисаро, ки аз камбудии сохтори бадеии повест донистааст, собит накардааст.

Муҳаққиқ сохтори ҳунарии сужети повести “Одина”-ро таҳлил карда, як хати инкишофи онро “муҳаббати Одина ва Гулбибӣ” ба шумор меоварад. Ба мушоҳидаи ӯ устод Айнӣ бо истифода аз “воситаҳои гуногуни тасвир “олами маънавии қаҳрамон”-и повести “Одина” ва романи “Дохунда”-ро [143, 27] таҳаввул бахшида, дар ин замина “вобаста ба муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсию иҷтимоии давр “ташаккули хислати қаҳрамонони” ин ду асарашро низ зери назар доштааст, ки М. Раҷабӣ, омили аслии ин таҳаввулоти хӯю хислати шахсиятҳои повесту романи устодро “мансубияти синфӣ”-и [143, 29] онҳо дониста, ба ин натиҷа мерасад, ки “нависанда ҷараёни ташаккули хислати қаҳрамонони “Одина” ва “Дохунда”-ро вобаста ба муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсию иҷтимоии давр тадқиқ менамояд, ки ин аз тарафҳои муҳим ва мусбати реализми устод Айнист” [143, 29].

Муҳаққиқ дар боби сужет ва копозитсияи осори Айнӣ сухан ронда ба хулоса омадааст, ки “...кӯшиши ҳарчи васеътар гирифтани домани воқеаҳо ва замону макон, кӯшиши ҳаётро бо ҳама мураккабот ва конфликтҳояш ба тасвир овардан дар “Один”, “Дохунда” боиси суст шудани муттасилию алоқамандии хати марказии сужет ва номавзунӣ дар композитсия гардида буд. Аз ин нуқсон романи эпопеяи “Ғуломон” дар канор аст” [143, 37]. Вай имтиёзи сохтори сужет ва композитсияи бадеии “Ғуломон”-ро дар он дидааст, ки “Устод Айнӣ...ба василаи иваз шудани чор насли як авлод ва

дигар шудани шуури онҳо ҳаракату пешрафти таърихи саду нуҳсолаи (1825-1934) тоҷиконро бо мунтазам баланд шудани шуури онҳо ва то ба фаҳмиши ғояҳои инқилобӣ расидани онҳо нишон додааст” [143, 37].

Аз мурури анҷомгирифта бармеояд, ки М. Раҷабӣ дар таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои мавриди назар, пеш аз ҳама, ба қавли А. Бушмин пойбандаи ошкор сохтани “низоми алақамандии мураккаби тағйирёбандаи функсионалӣ” буда [60, 110], дар ин замина тавонистааст сохтори сужет ва композитсияи осори Айнӣ ва хусусиятҳои бадеии онро дар якҷоягӣ баррасӣ ва мушаххас созад, ки моҳияти асосии биниши тоза ва интитодии ӯро ифода менамояд.

Тадқиқоти нисбатан ҷомеътаре, ки дар замони истиқлол дар шинохти “муҳимтарин сифати поэтикии насри” Айнӣ ва “қолаби асосии шаклии он сужет ва бандубаст” [84, 7] ба вуҷуд омад, рисолаи М. Имомов “Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ” мебошад.М. Имомов ба делели он ки то нашри ин рисола “тадқиқи бонизом, ҷомеъ ва мукаммали бандубаст ва сужет дар насри бадеии Айнӣ анҷом наёфтааст ва омӯзши он барои муайян намудани поэтика ва ҳунари эҷодии муаллиф муҳим” мебошад, бори аввал сужет ва бандубасти осори  Айниро ҳамчун рукни асосӣ ва ҳатмии асари бадеӣ таҳқиқ карда,  нақши онҳоро дар ягонагӣ ва тамомияти асари бадеӣ нишон додааст. Ҳамчунин вай арзишҳои бунёдии ин унсурҳои сохториро дар шаклгирии маҳорату ҳунари Айнӣ ба таври мушаххас нишон дода, ҷустуҷӯҳои муваффақонаи Айниро дар ин замина ба  консепсияи эҷодии нависанда, ҷаҳонбинӣ ва ҳунари нигорандагии ӯ вобаста медонад.

Муҳаққиқ нахуст сужети осрори бадеии Айниро ҳамчун “маҷмуи воқеаҳои ба ҳам алоқаманд” [84, 8] таҳқиқ карда, воқеаро “асоси предмети тасвири бадеӣ”-и нависанда ба шумор меоварад ва меафзояд: “Сужет дар асари бадеӣ мақому вазифаи гуногун дорад: аввалан, низом ва робитаи мантиқиву мазмунии силсилаи воқеаҳоро ба вуҷуд оварда, ягонагии амалро таъмин менамояд; сониян, сужет барои таҷдиди персонажҳо,

таҷаллии характери онҳо муҳим мебошад, яъне, иштирокчии асосии воқеа инсон аст ва тасвири воқеа барои ошкор шудани олами ботинии персонажҳо фазои мувофиқро фароҳам меоварад. Савум, сужет дар осори бадеӣ зиддиятҳои ҳаётиро таҷассум менамояд” [84, 8]. Дар идомаи ин баҳс муалллиф ин василаи сохтории асарро ҳамчун “унсурҳои муҳим ва ҳатмии шакли асари бадеӣ” ба шумор оварда, дар ин замина “арзишу мақоми ҳунарии бандубаст ва сужет”-ро [84, 10] дар осори бадеии Айнӣ мушаххас менамояд.

Нахуст ин донишманд “вазъи бандубаст ва сужет”-ро “ дар ҳикояву очеркҳои С. Айнӣ”, аз ҷумла асарҳои “Таърихи амирони Манғития”, “Исёни Муқаннаъ”, “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” таҳқиқ карда, ба хулоса меояд, ки “Очеркҳои таърихии С. Айнӣ аз ҷиҳати суханварӣ ва тасвирҳои бадеӣ ба таърихнигории гузашта мушобеҳанд”. Ба ин далел, аз нигоҳи ӯ “дар ин асарҳо таърих ҳамчун фазои амалу фаъолияти одамон тавассути андешаи нависанда сурати адабӣ” гирифтааст. Дар ин замина муҳаққиқ махсусияти ҳунари Айниро дар он дидааст, ки дар ин гуна асарҳо “воқеа ба ҷанбаҳои таърихӣ мувофиқат дорад ва шарти гузориши масъала, нақли онҳо, оҳангҳои ватанхоҳӣ хоси қалами Айнӣ мебошад. Нависанда қолаби воқеаҳоро аз асарҳои таърихӣ гирифта ба онҳо рӯҳу оҳангҳои замонӣ додааст. Лаҳзаҳои бадеӣ маҳсули хаёли нависанда аст ва дар қолаби воқеоти таърихӣ пайванду ягонагии асарро ба вуҷуд овардаанд. Қолаби зоҳирӣ асоси бандубаст ва лаҳзаҳои адабӣ ботини маъноии онро ташкил додаанд” [84, 11]. Муҳаққиқ бо ҳамин дид сохтори бандубаст ва сужети ҳикояву очеркҳои нависанда, мувофиқати онҳо “ба хусусиятҳои услубии эҷодиёти ӯ”-ро арзёбӣ карда, сипас “мустақилияти бадеӣ”-и асоси банду баст ва сужети “Ҷаллодони Бухоро”-ро “мухолифати зоҳир ва воқеияти амал” [84, 12] таъбир мекунад, ки мушоҳидаи тоза дар шинохт ва арзёбии ҳикояву очеркҳо ва нахустин асари бадеии Айнӣ “Ҷаллодони Бухоро” мебошад.

Ба мушоҳидаи ӯ ҷараёни аз тасвири воқеӣ ба бадеӣ рафтан, вазъи равонӣ, диди эстетикӣ ва шинохти куллии ҳунарӣ аз таълифоти синкретӣ ва воқеанигории таърхӣ дар қолабҳои сиёсиву иҷтимоӣ марҳалаи хоси пешрафти адабии Айнӣ буда, бо вуҷуди тафовут ва камолоти жанриву ҳунарӣ асарҳои Айнӣ "Одина", "Дохунда", "Марги судхӯр", "Ғуломон" ва "Ёддоштҳо" "тобеи принсипҳои умумии сужетсозӣ ва банда баст" будаанд, ки вежагиҳои ҳунарии нависандаро низ дар бар мегиранд [84, 12]. Муҳаққиқ зери таъсири ҳамин андешаи назарӣ хусусиятҳои ягонаи сужет ва бандубасти повестҳои "Одина", "Марги судхӯр", романҳои "Дохунда", "Ғуломон" ва "Ёддоштҳо"-ро дар "тобеи мавзуъ ва нияти эҷодӣ" будани нависанда дониста, дар натиҷаи мушоҳида ва баррасии муфассал ба хулоса меояд, ки "бандубаст ва сужет аз мавеи сиёсӣ ва иҷтимоии нависанда эҷод шудаааанд. Ҳарчанд С. Айнӣ ба анъанаҳои қиссапардозӣ ва достонсароӣ пайравӣ намояд ҳам, афзудани воқеаҳо, мазмуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайдо кардани нияти нависанда ба мавқеи миллӣ ва замлнии муаллиф такя дорад. Тамоми воқеаҳо, ки асоси сужети асрҳои Айниро ташкил додаанд, маншаи иҷтимоъгароӣ доранд ва зиддиятҳои онҳо низ дар ҳамин замина, ҳамчунин заминаи сиёсӣ эҷод шудааст" [84, 12-13].Муаллиф сипас дар ҳамин замина усули тасвири Айниро дар офаридани шахсият, шахсиятпардозӣ ва тасвири "лаҳзаҳои нотакрори зиндагӣ" василаи тақвияти бадеӣ ва "ҷовидонӣ" будани осори бадеии ӯ таъбир мекунад, ки диди тоза ва моҳиятбини ӯро нишон медиҳад.

М. Имомов "созмони банду баст ва сужет"-ро "дар асрҳои С. Айнӣ комилан мустақил" шинохта, "дар онҳо танҳо нишонаҳои равиши насри суннатӣ"-ро ба мушоҳида гирифтааст, ки баҳснок ва хилофи андешаҳои М. Шукуров, И. С. Брагинский ва А. Сайфйллоев ва натиҷагириҳои баъдии худи ӯ низ мебошад, ки пас аз натиҷагириҳои боло гуфтааст: "Банду баст ва сужети асрҳои Айнӣ аз қиссаи "Одина" сар карда тадриҷан мураккаб гардида, зина ба зина камол ёфтаас. Дар "Одина", "Дохунда", "Ғуломон", "Ятим" архитектоникаи умумӣ ва мушобеҳ ба назар мерасад. Дар қиссаи

“Марги судхӯр” ва “Ёддоштҳо” тасвири кирдор ва тинати қаҳрамонон ба ҷойи аввал баромадааст” [84, 14].

Масъалаи дигаре, ки М. Имомов дар алоқамандӣ бо сужет ва бандубасти осори бадеии Айнӣ таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст, поэтикаи портрет дар насри нависанда мебошад. Дар ин замина ӯ масъалаҳои шинохти қаҳрамон ва суннати тасвири зоҳирии он, таносуби портрет ва характери қаҳрамон, портрет дар таркиби образҳои асарҳои нависанда, нақши портрет дар фардӣ ва типикунонии образҳо ва усули тасвири инсонро дар осори адиб дар алоқамандӣ бо услуби эҷодии нависанда муфассал таҳқиқ карда,  моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии Айниро дар офариниши портрет мушахас сохтааст, ки як силсила мушоҳидаҳои тозаи ӯро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ нақш ва ҷойгоҳи портретро дар осори бадеии Айнӣ муайян намуда, “тавассути ин санъати суннатии адабиёт мазмуну аҳдофи тоза” эҷод кардани нависандаро муайян намудааст, ки “мушаххасӣ, мутаҳаррикӣ, ғановати маъноӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳост” [84, 15]. Ба мушоҳидаи ӯ Айнӣ ба воситаи портрет мавқеи иҷтимоӣ, касбу кор, вақту фазо ва дигар паҳлуҳои муносибати шазсиятҳои осорашу ҷомеаро ифода намуда, ба ин васила арзишҳои нави зиндагӣ ва хулқу хӯйи шахсиятҳоро падид овардааст.

Дигар аз паҳлуи ҷустуҷӯҳои Айниро дар ин замина ба воситаи портрет ба вуҷуд овардани характер (шахсиятпардозӣ) мушаххас месозад, ки дар рисола ба таври мушаххас таҳлил ва арзёбӣшудааст. Аз қиёсу муқобилаҳои ӯ бармеояд, ки Айнӣ “ба воситаи ин санъат характерҳои барҷастаи ҳаётӣ офаридааст” [84, 15], ки Ёдгору Гулнор, ясавулбошӣ дар “Дохунда”, Ятим дар “Ятим”, Қорӣ-Ишкамба дар “Марги судхӯр”, Маҳдии охирзамон, шайхи рехтагар, Абдуллохоҷаи Абдӣ, Саидакбархоҷа ва дигарон дар “Ёддоштҳо” намунаи он мебошанд.

Муҳаққиқ бо таҳлили муқоисавӣ собит кардааст, ки барои портретҳои асарҳои Айнӣ ба куллӣ дигар шудани характеру психология, фаҳмиши

зиндагӣ, мавқеи ҷамъиятӣ, ба нирӯи фаъоли бунёдкор табдил шудан, вобаста ба вазъият ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ зоҳир кардан, тазодҳои табақотӣ, мумсикию муфтхӯрӣ, калонтарошӣ, нодорию бечораҳолӣ, хоксорию таҳамтанӣ, покию донишмандӣ, адолатхоҳӣ ва монанди инҳо муҳим буда, дар тарзи тасвири нависанда характер ва маънавияти шахсиятҳои осорашро муайян ва мушаххас месозад.

Дигар аз воситаҳои ифодаи характер, ки муҳаққи дар таҷрибаи ҳунарии Айнӣ кашф кардааст, "интихоби ҷузъиёт дар портрет мебошад". Дар ин замина М. Имомов ба хулоса меояд, ки "аксари персонажҳои Айнӣ қиёфаи хос доранд ва қисми зиёди онҳо портрети яклухт ва пурраанд. Нависанда дар тасвири портретҳои яклухт бештар" муваффақ шудааст, ки "ҷузъҳои гуногун интихоб кунад. Ӯ аввал паҳлуҳои гуногуни олами маънавии шахси мавриди тасвири худро кашфкарда, сипас ба он ҷузъҳои мувофиқ ёфта, ба тасвир овардааст. Портрети персонажҳо аксар вақт аз ҷузъҳои муҳиме-синну сол, қомат, рӯй, чашм, риш, салла, ном, либос, нутқ, характерҳои гуногун ташкил ёфта, ҳар яке бо сифату тавсифҳои барҷаста омадаанд. Азбаски нависанда ҳангоми тасвир ҷузъҳои асосию ифоданокро интихоб намуда, ба дӯши онҳо бори муайяни ғоявӣ гузоштааст, аксари ҷузъҳои портрет моҳияти ҷамъбастӣ дошта, маъноҳои томро ифода кардаанд" [84, 242-243]. Муҳаққиқ "услуби биниши фардии"Айниро дар офаридани портрет ва ба ин васила харктери онро мушаххас сохтанро аз имтиёзоти ҳунари тасвиргарии ӯ шинохта, дар ин замина ҷустуҷӯҳои нависандаро дар истифодаи ҷузъиёти портретсозӣ, аз ҷумла чашм, рӯй, риш, салла ва монанди инҳо мушаххас сохтааст.

Дар рисола М. Имомов ҷустуҷӯҳои ҳунарии Айниро дар офаридани потрети "шахсони таърихӣ" ва муосир ба таври мушаххас арзёбӣ карда, дар ин замина "тасвири пайвастаи портрет бо манзараи табиат, муҳит ва ашё"-ро дар таҷрибаи Айнӣ воситаи "ифодаи характер ва психологияи персонажҳо" [84, 252] таъбир кардааст, ки низ шинохти саҳеҳи ӯро аз ҳунари портретсозии нависанда ифода мекунад. Дар рисолаи зикршуда

портретҳои осори бадеии Айнӣ ба таври муфасал ва муқоисавӣ таҳқиқ ва таҳлили шуда, ҳунари шахсиятпардозии нависанда нишон дода шудааст, ки далели ҷустуҷӯҳои собитқадамонаи муҳаққиқ дар шинохти чеҳраи ҷомеи ҳунарии Айнӣ мебошад.

Доир ба ҳунари шоирии Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик тадқиқоти ҷомеъ сурат нагирифтабошад ҳам, баъзе паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ аз ҷониби баъзе муҳаққиқон маври таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла Шоҳзамон Раҳмонов дар рисолаи "Шеър ва Айнӣ" ва А. Ҳаким дар мақолаи "Мақоми шеър дар эҷодиёти устод Айнӣ" доир ба масъалаи мавриди назар мулоҳизаҳои худро баён кардаанд, ки дар ин замина тоза ва пурмуҳтаво ба назар мерасанд.

Адабиётшинос Ш. Раҳмонов нахуст дар бораи сохтори бадеии шеърҳои инқилобии Айнӣ сухан карда, дар сурудани чунин шеърҳо пойбанди "сухани хушк ва беобу ранг" нашудани Айнӣ ва ба хотири таъсиргузории шеър тағйир додани "ритму оҳанг"-ро аз ҷумлаи ҳунари шоирии ӯ медонад ва хулоса мекунад, ки "устод аз шеър ҳамчун аз як навъи сухани бадеии муассир, ки шаклу қолиби хурд, вале мазмуни васеъ дорад, фаровон истифода карда, дар наср лаҳну оҳанге медиҳад. Сухани мансур ба шеър пайваста, шоирона гуфта шуда, дар чунин лаҳзаҳо қувваю иқтидор ва дар дили кас шӯре, ғалаёне бедор менамояд" [142, 32].

Муҳаққиқ ҳунари Айниро дар корбурди саноеъи маънавию лафзӣ, вазн, қофия, оҳанг ва забон ба алоҳидагӣ баррасӣ карда, хулоса кардааст, ки "устод ҳеҷ намехост, ки шеър зоҳироро, схемавӣ шавад, бинобар ин ҳам мазмун ва ғояро сифати муҳими шеър медонист ва беҳуда "шеър қувваи шамшер дорад" нагуфтааст" [142, 58]. Дар заминаи ин гуфтаи Айнӣ Ш. Раҳмонов сохтори бадеӣ ва мундариҷавии шеъри Айниро дар якҷоягӣ таҳлил карда, "образнокии сухани бадеӣ"-ро "дар эҷодиёти манзуми тоинқилобии Айнӣ анъанавӣ" [142, 60] ба шумор меоварад ва дар ин замина шеърҳои "Ба шарафи Инқилоби Октябр", "Инқилоб", "Ахгари

инқилоб”, “Таронаи камбағалон” ва “Понздаҳ сол”-ро муфассал таҳлил ва арзёбӣ менамояд. Ба назари ӯ ифодаҳои тасвирӣ ва образноки “машъали рахшони адолат”, “мурғи ҳумой", “маҳбуба”, “офтоб”, “тӯфони об”, “оташи пуршуълаи пуршӯр” ва “сел” дар шеърҳои зикршуда василаи таъсиргузори баёни андеша ва образнокии он буда, ҳунари тасвиргарии шоирро бозгӯ менамоянд [142, 60-61].

Ш. Раҳмонов корбурди унсурҳои сохтории шеър қофия ва вазнро низ дар таҷрибаи шоирии Айнӣ баррасӣ карда, ба ин натиҷа расидааст, ки “Айнӣ қофиябоф набуд, ӯ калимаҳои пурмаъно, сода ва хеле пуроҳангро ёфта қофия мебаст, ки ҳамвазну оҳанг бошанд. Дар шеъри “Марши ҳуррият”- ситамдидагон-асирон-фақирон, ҳасрат-адолат, шодмонӣ-ҳукмронӣ, тфоқ-нифоқ, шод-бедод, адолат-зулмат- калимаҳое қофия шуда омадаанд, ки бори маънӣ бар дӯши онҳост” ва ҳам “шеърият...дар пояи аълост” [142, 59-60, 65].

Дар китоби зикршуда Ш. Раҳмонов нахуст андешаҳои Айниро доир ба вазни шеъри тоҷикӣ муфассал таҳлил карда, сипас кӯшишҳои ӯро дар корбурдаи вазнҳои арӯзӣ ва “вазнҳои нави дилчаспи пуроҳанг” [142, 89] арзёбӣ намудааст, ки пеш аз ҳама баёнгари дониши фарохи Айнӣ дар бораи арӯз ва эҷодкориву ҳунармандии ӯ дар истифодаи вазни шеър мебошад. Бо таҳлили як силсила шеърҳои инқилобии Айнӣ, аз ҷумла шеъри “Марши ҳуррият” ба чунин хулосаи муҳим омадааст, ки “С. Айнӣ дар ин шеър хусусиятҳои арӯзи анъанавиро шикаст, вай дар арӯз навигариҳои нави гӯшношуниде даровард, яъне вай барои пурқувват намудани сурӯши инқилобӣ фақат до як бахр маҳдуд нашуда, баръакс, барои ифода намудани он ҳар баҳре, ки ин ритму оҳанг мувофиқ меояд, истифода намуд. Вази шеъри “Марши ҳуррият” аз ду бахр-“фоилун”-и мутадорик ва “фоилотун”-и рамал дар асоси омезиши он рукнҳо фароҳам омада ва дар вазнҳои фоилун фоилун фоилотун-v-|-v-|-v-фоилун фоилун фоилун –v-|-v-|-v-; фоилун фоиилун фоилото –v-| -v-|-v-~фоилун фоилун фоилон –v-|-v-|-v~навишта шудааст” [142, 90]. Муҳаққиқ дар фасли “Сухан

аз вазни шеърҳои устод Айнӣ”-и рисолаи ёдшуда ҷустуҷҳова тозакориҳои Айниро дар истифодар вазни арӯз ба алоҳидагӣ таҳлил ва арзёбӣ намуда, дар ин замина тозакориҳои шоирро дар истифодаи “ритму оҳанг, арӯз ва вазни ҳиҷошумор” [142, 102] бо мисолҳо собит менамояд, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳо ба наҳве навназарист дар шинохти ҳунари шоирии Айнӣ.

Баррасии ҷолиб ва пурмояро дар шинохти ҳунари шоирии Айнӣ адабиётшинос ва шоир Аскар Ҳаким дар мақолаи “Мақоми шеър дар эҷодиёти устод Айнӣ” анҷом додааст, ки дар шинохти ҳунарии шоирии Айнӣ бесобиқа мебошад. Ин муҳаққиқ яке аз ҳунарҳои Айниро дар сурудани шеър “мизони суханро дуруст нигоҳ дошта” тавонистани ӯ дониста, асоснокиашро “ аз содагӣ ва одигӣ” нафуромадан ва “самимияти худро аз даст дода такрору дилбазан” [170, 52] нашудани он таъбир кардааст, диди тоза ва ҳунаршиносона дар ҳунари тасвиргарии шоир аст.

Аскар Ҳаким намунаҳоеро аз ашъори Айнӣ таҳлил карда, дар заминаи корбаст кардани саноеъи маънавию лафзӣ, хаёли бадеӣ моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии шоирро муайян ва мушаххас намудааст. Ба андешаи ӯ “Ҷустуҷӯи Айнӣ муҳтаво ва шаклишеърро дар бар мегирифт. Дар аввалҳо муҳтавои шери вай аз ҳамон маъниву мазмунҳои суннатӣ-ишқу ошиқӣ, ҷабру бевафоии ёр, каму беши рӯзгор ва зиндагии мадрасавии ӯ иборат буд. Дар ин байн шеърҳое, ки аз рӯзгори худ ва ё ҳодисаҳои дидаву шунидаяш навиштааст, ҷолибтар ба назар меоянд, зеро дар онҳо ҷанбаи вуқуъгароёна қавитар аст, ки дар шеъри ин давра тоза шакл мегирифт”. Барои таъйиди ин андешааш муҳаққиқ достони “Сайри Ширбадан”-и Айниро муфасал таҳлил карда, дар ин мазума “тарҳи тимсоли (образ) муаллиф-ровӣ”-ро, ки “бо ифодаи баъзе хулқу атвораш пеши назар падидор мешавад”, аз дарёфтҳои ҳунарии Айнӣ мешиносад. Муҳаққиқ сувари хаёл, аз ҷумла муболиғаву маҷоз ва ташбеҳу истиораву талмеҳро, ки Айнӣ ҳолшиносона ба коргирифтааст, василаи такмили бадеият ва хотирмон гардидани мазмуну муҳтавои шеър дониста, нақши вазн, қофия

ва радифро низ дар такмили сохтори мундариҷавӣ ва бадеии шеър муҳим ва таъсиргузор шумурдааст.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқоти дар ин боб анҷомгирифта бармеояд, ки муҳаққиқон ҳунари Айниро дар офаридани сужет ва бандубасти осори насри бадеӣ, пеш аз ҳама, дар ба ҳам овардани воқеаҳои зиёд, лаҳзаҳо, муносибати қаҳрамонон ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва шахсиятҳо дида, дар ин замина тасвири дақиқи бадеии воқеиятро омили аслии ташаккул ва таҳаввули образ ва характери шахсиятҳои осори ӯ донистаанд. Шинохт ва арзёбии айнишиносон аз ҷандаи ҳунарии шеъри Айнӣ низ ҷузъе аз ин ҷустуҷӯҳо буда, то ҷое диди тозаи муаллифонро дар шинохти ҳунари тасвиргарии Айнӣ ифода мекунад.

# БОБИ. ОМӮЗИШИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар боби аввали рисола дар алоқамандӣ бо марҳалаҳои инкишофи айнишиносӣ мо баъзе таҳқиқоти доир ба фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ таълифшуда, аз ҷумла андешаҳо доир ба “Намунаи адабиёти тоҷик” ва баъзеи дигарро ба тариқи умумӣ баррасӣ кардем. Вале таҳқиқоти дар тули солҳо доир ба таърихи адабиёти тоҷик, масъалаҳои назариву зебоишиносии он анҷомдодаи Айнӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносон қарор дошта, заминаро барои таҳқиқи ҳаматарафаи фаъолияти адабиётшиносии ӯ фароҳам меоварад. Ҳамчунин ӯ бо таълифоти бунёдиаш дар соҳаи адабиёт, забон ва таърих аз ҷониби муҳаққиқин ҳамчун аввалин адабиётшинос, забоншинос ва таърихшинос эътироф шудааст. Ба ин далел, дар ин боб мо қарор додем, ки баъзе таҳқиқоти муҳими дар ин замина ба вуҷуд омадаро баррасӣ ва арзёбӣ намоем.

## III.1. Арзёбии фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ

Донишманди фақид Холиқ Мирзозода дар як мақолаааш, ки солҳои шастум ба чоп расидааст, Садриддин Айниро “аввалин адабиётшиноси советии тоҷик” [109, 172] унвон карда буд. Хеле баъдтар А. Маҳмадаминов навишта буд, ки “Пайдоиш ва инкишофи адабиётшиносии советии тоҷик ба номи устод Айнӣ сахт вобаста аст. Асарҳои илмии ӯ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, танқиди адабӣ ва проблемаҳои муҳими адабиёти муосир дар ташаккули адабиётшиносии марксистии тоҷик нақши ҳалкунанда бозидаанд. Хизматҳои С. Айнӣ, хусусан дар бобати омӯзиши мероси адабӣ, тарғиби адабиёти нави тоҷик ва ривоҷу равнақи минбаъдаи он бағоят бузурганд” [105, 9]. А. Сатторзода “Муаллифи нахустин таҳқиқоти илмии муосир” будани Айниро таъкид карда, номгӯи пурраи асарҳои илмии ӯ, аз ҷумла таълифоташро дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Восифӣ ва Бедил зикр карда, меафзояд, ки

“ҳар яке аз ин асарҳо, бемуҳобо, заминаи боэътимоди ташаккули шохаҳои рӯдакишиносӣ, фирдавсишиносӣ, синошиносӣ, саъдишиносӣ, камолшиносӣ, навоишиносӣ, восифишиносӣ ва бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ва қаламрави забони форсии тоҷикӣ гардид” [151, 17].

Дар ин замина агар фаъолияти адабиётшиносии Айниро мурур кунем, маълум мешавад, ки воқеан ҳам домана ва паҳлуҳои таҳқиқоти ӯ васеъ буда, аввалин андешаҳои илмиаш, ба шаҳодати М. Шукуров ва Ҷ. Бақозода, бори аввал дар мактубе, киӯ “моҳи марти соли 1910 аз Бухоро ба Истамбул-ба Идрисӣ фиристода будааст” [192, 151; 105, 9], баён шудааст. Аз таҳқиқоти М. Шукуров ва Ҷ. Бақозода муълум мешавад, ки “Олимҷон Идрисӣ аввал дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм мекардааст ва бо устод Айнӣ шарикдарс будааст. Баъд Идрисӣ ба Истамбул рафтааст ва аз он ҷо ба Айнӣ мактубе навишта, дар бораи Бедил саволе кардааст. Устод ба саволи ӯ ҷавоби муфассале фиристодааст. Азбаски мактуби ҷавобии устод аҳаммияти илмӣ дошт, Идрисӣ қарор додааст, ки онро айнан тарҷума карда, ба шакли мақолае дар журнали “Шӯро” чоп кунонад, то ки оммаи хонандагони туркизабон аз мазмуни он баҳраманд гарданд” [192, 151].

Аз мақолаи зикршудаи М. Шукуров ва Ҷ, Бақозода бармеояд, ки Идрисӣ “айнан тарҷумаи ҳамин мактуби форсиюл-иббора”-и Айниро чоп карда, ба ин асила маълумоти “муфассалтареро”, ки “ваъда дода” будааст, ба хонандаи маҷалла мерасонад. Андешаҳои М. Шукуров, Ҷ. Бақозода ва тавсифоти мухтасари Идрисӣ далели онанд, ки “устод аз овони ҷавонӣ ба омӯхтани эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ҷиддан машғулӣ мекард ва шуҳрати адабиётдонию бедилшиносии ӯ то он дараҷае буд, ки мухлисонаш аз наздику дур (ҳатто аз Туркия барин кишвари дурдасте) барои ҳалли шубҳаҳо ба ӯ мурочиат менамуданд. Мо дар он солҳо аз тарафи аҳли илму адаби Бухоро эътироф шудани истеъдоду заковати Айниро аз бисёр фактҳои дигар (масалан, аз сухани баъзе зиёиёни пешқадами асри бист ва аз тазкираҳои он давра) ҳам медонем. Мақолаи Идрисӣ боз як далелест, ки ин ҳақиқатро тасдиқ менамояд” [192, 151]. Дар ҳақиқат, мақолаи Идрисӣ ва

тавзеҳоти М. Шукурову Ҷ. Бақозода далели онанд, ки, ба қавли А. Маҳамадаминов, “устод Айнӣ дар фаъолияти адабиётшиносиаш тадқиқро бори аввал аз абулмаонӣ-Бедил оғоз карда, муддати чил сол дар бораи ӯ пайваста ба пажӯҳиш машғул шуда ва ниҳоят натиҷаҳои кори илмии охиринашро бо таълифи монографияи дар бедилшиносӣ бесобиқаву беҳамто “Мирзо Абулқодири Бедил” (1954) ҷамъбаст намудааст” [105, 9-10], ки дар он замон “дар илми адабиётшиносии ҷаҳон дар хусуси Бедил якумин монография буд” [192, 152].

Аз он чи ки дар фавқ гуфта шуд бармеояд, ки адабиётшиносӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодии Айнӣ то охирин рӯзҳои ҳаёташ ҷузъи асосии ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯ қарор гирифта, дар ин замина ӯ дар тули замон корҳои шоистаеро ба анҷом расондааст. Ба ин далел, таҳқиқи фаъолияти адабиётшиносии ӯ аз ибтидо ҷузъи муҳими таҳқиқоти айнишиносони тоҷик қарор гирифта, дар ин замина корҳои зиёде анҷом гирифтааст, ки дар ин фасл мо муҳимтарини онҳоро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Дар марҳалаҳои гуногуни айнишиносии тоҷик фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ дар самтҳои таърихи адабиёт, масъалаҳои назарӣ ва (эстетикӣ) зебоишиносӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбии муҳаққиқон қарор гирифтааст, ки моҳияти ҷустуҷӯҳои дар ин замина анҷогирифтаро мушаххас менамояд.

Чунон ки ишора ҳам шуд, ба эътирофи аҳли таҳқиқ Айнӣ нахустин адабиётшиноси давраи нави таърихи халқи тоҷик буд, ки бо таълифи як силсила асарҳо, ба қавли Холиқ Мирзозода “якчанд масъалаҳои муҳими таърихи адабиётамон”-ро ба миён гузошта ва ҳал кардааст. Ба андешаи ин донишманди фақид Айнӣ аввалин нафаре буд, ки муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёт, аз ҷумла “масъалаи мероси адабӣ, давраҳои адабиёт, шуур ва худшиносии миллӣ”-ро ҳал кардааст [109, 173].

Х. Мирзозода дар мақолаи “Садриддин Айнӣ-аввалин адабиётшиноси советии тоҷик” “Асарҳои адабиётшиносии Садриддин Айнӣ: “Намунаи адабиёти тоҷик” (1926), “Дар бораи Фирдавсӣ ва

“Шоҳнома”-и ӯ” (1935), “Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино” (1939), “Устод Рӯӯдакӣ” (1940), “Як симои номашҳури адабиёти тоҷик-Восифӣ” (1940), “Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ” (1942), “Алишер авоӣ” (1948), “Мирзо Абдулқодири Бедил” (1954) ва ғайра”-ро зикр карда, таъкид мекунад, ки “вай асосан дар соҳаи таърихи адабиёт кор кардааст” [109, 173]. Муҳаққиқ дар ин замина дар мақолаи ёдшуда муҳимтарин ҷустуҷӯҳои илмии устод Айниро оид ба таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик ба таври мушаххас нишон медиҳад, ки кӯшиши аввал ва ҷиддӣ дар шинохт ва арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ мебошад. Ҳамчунин Х. Мирзозода таъкид мекунад, ки агарчи Айнӣ “дар соҳаи назарияи адабиёт асаре нанавиштааст, дар бораи шаклҳои адабӣ, воситаҳои тасвир, вазни арӯз ва ғайра донишманди бузург буд” [109, 174]. Ин донишманд бо маслиҳатҳо, тақризҳо ва мактубҳо ба “инкишофи танқиди адабӣ низ ёрӣ” [109, 174] расонани Айниро ҷузъи фаъолияти адабиётшиносии ӯ маънидод мекунад.

Х. Мирзозода дар мақолаи зикршуда дар бораи “Намунаи адабиёти тоҷик” ҳамчун аввалин “асари оид ба адабиёт навиштаи Айнӣ” сухан ронда, бартариҳои мундариҷаи ғоявии онро нишон медиҳад ва фарқи муҳим ва ҷддии ин асарро аз тазкираҳои пешина дар он мебинад, ки “нависанда ба китоби худ шуур ва худшиносии миллиро дохил кардааст, ки мо дар тазкираҳои гузашта инро намебинем”. Муҳаққиқ “фактҳои таърихи адабиётро дар партави адабиётшиносии” навин ҳал намудан, “масъалаҳои муҳими назарияи адабиётро баён” кардан ва мушкилоти матншиносиро [109, 178-179] ба миён кашиданро аз имтиёзоти “Намунаи адабиёти тоҷик” дониста, сипас рисолаҳо ва мақолаҳои дигари Айниро низ дар бораи саромадони шеъру адаби тоҷик баррасӣ намудааст, ки арзиши таърихию адабии асари Айниро собит мекунад.

Дар мақолаи Р. Ҳодизода “Масъалаҳои таърихи адабиёт дар “Намунаи адабиёти тоҷик” низ хидмати Айнинро дар шинохт ва арзёбии “афкор ва андешаҳои пешқадамонаи адибон”, бахусус мушаххас намудани

“дарачаи бадеият ва қимати эстетикии назм ва насри гузаштагон” муҳим арзёбӣ шуда, муҳаққиқ ҷустуҷӯҳои Айниро дар арзёбии тасвири реалистӣ дар осори гузаштагон, тарҳи муайяни даврабандии таърихи адабиёт, роҳҳҳои истифодаи мероси адабии пешин “барои тарбияи насли навраси ҷамъияти сотсиалистӣ” ва “ба тарзи нави илмӣ ва усули тадқиқи марксистӣ омӯхтан ва таҳқиқ намудани таърихи адабиёти тоҷик” [172, 135-138] тоза ва пураҳамият ба шумор овардааст, ки диди тоза ва интиқодии муаллифро дар шинохти фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ ифода менамояд.

Аз таҳқиқоти ҷиддӣ ва муҳиме, ки дар онҳо фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ бевосита баррасӣ шудааст, метавон мақолаҳои Эм. Муллоқандов “Устод Айнӣ-адабиётшинос” ва А. Маҳмадаминов “Оид ба фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ” ва рисолаи ҳамин муаллиф “Айнишиносӣ ва замони ҳозира”-ро ном бурд.

Эм. Муллоқандов дар мақолаи зикршуда хидмати Айниро “дар наср” ва ҳам “дар адабиётшиносӣ” бузург шинохта, менависад, ки”Мақола ва китобҳои Айнӣ аз ҷиҳати вуқуфи том доштан ба адабиёти классикии форсу тоҷик ва таърхи он, аз ҷиҳати пухтафикрӣ ва чуқурии муҳокимарониҳо дар бораи масъалаҳои ин адабиёт, аз ҷиҳати дурустфаҳмӣ ва дурустбаҳодиҳӣ ба шоирони пешина ва навиштаҷоти онҳо, аз ҷиҳати ташхиси дурусти классикон ва мавқеи ҳар кадоми онҳо дар адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик мақоми алоҳидае доранд” [115, 85]. Муҳаққиқ дар мақола ҳамин “мақоми алоҳидае”-ро, ки устод Айнӣ ҳамчун адабиётшинос дар таҳқиқу таҳлили масъалаҳои таърихи адабиёт, ҳаёт ва эҷодиёти адибони алоҳида ва назарияву зебоишиносии мероси адабии гузаштагон  ба даст овардааст, бо таҳлили қиёсӣ мушаххас менамояд.

Эм. Муллоқандов дар ин мақола китобҳои Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”, “Мирзо Абдулқодири Бедил” ва таълифоти дигари ӯро доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ, Восифӣ ва Навоӣ муфассал таҳлил ва арзёбӣ карда, сипас хидмати Айниро дар соҳаи матншиносӣ ва таҳриру такмили осори шоирон, аз ҷумла Ҳофиз, Саъдӣ ва Бедил бо мисолҳо нишон

медиҳад. Ҳамчунин Эм Муллоқандов луғот ва баъзе байтҳои шарҳу тафсир кардаи Айниро накд карда, ба хулоса меояд, ки “Хонандагон аз ин шарҳу тафсирҳо ба хубӣ мебинанд, ки ин марди фозил барои шиносондани хонандагони имрӯза бо ҳаёт ва таърихи пешинаи халқи худ, маданият ва адабиёти он, расму оин ва урфу одати вай ҳар мавриди муносибро ғанимат дониста, ба онҳо ҳар чи зиёдтар маълумоти муфид ва даркорӣ додааст, то ба дониши онҳо донише афзояд, доираи фаҳм ва дониши онҳоро васеътар кунонад, умуман дараҷаи маданияти онҳо ва хусусан савияи шеърфаҳмии онҳоро бардоронад” [115, 115-116].

Саҳми Айнӣ ҳамчун адабиётшинос дар таҳрир, такмил ва нашри “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ дар мақолаи К. Қаландаров низ муфассал таҳлил ва арзёбӣ шуда, хидмати вай дар содаву оммафаҳм кардани забони асар бо мисолҳо нишон дода шудааст [93, 129-141].

Яке аз айнишиносоне, ки дар таҳқиқ ва таҳлилу арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ нақши мондагор дошта, дар ин самт пайгирона хидмат намудааст, А. Маҳмадаминов мебошад. Таълифоти ӯ “Садриддин Айнӣ-олим”, ки дар он дар қатори дигар масъалаҳо фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ муфассал баррасӣ шудааст, “Айнишиносӣ ва замони ҳозира”, ки мақолаҳои ҷудогонаи муаллифро доир ба масъалаҳои афкори дабию эстетикии Айнӣ, тадқиқи Абулосим Фирдавсӣ ва масъалаи худогоҳии миллӣ, саҳми Айнӣ дар матншиносӣ ва ғайраро дар бар мегирад, саҳифаҳои тозае дар айнишиносии тоҷик ба шумор меравconfigurationанд.

А. Маҳмадаминов дар мақолаи “Оид ба фаъолияти адабиётшиносии устод Айнӣ”, ки дар рисолаи “Садриддин Айнӣ-олим” ба чоп расидааст, нақши Айниро дар ташаккули соҳаҳои гуногуни илми адабиётшиносии тоҷик муфассал баррасӣ карда, аз ҷумла нигоштааст: “Устод Айнӣ дар адабиётшиносии советии тоҷик аввалин касест, ки таърихи адабиётро мувофиқи талаби замони нав тадқиқ намуда, таълимоти ленинии омӯзиши мероси адабӣ ва дар ҳар як маданияти миллӣ мавҷуд будани ду маданияти миллиро ба воситаи “Намунаи адабиёти тоҷик” амалӣ гардондааст” [105,

14]. Муҳаққиқ ин китобро “асоси мустаҳками илми адабиётшиносии советии тоҷик” ба шумор оварда, дарёфтҳои бунёдии Айниро дар таққиқи ҳаёту осори шоиру нависандагон, даврабандии таърихи адабиёт, шинохт ва арзёбии “боигарии жанру намуд ва сабку услубҳои адабӣ, нафосати калом ва салосати баён, лирикаи пурэҳсоси тараннумкунандаи маънавияти инсон, забони пуробу ранг ва санъату бадеияти баланди адабиёти гузашта” [105, 14] мушаххас ва баҳогузорӣ намудааст, ки дар айнишиносӣ мушоҳидаҳои тоза мебошанд. Дар мақола дар боби аз тарафи Айнӣ “бори аввал ба адабиётшиносии тоҷик” ворид намудани “жанрҳои танқиди адабӣ: такриз, китобиёт, мақолаҳои мубоҳисавӣ, қайдҳои адабӣ, мақолаҳои обзорӣ, илмию тадқиқотӣ, танқиди танқид ва ғайра” сухан карда, намунаҳои ин гуна таълифоти Айниро зикр ва дар бораи онҳо сухан кардааст. Ҳамчунин муаллиф хидматҳои Айниро дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти давраҳои гуногун ёдрас карда, дар ин замина нақши ӯро дар “инкишоф ва такомулоти адабиётшиносии тоҷик” бузург таъбир мекунад [105, 26].

Мақолаҳое, ки дар китоби А. Маҳмадаминов “Айнишиносӣ ва замони ҳозира” чоп шудаанд, бо фарогирии масъалаҳо ва нақду арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ саҳми арзандаи ин муҳаққиқро дар ин соҳа муайян менамоянд. Масалан, муҳаққиқ дар мақолаи “Оид ба як баромади танқидии устод Айнӣ” дар асоси матни мухтасари баромади Айнӣ дар пленуми якуми васеи Бюрои осиёимиёнагии Иттифоқи нависандагони умумииттифоқ андешаҳои Айниро доир ба масъалаҳои тарҷумаи бадеӣ, аҳаммияти нақди адабӣ, тарбияи кадрҳои соҳаи танқиди адабӣ, тарзу услуби танқид ва омӯзиши таҷрибаи адибони бузург мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст. Дар мақола А. Маҳмадаминов андешаҳои адабии Айниро доир ба масъалаҳои ёдшуда ба таври алоҳида баррасӣ ва аз онҳо натиҷагирӣ кардааст, ки баёнгари диди тоза ва итиқодии ӯ доир ба фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ мебошад. Арзёбии андешаҳои Айнӣ дар бораи моҳияти тарҷумаи бадеӣ, аҳаммияти танқиди

адабӣ дар пешрафти адабиёт, тарбияи кадрҳои соҳаи танқид ва таъсири таҷрибаи адибони бузург ба пешрафти адабиёт баёнгари диди моҳиятҷӯи муҳаққиқ аз фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ мебошад.

Дар мақолаи "Масъалаҳои назарияи адабиёт ва ақидаҳои адабию эстетикии С. Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" А. Маҳмадаминов андешаҳои Айниро доир ба масъалаҳои назарияи адабиёт ва адабию эстетикӣ (зебоишиносӣ) мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин замина ҷустуҷӯҳои назариву эстетикии Айниро оид ба мушкилоти омӯзиши мероси адабӣ, таъйини ҳуқуқи миллати тоҷик ба мероси адабӣ, худшиносии миллӣ, усули таблиғи адабиёт, даврабандии адабиёт ва монанди инҳо муайян намудааст ва моҳияти андешаҳои Айниро дар ин боб шарҳу тазеҳ додааст. Ҳамчунин ин донишманд ақидаҳои Айниро "дар бораи мазмун ва шакли асари бадеӣ, мавзуъ ва ғоя, қонунияти инкишофи ҷараёни эҷоди бадеӣ, робитаи ҳаёт ва адабиёт, бадеъият, устухонбандӣ, забони асари бадеӣ, вазифаҳои тарбиявии адабиёт, услуб, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ, мавқеи санъаткор ва нақши адабиёт дар ҷомеа, навъ ва жанрҳои адабӣ, анъана ва анвоварӣ, шеъру шоирӣ, вазни арӯз, маҳорати адабӣ, матншиносӣ ва ғайра" [104, 19] муфассал таҳлил карда, "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро ифодакунандаи дидгоҳҳои назарӣ, зебоишиносӣ ва интиқодии Айнӣ оид ба мсоили мухталифи адабӣ унвон мекунад.

Дар мақолаҳои "Тадқиқи Абулқосим Фирдавсӣ ва масъалаи худогоҳии миллӣ", "Аввалин матншиноси тоҷик", "Маъхазе оид ба Тошхоҷаи Асирӣ", "Садриддин Айнӣ-сардафтари тазкиранависии навини тоҷикӣ", "Таърихи инқилоби Бухоро" ва масъалаи тадқиқи ақидаҳои адабию эстетикии Айнӣ", "С. Айнӣ ва китобшиносии навини тоҷик", "Муаммо ва моддаи таърих дар "Намунаи адабиёти тоҷик", "Саҳифаҳои заррини ҳаёт", "Оид ба як ҷавобияи устод Айнӣ" ва "Намунаи адабиёти тоҷик"-якумин намунаи нақди адабии навин дар Тоҷикистон" низ, чунон ки аз номи мақолаҳо бармеоянд, муаллиф муҳимтарин паҳлуҳои фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ ва нақши андешаҳои ӯро дар ташаккулу таҳаввули

соҳаҳои гуногуни он муайян ва мушаххас намудааст, ки кӯшишҳои босамари ӯро дар пешрафти айнишиносӣ собит менамояд.

Дар таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносӣ (эстетикӣ) ҷойгоҳи хос дошта, баъзе тамоюлҳои айнишиносии вақтро мушаххас месозад. Таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта нишон медиҳад, ки ҳарчанд аз рӯйи миқдор омӯзиши масъалаҳои назариву зебоишиносӣ дар ин боб чандон зиёд нест, бо вуҷуди ин таҷрибаи мавҷуда имкон медиҳад баъзе равишҳои айнишиносиро дар шинохти фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ бо баррасии таълифоти донишмандоне мисли М. Шукуров (М. Шакрӣ), С. Табаров, Р. Ҳошим, Ҷ. Бақозода, Т. Абдуҷабборов, А. Набиев (А. Набавӣ) ва дигарон мушаххас созем.

Дар ин замина мақолаи М. Шукуров “Фаъолияти илмии устод Айнӣ ва худогоҳии миллии меҳнаткашони тоҷик” яке аз аввалии таҳқиқотест, ки муаллиф дар он “назари таърихӣ”-и Айниро “ба сифати як ҷузъи табии назари нави замонӣ” дар шинохт ва арзёбии мушкилоти ҳаёти адабии тоҷикон баррасӣ ва арзёбӣ кардааст [190, 4]. Ба мушоҳидаи М. Шукуров ҷавҳари назарияи Айниро дар боби шинохти таърих ва осори бадеӣ худшиносии миллӣ ташкил дода, роҳро барои баҳарбардорӣ аз мероси гузаштагон ҳамвор менамояд.

Ба андешаи ин донишманд “илми адабиётшиносии марксистии тоҷик” аз “таҳқиқоти калони ҳамаҷонибаи Айнӣ”-“Намунаи адабиёти тоҷик” оғоз ёфта, “Дар он вақт дар назари Айнӣ байни муборизаи иҷтимоиву сиёсӣ ва илми адабиётшиносӣ фарқе набуд. Тадқиқоти илмӣ дар дасти Айнӣ ба сифати силоҳи мубориза дар оҳи ҳалли яке аз масъалаҳои асосии таърихи нави халқаш хизмат кардааст. Аз ни рӯ тадқиқи илмии Айнӣ дар ташаккули шуури нави тоҷикон ба сифати як омили пурзӯр игтирок намудааст” [190, 6]. Ба ин далел, М. Шукуров солҳои сиюми садаи гузаштаро давраи ташаккул ва таҳаввули андешаҳои назарӣ ва амалии Айнӣ бар зидди “нигилизми зарарнок” маънидод карда, хидмати ӯро дар

роҳи ҳифз ва нашру тарғиби мероси адабии гузаштагон омили муҳими зиндадори миллат дар баробари “боқимондаҳои пантуркизм” медонад. Ба хулосаи ӯ, “Китобҳои машҳуре, ки Айнӣ дар бораи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ дар солҳои сӣ навишт”, зери таъсири ҳамин назарияи миллатдӯстона таълиф ва нашр шуда, дар “ташаккули ҳофизаи таърихии халқ ва муайян шудани мазмуни асосии он” [190, 7] нақши калидӣ бозидаанд, ки ин назарияи солими муносибат ба мероси адабию фарҳангиро маҳз Айнӣ поягузорӣ намудааст.

Дигар аз муҳаққиқоне, ки дар омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои назарӣ ва эстетикии Айнӣ ҷустуҷӯҳои судмандеро анҷом додааст, Соҳиб Табаров мебошад. Ин донишманди фақид дар мақолаи “Дар бораи баъзе масъалаҳои ақоиди эстетикии С. Айнӣ” барои “фаҳмидани хусусиятҳои мундариҷавӣ, идеявӣ ва бадеии” асари нависанда “омӯхтани лабораторияи эҷодӣ ва донистани фикру ақидаи худи мусанниф дар бораи он асарҳо”-ро муҳим дониста, дар ин замина дар мисоли таҷрибаи эҷодии Айнӣ мулоҳизаҳои назариву эстетикии ӯро баррасӣ ва арзёбӣ кардааст, ки дар шинохти консепсияи ҳунарии нависанда ва андешаву орои ӯ арзишманд мебошад.

Мақолаи ёдшудаи С. Табаров, пеш аз ҳама, таҳаввули муносибатҳои назарӣ ва зебоишиносии Айниро доир ба поэтики наср ифода мекунад, ки диди тозаву интиқодии мушаххас ва моҳиятҷӯи муаллиф дар айнишиносӣ мебошад. Чунон ки муаллиф таъкид кардааст, ӯ дар ин мақола андешаҳои ҷавобии Айниро, ки ба “китобчаи Н. Бектош” дар ҷавобияҳояш “Эзоҳ” ва “Ҷавоби ман” навиштаасту “масъалаҳои эстетикӣ, назариявӣ ва таҷрибаи эҷодии нависанда”-ро [159, 41] дар бар мегирад, нақду арзёбӣ кардааст. Ба мушоҳидаи С. Табаров “Мақолаҳои номбаршудаи С. Айнӣ оид ба якчанд масъалаҳои адабӣ-эстетикӣ (нависанда ва замон, муносибати нависанда ба мавзуъ, тасвири манзараҳои табиӣ; образ, характер, амалиёт; забон ва услуб; ҳақиқати ҳаёт ва хаёлоти бадеӣ ва монанди инҳо) нуктаи назари нависандаро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, рол ва мақоми ин мақолаҳо

барои муайян кардани чандин соҳаҳои афкори адабиётшиносии нависанда хеле калон аст”. Бо назардошти масъалаҳои зикршуда муҳаққиқ “баъзе фикрҳои нависанда дар бораи “Одина” ва “Дохунда”-ро, ки “дар мақолаҳои номбаршудаи ӯ ва махсусан дар “Эзоҳ” оварда шудаанд, нақду баррасӣ карда, “муаммоҳои муҳими эстетикӣ-адабӣ”-и ба миён гузоштаи Айниро баррасӣ ва арзёбӣ намудааст. Он чи ки ӯ дар таҷриба ва андешаҳои Айнӣ муҳим донистааст, нуқтаи назари нависанда “дар бораи типӣ, конкретӣ, воқеӣ-таърихӣ будани образҳо” ва мувофиқати онҳо “бо эстетикаи адабиётшиносии советӣ” [159, 53] мебошад, ки, ба эътирофи муҳаққиқ, Айнӣ “ақидаи эстетикии худро ҳам дар масъалаи ба таври конкретӣ ва воқеӣ тасвир кардани конфликт ва ҳодисаҳо, ҳам дар тасвири образи персонажҳо, аз ҷумла персонажҳои таърихӣ ва ҳам дар банду басти роман равшан муайян кардааст”. Дар ин замина муҳаққиқ “системаи мукаммали образи қаҳрамони асосии роман (“Дохунда”- С.Ҷ.)-Ёдгор”-ро бо назардошти андешаҳои адабии Айнӣ баррасӣ карда, бебунёдии даъвоҳои Бектош ва воқеияти андешаҳои Айниро собит менамояд, ки мавқеияти нависандаро дар шинохти моҳияти назарии масаъал мушаххас месозад.

Ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар соҳаи назарияи адабиёт ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар мақолаҳои Т. Абдуҷабборов “Устод Айнӣ ва баъзе масаъалаҳои назарияи адабиёт”, Ҷ. Бақозода “Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар солҳои бистум” ва А. Набиев (А. Набавӣ) низ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст, ки баъзе паҳлуҳои муҳими фаъолияти адабиётшиносии Айниро ошкор менамояд. Аз ҷумла Т. Абдуҷабборов дар мақолаи зикршуда андешаҳои назарии Айниро доир ба масъалаҳои робитаи ҳаёт ва адабиёт, мазмун ва шакли асари бадеӣ, системаи образҳо, композитсия ва сужет, забони асари бадеӣ, шеърият, қонуни инкишофи кори эҷодӣ, услуб, метод, навъ ва жанрҳои адабӣ” баррасӣ карда, дар такя ба мақолаву мактубҳо ва таҷрибаи

эҷодии Айнӣ бунмояи афкори адабии назарӣ ва зебоишиносии ӯро муайян намудааст, ки ҳам мансуб ба шеър аст, ҳам наср.

Муҳаққиқ андешаҳои Айниро дар "хусуси асоси ҳаётӣ доштани ашъори Лоҳутӣ" зикр карда, дар ин замина назари ӯро ба хусусиятҳои сохторӣ, аз ҷумла жанриву услубии осори шоир ба алоҳидагӣ баррасӣ намудааст, ки моҳияти афкори адабии Айниро оид ба шеър дар мисоли таҷрибаи шоирии Лоҳутӣ ошкор менамояд. Т. Абдуҷабборов нақди Айнӣ ба ашъори Лоҳутӣ, аз ҷумла мушоҳидаи ӯ оид ба "навии мазмуну шакл, аз шакли анъанавӣ моҳирона истифода бурдан"-и шоирро таҳлил карда, тозагӣ ва муҳимии назари нависандаро дар он дидааст, ки Айнӣ дар шинохти сохтори ҳунарии шеъри Лоҳутӣ, пеш аз ҳама, ба тозакориҳои шоир дар ифодаи мазмун ва тасвири шоирона эътибор додааст [20, 45].

Дар идомаи ин баҳс муҳаққиқ дар такя ба як мактуби Айнӣ ба Деҳотӣ андешаҳои назарии Айниро нисбат ба ҳусну қубҳи шеъри Деҳотӣ таҳлил кардааст, ки дар заминаи андешаи зерини Айнӣ сурат гирифтааст: "Агар шумо (Деҳотӣ) дар як порча ду вазнро қасдан ба кор бурда, як навигарӣ дар шакл оварданро хоста бошед, мебоист ин навигариро ба як интизом медаровардед. Чунки решаи забони назм ва интизом як аст, ин ҳаминро мефаҳмонад, ки дар назм интизом аз шартҳои решагӣ аст-асосӣ аст. Масалан, ҳар чор мисраъро дар як вазн ва ду мисраъро дар вазни дигар навишта, ин матнро то охир мебурдед, ин навигарии боинтизом мешуд, ки хеле дилчасп аст. Аммо шакл ва тартиби ҳозираи ин шеър ба хонанда ҳамин таассуротро медиҳад, ки ин дувазнагӣ тасодуфан воқеъ шуда бошад" [20, 46].

Ҳамин тавр, Т. Абдуҷабборов андешаҳои Айниро дар бораи сохтори мундариҷавӣ ва композитсионии осори насрӣ дар замианаи таҷрибаи Айнӣ дар эҷоди "Ёддоштҳо" таҳлил карда, андешаҳои назарӣ ва таҷрибаи нависандаро дар офаридани "системаи образҳо", "типӣ будани ҳодисаҳои камшумор, саъати типсозӣ, эволютсияи қаҳрамонҳо, роли ҷузъиёт дар офаридани характерҳо" [20, 46] муфассал баррасӣ ва арзёбӣ кардааст.

Муҳаққиқ суханони Айнӣ-“тип бо хулқу атвор, савия ва фикру ақидаҳои ба худаш хос тип мешавад”-ро иқтибос карда, дар ин замина назари интиқодии нависандаро ба тарзи “образи типӣ” офаридани С. Улуғзода дар повести “Субҳи ҷавонии мо” шарҳ додааст, ки баёнгари диди ҳунарии Айнӣ дар офариниши типҳои бадеӣ мебошад. Муҳаққиқ ҳамин гуна андешаҳои назарии нависандаро доир ба “мавқеъ, фоъолият, нутқ, симо”-и қаҳрамонони асарҳои насрии Толис ва Деҳотӣ низ арзёбӣ карда, нақш ва ҷойгоҳи Айниро дар ташаккули афкори адабии навини тоҷикӣ муайян намудааст, ки мушоҳидаҳои тозаи ӯро дар бар мегирад.

Дар мақолаи Ҷ. Бақозода “Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар солҳои бистум” муаллиф бо таҳлили муқоисавӣ собит кардааст, ки “устод Айнӣ на танҳо бунёдгузори адабиёти навини тоҷик, балки илми адабиётшиносӣ низ мебошад” [44, 230]. Дар ин замина муҳаққиқ ҷанбаҳои назарии андешаву орои Айниро дар мисоли “Намунаи адабиёти тоҷик” баррасӣ карда, ин асари Айниро “дар интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани масоили адабӣ, дар баҳо додан ба ашъори шоирон ва дар матншиносӣ барои аҳли адаби солҳои бистуму сиюм намунаи ибрат” [44, 236] ба шумор меоварад.Ба мушоҳидаи Ҷ. Бақозода устод Айнӣ  сохтори шеърро дар алоқамандӣ бо мазмуну мундариҷа, истифодаи санъати сухан, таносуби тасвир, сабку услуб ва маҳорати ҳунарии шоир арзёбӣ намуда, “бо як маҳорати фавқулода зимни ду-се ҷумлаи мӯҷаз ва дар маънӣ пурбор хусусияти хоси эҷодиёти ин ё он шоирро муайян мекунад. Аз шарҳу эзоҳи ӯ хонанда махсусиятҳои эҷодиёти Рӯдакӣ, Бадри Чочӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Туғрал ва монанди инҳоро равшан ҳис мекунад” [44, 236].

Муҳаққиқ андешаҳои интиқодии Айниро дар бораи ҳусну қубҳи шеъри Лоҳутӣ ба таври муфассал баррасӣ намуда, дар мисоли таҷрибаи нависанда дар эҷоди повести “Одина” хусусиятҳои бадеию эстетикии адабиёти навини тоҷикиро, ки бунёдгузораш Айнист, мушаххас ва нақши афкори назарӣ ва таҷрибаи амалии Айниро дар ташаккули насри навини тоҷикӣ муайян намудааст.

Аз айнишиносон Раҳим Ҳошим ягона муҳақиқест, ки назариёти Айниро дар бораи шеъру шоирӣ, зебоишиносӣ ва таълиму тарбия баррасӣ намудааст. Нахуст вай дар мақолаи “Баъзе мулоҳизаҳои Айнӣ дар бораи шеъру шоирӣ” [180] масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносии шеъру шоириро дар дар заминаи таълифоти Айнӣ “дар бораи Фирдавсӣ, Саъдӣ, Рӯдакӣ, Бедил ва дигарон” ва “Намунаи адабиёти тоҷик” таҳлил кардааст. Р. Ҳошим барои муайян кардани назариёти Айнӣ ба шеъру шоирӣ, пеш аз ҳама, аз тарзи интихоби шеърҳо дар “Намуна...” кор гирифта, “шеърҳои ба ин маҷмуа даровардашуда”-ро “пеш аз ҳама даели завқи баланди шеърӣ, серталабии” Айнӣ донистааст. Дар ин замина Раҳим Ҳошим таъкид мекунад, ки “Мо аз навиштаҳои худи устод ва аз баъзе ёддоштҳо ба ин давраи фаъолияти Айнӣ медонем, ки вай барои интихоби намунаҳо, барои ҷой додан дар тазкираи худ садҳо варақ шеъри як шоирро аз назар гузаронда он чиро, ки муаррификунандаи симои эҷодиёти он шоир аст, ва он чиро, ки ба хонанда завқи шеърӣ баххида метавонад, интихоб карда ба тазкираи худ даровардааст. Ва як қимати муҳими “Намуна” маҳз бо завқ, фаҳмидаву дониста интихоб шудани шеърҳост, на ба мисли баъзе тазкираҳо, ки соҳибони онҳо ҳар чи ба дасташон ояд, намуна гӯён ба тазкираи худ дохил кардаанд” [180, 186].

Ин донишманд барои муайян кардани назариёти Айнӣ оид ба шеъру шоирӣ “Ёддоштҳо”-ро “яке аз манбаъҳои пурқимат” [180, 187] дониста, дар такя ба ин асар муносибати Айниро ба шеъри шоирон муайян менамояд. Дигар аз манбае, ки Р. Ҳошим барои “барои муайян кардани назариёти Айнӣ ба назм ва ба эҷодиёти шоирон ва умуман ба теорияи назми тоҷик, шакл ва вазн”-и он истифода кардааст, “мукотибаи Айнӣ бо дӯстон ва шогирдонаш” [180, 187] будааст.

Раҳим Ҳошим барои дар такя бар “Ёддоштҳо”муайян намудани андешаҳои Айнӣ оид ба шеъру шоирӣ шоирони Бухороро ба се гурӯҳ-“1. Шоирони мансуб ба дарбор; 2. Шоирони муқаллиди услуби Бедил; 3. Шоирони ҷараёни соданависӣ” [180, 188] тақсим карда, сипас андешаҳои

Айниро нисбати ҳар гурӯҳ иқтибос, таҳлил ва дар ин замина мушаххасоти назариёти Айниро оид ба шеър мушаххас менамояд. Аз ҷумла суханони зайли Айниро барои намудани ҳолу ҳавои шоирони гурӯҳи аввал иқтибос менамояд: “Инҳо аввал лафзбозиҳо, муаммоҳо, қасидаҳои тамом-таърих, қасидаи аз ҳарфи бенуқта тамомшаванда барин корҳоро, ки дар замони пӯсиши феодализм санъат ба шумор мерафт, ба даст медароварданд ва чун дар дарбори Абдулаҳад фаҳшиёт ривоҷ ёфта буд, мувофиқ шудан ба онро машқ карда, шеърҳои беадабона гуфтанро сар мекарданд” [180, 188]. Раҳим Ҳошим дар такя ба маълумот ва арзёбии Айнӣ аз чунин шеъри “Неъматуллоҳ-махдум, ки аввал “Нозук”, баъд “Муҳтарам” тахаллус карда буд”, масъалаи назариёти ахлоқии Айниро оид ба шеър ва ахлоқи шоир ба миён мекашад, ки мушоҳидаи тозаи муҳаққиқ дар шинохта афкори адабии нависанда мебошад.

Раҳим Ҳошим дар идомаи ин баҳс назари Айниро ба шеъри Бедил, сабки бедилӣ ва амали “тақлидкунандагон ба Бедил, ки аксаран сухани гуфтанӣ надоштанд, балки бо роҳи тақлиди маҳз рафта, шеърро ба чистон ва муаммои бесару бун мубаддал мекарданд, ки ин, ба қавли устод Айнӣ, “дар назари удабои ҳақиқӣ мақбул ва писандида набуд”, таҳлил карда, барои таъйиди мулоҳизааш суханони зерини Айниро мисол меоварад, ки моҳияти аслии афкори назарии ӯро оид ба ҷараёни тақлидгарӣ ифода мекунад: “Тақлиди Бедил дар назм ва наср аз ҳама ҷо зиёдтар дар Осиёи Миёна ривоҷ ёфт ва то Револютсияи Октябр давом кард. Аз шоирони ин сарзамин бисёр касон Бедилро тақлид кардаанд, лекин ҳатто забардасттаринашон ҳам санъати худро ба ин шоири нозукхаёл раоснида натавонистаанд...Як камбудии калони пайравони Бедил дар ин буд, ки онҳо Бедилро дар шакл ва услуб тақлид кардаанд, аз мазмуни шеъри Бедил танҳо тасввуфро сармашқи худ қарор додаанд, аммо мазмуҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Бедилро наафаҳмидаанд, ва ё ин ки фаҳмидан нахостаанд” [180, 189]. Раҳим Ҳошим дар ин замина назари Айниро ба пайравони сабки Бедил, аз ҷумла Сарир, Сират, Исо (Бухороӣ), Асирии

Хуҷандӣ, Ҷавҳарии Уротеппагӣ зикр карда, ба ин натиҷа расидааст, ки “Айнӣ тақлиди зоҳириро ба гузаштагон аз норавотарин роҳҳои шеъру шоирӣ мешуморид” ва дар ин замина андешаҳои Айниро, ки дар “Намуна....” омадаст, муфассал таҳлил мекунад [180, 190]. Дар ин мақола ҳамчунин андешаҳои назарии Айнӣ оид ба шеъри Саъдӣ, Ҳайрат, Лоҳутӣ ва Деҳотӣ баррасӣ шудааст, ки моҳияти диди нав ва интиқодии ӯро ба шеъру шоирӣ нишон медиҳад.

Раҳим Ҳошим дар мақолаи дигари худ “Асарҳо ва фаъолияти педагогии Айнӣ” дар баробари додани иттилооти муҳим оид ба хидмати Айнӣ дар равнақи мактабу маорифи тоҷикӣ, назариёти ӯро низ “дар бораи таълим ва тарбия ба қадри имкон” [176, 46] баррасӣ ва арзёбӣ карда, ба ин натиҷа расидааст, ки асоси назариёти Айниро дар таълиму тарбия а) “тарбияи хонаводагии бача”, б) “ба забони модарӣ гузаронида шудани таълим, в) “ба ҳаёти бача ва муҳити он алоқадор карда шудани дарс ва материали таълимӣ, г) “босаводона, фаҳмо, бо калимаҳои ба ҳама мафҳум ва мувофиқи қоидаи забон тартиб дода шудани материали таълим, д) “аз осон ба душвор бурдани дарс, е) “яке аз беҳтарин ва таъсирноктарин усулҳои таълим” будани суолу ҷавоб, ё) берун аз “материали таълимӣ” муҳим будани “мутолиаи шахсии бачагон”, ж) “дар бачаҳо ба адабиёт, ба шеърхонӣ, ба такрор ва таҳрир аз хурдсолӣ майл ва малака ба вуҷуд овардан” ва з) “Ба фикри С. Айнӣ падару модар ва инчунин муаллим бояд ба тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти бача диққат намоянд ва ӯро ҳама вақт дар таҳти мушоҳидаи худ нигаҳ доранд. Муаллим бояд нисбат ба ҳар як талаба ҳассос ва бодиққат буда, ҳеҷ як рафтор ва кирдори ӯро аз назар нагурезонад”, ташкил медиҳад ва ин андешаҳо дар рӯзгори мо низ ҳамчунон аҳаммиятнок боқӣ мемонанд.

Доир ба афкори назарии Айнӣ оид ба шеър дар мақолаҳои А. Маниёзов, Р. Ҳодизода, А. Ҳаким, А. Набавӣ, С. Аъзамзод ва дигарон гоҳе иҷмолан, гоҳи дигар ба таврии умумӣ ё дар омади гап сухан рафтааст, ки дар фаслҳои пешин иҷмолан аз онҳо ёд ё ишора кардем. Адабиётшинос Ш.

Раҳмонов дар рисолаи “Шеър ва Айнӣ” (Дигаргунии сифатию созмонӣ дар лирикаи муосири тоҷик) ин мавзуъро муфассалтар ва пурмоятар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, баъзе паҳлуҳои назариёти Айниро оид ба шеъру шоирӣ ба таври мушаххас баррасӣ намудааст. Аз ҷумла дар фасли “Айнӣ ва баъзе нуктаҳои назарии шеър”-и рисолаи зикршуда масъалаҳои шеъри асил ва имтиёзоти ҳунарии онро аз дидгоҳи Айнӣ баррасӣ карда, баъзе нуктаҳои муҳими афкори назарии Айниро ба таври мушаххас таҳлил намудааст. Таҳлилҳои ӯ дар заминаи гуфтаҳои худи Айнӣ сурат гирифта, пеш аз ҳама моҳияти фикру андешаи устоди адабро ошкор менамояд, ки нишони воқеъбинии муҳаққиқ аст. Муҳаққиқ дар ибтидо суоли “Шеъри ҳақиқӣ чист ва самимияти шоир дар шеърҳояш ба кадом роҳ ифода меёбад?-ро ба миён кашида, посухи зерини Айнӣ ба ин суол моварад, ки ҷомеияти андешаву орои Айниро оиди ин масъала ифода мекунад: “Бо тартиб додани суханони маънодор, бо вазну қофия шеъри ҳақиқӣ ба вуҷуд намеояд. Шеъри ҳақиқӣ ин аст, ки ба хонанда ва шунаванда ҳаяҷони ҳақиқӣ бахшад. Ин ба даст намедарояд, магар ба шарти он ки гӯянда дар вақти гуфтани он шеър самимият дошта бошад ва шахси худро тамом дар он гфтааш ҳулул кунонда (гузаронда) тавониста бошад” [142, 46].

Муҳаққиқ барои моҳияти асосии назариёти Айниро оид ба шеър муайян намудан таълифоти ӯро дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Камол, Навоӣ, Восифӣ, Бедил, Лоҳутӣ ва монанди инҳо мурур карда, нуктаҳои асосии афкори назарии ӯро мушаххас месозад. Ба мушоҳидаи ӯ Айнӣ дар асарҳои зикршуда ва “Намунаи адабиёти тоҷик”, пеш аз ҳама ба нируи таъсиргузории шеър ба афкори омма диққат дода, дар ин замина маънӣ, тарзи нигориш ва ҳунари тасвиргарии шоирро аз имтиёзоти ҳунарии он донистааст. Ба мушоҳидаи ӯ барои Айнӣ имтиёзи ҳунарии Рӯдакӣ дар сурудани шеъри саҳли мумтанеъ, пеш аз ҳама, содагӣ, образнокӣ, усули барозандаи ифодаҳои лирикӣ буда, “Ӯ Фирдавсиро нахустин шоири достонсаро, Саъдӣ, Камол, Навоӣ ва Лоҳутиро устодони машҳури ғазал ба қалам додааст...Аз рӯйи мулоҳиза ва тадқиқоти Айнӣ

Восифӣ дар шеър хостааст, ки онро хушоҳанг созад ва шеър тобеи маънӣ бошад...Камол аз суханҳои дорои ду маъно-таҷнис фаровон кор бурдааст” [142, 47].

Шоҳзамон Раҳмонов дар идомаи ин баҳс андешаҳои Айниро доир моҳияти иҷтимоӣ ва ҳунарии шеър, жанрҳо, аз ҷумла хусусияти сохтории ғазал, тарҷеъбанд ва таркиббанд баррасӣ карда, он чиро, ки Айнӣ дар бораи шеър ва жанрҳои он гуфтааст, “тадқиқоти пурраю ҳамаҷониба” надониста, “аз гуфтаю андешаҳои муҳим, фикрҳои бикр, сухани амиқи илмӣ дар бораи жанр ва дигар ҷузъиёти он” иборат будани онро таъкид менамояд [142, 52] ва дар ин замина таҷрибаҳои судманди Айниро дар сурудани ашъори гуногунжанр ба алоҳидагӣ баррасӣ менамояд, ки татбиқи назарияи Айниро дар таҷрибаи амалиаш бозгӯ менамояд. Муҳаққиқ андешаҳои Айниро дар боби вазни шеър, таҳрир ва такмили он (дар асоси мактубҳои Айнӣ) ва ба инҳо монанд масъалаҳо муфассал баррасӣ намудааст, ки дар шинохт ва арзёбии фаъолияти адабию шеършиносии Айнӣ ҳарфи тоза ва аҳамиятнок мебошанд.

Ҳамин тариқ, мурури анҷомгирифта нишон медиҳад, ки фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ ҳамеша мавриди қазовати муҳаққиқони айнишинос қарор дошта, дар ин замина моҳияти асосии равиши ҷустуҷӯҳои ӯ оид ба мушкилоти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, мероси адабӣ, шинохти ҳуқуқи тоҷикон ба ин мерос, худшиносиву худогоҳии миллӣ, усули таблиғи адабиёт, даврабандии он ва масъалаҳои дигар ҳамчун “аввалин адабиётшиноси советии тоҷик” муайян ва мушаххас гардидааст. Таҳлилҳои анҷомгирифта далели он аст, ки домана ва пуҳлуҳои фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ васеъ буда, масъалаҳои назария, таърихи адабиёт ва зебоишиносии (эстетикии) осори бадеиро фаро мегирад.

## III.2. Нақд ва арзёбии ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар илми забоншиносӣ

Ба эътироф ва таъйиди донишмандони соҳа Айнӣ аз оғози фаъолияти адабию илмиаш ҳамчун “сарвари илми забоншиносии тоҷик” [177, 72] ва “ба ҳайси яке аз поягузорони илми забоншиносӣ” эътироф шуда, “барои асолат ва покизагии забон, сода ва оммафаҳм намудани забони адабӣ, дастраси оммаи васеъ кардани захираҳои луғавии забон хеле заҳмат кашидааст” [128, 29] ва дар ташаккули ин соҳа нақши муҳим гузоштааст. Ба ин далел, дар айнишиносӣ мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтани фаъолияти забоншиносии ӯ асоси комил дошта, таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифтаро метавон ба тариқи зер дастабандӣ кард: нахуст таҳиқоте, ки хидматҳои Айниро дар ҳифз ва ташаккулу таҳаввули забони тоҷикӣ  баррасӣ ва арзёбӣ кардаанд ва дувум саҳми Айнӣ дар соҳаи луғатшиносӣ.

Аз таҳқиқоти айнишиносон дар ин замина бармеояд, ки Айнӣ аз ибтидои фаъолияти адабиву илмӣ ва фарҳангиаш то охирин лаҳзаҳои ҳаёташ дар бораи забони тоҷикӣ, алифбо, масъалаҳои имло, забони гуфтории мардум ва шеваҳои он, сабки шоиру нависандагон ва луғату истилоҳотшиносӣ як силсила таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додааст, ки равиши асосии инкишофи илми забоншиносии тоҷикро дар ин замина муайян менамоянд.

Дар айнишиносӣ нақш ва мавеи Айнӣ дар илми забоншиносӣ, масъалаҳои инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик, таҳқиқоти ӯ дар соҳаи забоншиносӣ, Айнӣ ва  ба забони мардум, дидгоҳҳои ӯ оид ба забони форсӣ ва тоҷикӣ, навсозӣ ва меъёрбандии забон, забони адабӣ ва гуфторӣ, забони адабӣ ва имло, забони адабӣ ва китобҳои дарсӣ, забони адабӣ ва матбуот, пажӯҳишҳои забоншиносӣ, калимаҳои лаҳҷавӣ ва муқоисаи онҳо бо матнҳои классикӣ то ҷое аз тарафи муҳаққиқони соҳа мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, моҳияти ҷустуҷӯҳои ӯ дар ин замина муайян ва мушаххас карда шудааст. Дар ин замина донишмандоне

мисли Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ, М. Шукуров (М. Шакурӣ), Н. Беҳбудӣ, Ҳ. Рауфов, Р. Ғаффоров, Х. Отахонова, Б. Камолиддинов, А. Маҳмадаминов ва дигарон як силсила таҳқиқоти қобили мулоҳизаро ба анҷом расондаанд.

Масъалаҳои "фаъолияти илмии устод Айнӣ" дар "соҳаи забоншиносӣ" [177, 72] ва нақшу мавқеи ӯ дар инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик [102, 230] аввалин бор аз ҷониби Р. Ҳошим ва Н. Маъсумӣ ба миён гузошта ва баррасӣ шудааст. Раҳим Ҳошим дар мақолаи "Сарвари илми забоншиносии тоҷик" хидматҳои Айниро ҳамчун "донандаи ҳам назария ва амалияи забон" дар ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, "дар сари кори таҳрир ва таълифи асарҳо, қабул кардани истилоҳҳои илмӣ, тартиб додани китобҳои дарсӣ" [177, 72] бузург шинохта, дар симои ӯ ҷамъ омадани чанд хусусияти муҳим ва асосиеро, ки барои олим ва аз ҷумла барои олими соҳаи забон ва адабиёт лозим аст, зикр мекунад: "пеш аз ҳама дониши васеъ ва амиқи назариявии замони худ дар соҳаи забон, донистани нозукиҳои забон, на танҳо донистан, балки хеле нозук ҳис кардани хусусиятҳои граматикӣ, наҳвӣ ва услубии забони тоҷикӣ, ба хубӣ донистани забони гуфтугӯӣ, доштани захираҳои бисёр бузурги луғавӣ-ин аз як тараф, аз тарафи дигар, ишқ ва муҳаббати беҳадду андоза ба забони зиндаи модарӣ ва муқаддас донистани он" [177, 73].

Р. Ҳошим ин хислати устод Айниро дар мақолаҳое, ки вай "дар атрофи масъалаҳои забон навиштааст, дар суханрониҳои вай, дар кори амалии таҳририи вай, дар мушоҳидаҳо ва эродгириҳои вай оид ба забони нависандагони ҳамзамон ва ҳамкораш" мушоҳида карда, дар ин замина хидматҳои Айниро дар муайян кардани "роҳҳои тараққиётииояндаи он", "гузашатан ба алифбои нав", сода кардани забон, коркарди истилоҳот, поксозии забон аз калимаҳои бегона, истифодаи босамар аз лаҳҷа, тартиб додани луғат ва луғатномаҳо ба таври мушаххас, дар такя ба таълифоти Айнӣ арзёбӣ ва саҳми "ин меъмори корогоҳ, доно ва муътабар"-ро дар гузоштани "сангҳои аввалини бинои илмӣ забоншиносии мо" таъйид менамояд [177, 78].

Раҳим Ҳошим дар мақолаи дигараш-“Луғатдон ва луғатшинос” барои тақвияти адешаҳои  дар фавқ баёндоштааш нақши Айниро ҳамчун раҳбари гурӯҳи панҷнафараи мураттибони луғати русӣ-тоҷикӣ, ки бо қарори аввали соли 1929 қабул кардаи Совети Комиссарони халии Тоҷикистон мебояст нашр мешуд, баррасӣ кардааст, ки чеҳраи Айниро ҳамчун шахси луғатдону луғатшинос то ба имрӯз дар ёдҳо ҳифз мекунад. Р. Ҳошим “ҳофизаи хеле зӯре” доштан, фазилатҳои луғатдонӣ ва луғатшиносии  Айниро зикр карда, аз ҷумла меафзояд, ки “Айнӣ эҳтиёҷи бузургеро, ки хонандаи мо ба луғати тафсирӣ дошт, ба эътибор гирифта бо вуҷуди хеле меҳнатталаб будани ин кор худ ба таҳоӣ ба иҷрояш иқдом кардааст. Сарфи назар аз тафсири калимаҳои арабӣ ва тоҷикие, ки дар ин луғат бо диққат ва возеҳияти ба устод хосе шарҳу баён ёфтаанд, аҳамияти бузурги ин асар дар ин ҷост, ки муаллиф калимаҳои махсус тоҷикиеро шарҳу баён кардааст, ки онҳо то ҳол ба ҳеҷ луғате надаромадаанд. Аксари ин қабил калимаҳо бо далелҳои қатъӣ, баъзан бо мисолҳо аз адабиёти классикӣ ва ибораҳо аз гуфтори халқ таъкид карда шудаанд” [178, 72]. Раҳим Ҳошим барои нишон додани аҳамияти ин луғат дар “соҳаи илми луғатшиносии мо” аз он мисолҳои зиёдеро оварда таъкид менамояд, ки “ин асар аз ҷиҳати ба адабиёти мо даровардa шудани бисёр калимаҳое, ки то ҳол дар ҳеҷ ҷо зикр ва шарҳ наёфтаанд, хеле аҳаммият дорад. Муаллиф дар ин луғат ба калимаҳо шарҳҳои хеле пухта ва равшан дода дар баъзе маридҳо дар бораи баромади он калимаҳо мулоҳизаҳои хеле шоёни диққате баён мекунад ва шаклҳои аслӣ ва ҳоло истеъмолшавандаи онҳоро ҳам қайд карда мегузарад”. Ба мушоҳидаи ӯ  дар ин луғат ба як қатор мансаб ва унвонҳои Бухорои амирӣ тафсилоти муҳим дода шудааст, ки имрӯз ҳамчун манбаъи дараҷаи аввал арзишманд ҳастанд [178,74]. Вале, чунон ки луғатшинос Ҳ. Рауфов шаҳодат додааст, ин луғати гаронқадр, ки 629 саҳифа буда, 11400 луғатро дар бар мегирифтааст, ба сабабҳои номаълум чоп намешавад [140, 154-155].

Мақолаи дигари пурмуҳтавое, ки дар боби фаъолияти луғатшиносии Айнӣ баҳс мекунад, “Айнӣ-луғатшинос” унвон дошта ба қалами Ҳ. Рауфов

мансуб мебошад. Дар мақола муаллиф дар бораи фаъолияти луғатшиносии Айнӣ муфассал сухан ронда, доир ба паҳлуҳои дигари фаъолияти луғатшиносии Айнӣ маълумоти дараҷаи аввалро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, вай дар такя ба мактубҳои Айнӣ ва шаҳодати шахсиятҳои аз сарнавишти, ба қавли устод, "Луғати нимтафсилии забони адабии тоҷик" бохабар, таърихи эҷод, заҳматҳои Айнӣ дар ин замина ва моҳияти онро шарҳ дода, аз як мактуби Айнӣ мисол меоварад, ки ҳуҷҷати қотеъ дар боби заҳматҳои устод дар соҳаи луғатшиносӣ мебошад. Устод навиштааст, "Кори асосии луғат июли ҳамин сол (1938- С.Ҷ.) тамом шуд, ҳамагӣ 629 саҳифа (бо саҳифаҳои иловагӣ), тақрибан 11400 луғат ҷамъ гардид...Чунон ки дар мактуби пештараам навишта будам, кори муҳими ин луғат бо асоси лотинӣ ба карточка гузаронидан аст. Ин корро ман танҳо наметавонам ва бе ман ҳам намешавад". Дар охири мактуб устод изҳори хоҳиш намудааст, ки ба ин кор ё Абдушукур (Пирмуҳаммадзода) ё Ҳабиб Аҳрорӣ ҷалб шавад [140, 154].

Аз таҳқиқоти Ҳ. Рауфов бармеояд, ки устод Айнӣ пас аз солҳои сиюм дигарбора ба таҳриру такмили ин луғат барнагаштааст. Тақдири минбаъда ва сабаи то имрӯз нашр нашудани он низ номаълум аст. Вале Ҳ. Рауфов дар заминаи баъзе варақаҳои дастрасшудаи ин луғат арзиши онро "ҳамчун дарбаркунандаи як қисми муайяни захираи лексикӣ"-и забоин тоҷикӣ то ҷое муайян намудааст.

Аз таҳқиқоти ин донишманд маълум мешавад, ки устод Айнӣ дар ин луғат анъанаҳои чандинасраи луғатшиносии тоҷикро бо диққати тамом ва ҷиддияти махсус истифода намуда, комёбиҳои ин соҳаро ба талаботи луғатсозии замони ҳозира мувофиқ кунонидааст. Ба мушоҳидаи ӯ усули луғатсозии устод Айнӣ ба ҷустуҷӯҳои ҳаматарафа, ба тадқиқоти чуқури илмӣ, ба таҳқиқи васеи захираи луғавӣ ва зоҳир намудани нозукиҳои маъноиву сохти воҳидҳои луғавӣ асос ёфтааст [140, 155].

Имтиёзи кори Айниро  дар таълифи ин луғат Ҳ. Рауфов ба тариқи зайл дастабандӣ кардааст: нахуст, муаллиф калимаҳоро ҳаматарафа санҷида, ба

ин васола муносибатҳои лексикиву семантикии воҳидҳои нуткро барқарор намудаст; дувум, сайри таърихии калима ва ва инкишофи маъноии онро таъйид кардааст; ниҳоят, ба ҳар як воҳиди луғавӣ ранги тадқиқи илмӣ додааст.

Ба мушоҳидаи Ҳ. Рауфов имтиёзи дигари таҷрибаи луғатсозии Айнӣ дар он будааст, ки аввалан барои таъйини маънои саҳеҳи вожа тарзҳои гуногуни тафсирро ба кор гирифтааст, ки ифодакунандаи услуби хоси ӯ дар шарҳу тафсири калимот мебошад. Илова ба ин, Айнӣ ба калима ва маънои он аз назари таърихӣ нигариста, инкишофва тағйироти сохтори маъноии калимаҳоро дар худи моддаҳои луғат ба тарзи махсус қайднамудааст. Дар ин замина барои таъйиди андешааш муаллиф ба вожаҳои зайл мисол мезанад: 1.Писханд-1. Лабхандест, ки барои масхара дошатани касе мекунанд (ин маънӣ мурдааст). 2. Баёни накӯии худ ба касе (ин маънӣ зиндааст). 3. Нағз хӯрдан, нағз пӯшидан (маънии охирӣ маънии зиндаи халқӣ аст)... Ин таҷрибаи ба доираи моддаи луғавӣ дохил намудани қайдҳои махсусро муаллифи мақола “дар таҷриба кори луғатнависӣ як навъ навии муфиде” [140, 156] таъбир кардааст.

Ҳ. Рауфов дар фароварди мақола ба хулоса меояд, ки “Устод Айнӣ фаъолияти лексикографии худро аз таҳрир ва роҳбарии ҳайати муаллифон ва муҳаррирони аввалин луғати пурраи русӣ-тоҷикӣ сар карда, барои ба вуҷуд омаданилуғатҳои паралелии минбаъда заминаи мустаҳкаме гузошта бошад, бо аввалин луғати тафсирии худ дар лексикогарафияи тоҷик барои офаридани луғатҳои тафсирии замонавӣ намунаи ибрат гаштааст” [140, 159].

Фаъолияти луғатшиносии Айниро муҳаққиқон, аз ҷумла  муаллифони мақолаи “Саҳми устод Айнӣ дар луғатнигории тиббии тоҷик” О. Қосимов ва Н. Зуҳуров нахуст дар мисоли шарҳи калимаю таъбирҳои “фаровони тиббӣ” дар “луғати нимтафсилии забони муосири тоҷик”, баъдан дар раҳнамоии бевоситаи М. Я. Расулӣ барои таҳияи луғати тиббӣ пурарзиш шинохта, наши ӯро дар рушди фарҳангнигории муосири тоҷикӣ, “аз он

ҷумла вожашиносии тиббии забони тоҷикӣ” [95, 236] бузург таъбир кардаанд.

Мақолаи Н. Маъсумӣ “Рол ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик баъд аз револютсияи Октябр”, ки дар солҳои панҷоҳум таълиф шудааст, паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Айниро дар соҳаи забон фаро гирифта муаллиф масъалаҳоеро, ки Айнӣ барои инкишофи забони тоҷикӣ ҳаллу фасл кардааст, ба тариқи зер тақсимбандӣ кардааст:

а) муборизаи Айнӣ бар зидди туркпарастон ва эронпарастон барои инкишофи забони ҳозираи адабии тоҷик ва ҳифзи асолати он;

б) талоши Айнӣ барои тозагӣ, боигарӣ ва фасоҳати забони адабии тоҷик;

в) С. Айнӣ дар бораи тарзи баён ва ифода;

г) С. Айнӣ дар бораи забони насри бадеӣ ва вазифаи нависандагон.

Дар ин мақола чеҳраи устод Айнӣ ҳамчун забоншинос ва муборизи собитқадам барои инкишофи забони адабӣ, ҳифзи асолати он ҳамчун унсури ҳувияти миллӣ муаррифӣшудааст, ки дар айнишиносии солҳои панҷоҳум иқдоми муҳим дар шинохт ва арзёбии хидматҳои Айнӣ дар роҳи ташаккули забони тоҷикӣ мебошад.

Муаллиф нахуст муборизаҳои Айниробар зидди туркпарастон ва эронпарастон барои инкишоф ва “ҳифзи асоси умумихалқии он” дар заминаи санадҳои таърихӣ муфассал баррасӣ карда, ҷараёни гузариш ба алифбои нав, интихобу ҷорӣ кардани забони мавриди истифодаи мардум ва талошҳои Айниро дар ин замина бо мисолҳо нишон додааст, ки чеҳраи Айниро ҳамчун забоншиноси огоҳ дар ҳалли масъалаи барои миллат сарнавиштсоз мушаххас менамояд. Ҷараёни мубоҳисаҳои он солҳоро Н. Маъсумӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил карда, ба ин натиҷа мерасад, ки “С. Айнӣ дар мубоҳисаҳо фаъолона иштирок намуда, дар бораи дуруст ҳал карда шудани масъалаи забони адабӣ ва асоси миллии он... бевосита ёрӣ

расондааст. Вай дар мақолаи худ “Забони тоҷикӣ” моҳияти асосии афкори он ду гурӯҳро таҳлил карда истода навишта буд:

“Аз рӯи шунидам, дар болои хостани дар адабиёти нави навиштаи тоҷик ду фикри асосӣ меравад: яке қабул кардани забони умумии форсӣ, ки аз он ҳамаи форсизабонони ҷаҳон фоида бурда тавонанд. Дигаре-забони содаи авоми тоҷик.

Касоне, ки тарафдори фикри аввааланд, мегӯянд: адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ корандаи тухми инқилоб дар Шарқи форсӣ аст. Агар мо забони адабиёти нави тоҷикро ба забони содаи тоҷикӣ баста монем, вазифаи байналмилалии худро адо карда наметавонем.

Касоне, ки фикри дувумиро пеш меронанд, мегӯянд: вазифаи аввалини мо равшан кардани фикри авоми тоҷик, паҳн кардани илму дониши шуроӣ дар байни оммаи тоҷик ва оммагӣ кардани инқилоби маданӣ дар байни тоҷикон аст. Агар мо байналмилалӣ мекунем гуфта забони адабии тоҷикро аз доираи тоҷикон берун барорем, қисми авоми тоҷик аз ғизои дониш маҳрум мемонад.

Худи ман аз тарафдорони фикри дуюмӣ ҳастам, зеро “аввал хеш, дувум дарвеш” аз масалҳои машҳури тоҷикӣ аст” [102, 236-237].

Н. Маъсумӣ ин иқдоми Айниро барои миллат сарнавиштсоз тавсиф карда, таъкид менамояд, ки Айнӣ дар роҳи интихоби “забони ҳозираи адабӣ...ба таври илмӣ наздик” шуда, ба ин васила вазифаҳои асосии забоншиносии тоҷикро муайян намуд, ки шинохти манфиатҳои дарозумри миллат асоси он мебошад [102, 239].

Дар идомаи ин баҳс муаллиф дар асоси санадҳои мубоҳисаҳое, ки дар солҳои бисту сӣ барои тозагии забон, тарзи баён ва ифода, покизагию ҳамафаҳмии забони насри бадеӣ ва вазифаи нависанда дар ин раванд ҷараён дошт, мавқеи Айниро аз аввалин рӯзҳои фаъолияти илмию адабиаш то охири умр “ҳамчун устоди сухан ва донишманди забони тоҷикӣ” [102, 267] муайян ва мушаххас месозад, ки дар айнишиносии солҳои панҷоҳи

садаи гузашта барои шинохт ва ҳифзи чеҳраи илмию миллии Айнӣ аҳаммияти бунёдӣ дошт.

Дар мақолаи М. Шукуров “Устод Айнӣ ва забони халқ” низ асосан масъалаи талошҳои Айнӣ дар роҳи поксозии забон ва истифодаи огоҳона аз унсурҳои забони халқ ҳамчун донишманди соҳаи забон ва нависанда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф “мақолаҳои онвақтаи Айнӣ” ва “он ақидаҳоеро, ки Айнӣ дар охири солҳои бист дар бораи чигунагии забони тоҷикӣдошт”, мурур карда, ба хулоса меояд, ки “ӯ ҳалли ягон масъалаи забони адабии тоҷикро бе омӯхтани хусусиятҳои забони меҳнаткашони одӣ тасаввур” [188, 9] намекард. Илова ба ин Айнӣ ҳамеша талош мекард, ки “забони асарҳои бадеӣ бояд содаву равон ва аз ороишу ҷилои сунъӣ орию барӣ” [188, 17] бошанд. Дар мақола андешаҳои Айнӣ барои оммафаҳмии забони насри бадеӣ, истифодаи огоҳона аз забони адабиёти класикӣ ва мардумӣ дар асоси мақолаҳои ӯ, ки дар солҳои гуногун чоп шудаанд, ҳаматарафа таҳлил шуда, мавқеи Айнӣ ҳамчун донишманди забоншинос бо мисолҳо нишон дода шудааст.

Дар мақолаи Н. Беҳбудӣ “С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик” низ асосан мушкилоти “содагӣ, оммафаҳмӣ, вале пурмазмунӣ”-и забон дар мисоли таҷрибаи эҷодии Айнӣ ва назариёти забоншиносиаш мавриди баҳс қарор гирифта, мавеи Айнӣ “чун давомдиҳандаи анъанаҳои забони адабиёти классикӣ” шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Бартарии ин мақола дар он аст, ки муаллиф дидгоҳҳои назарии Айниро низ дар замиан мақолаву мактудҳои ӯ баррасӣ карда, нақши ӯро ҳамчун донандаи қонуну қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ нишон додааст. Аз ҷумла ӯ назари Айниро доир ба “ҷамъбандииисмҳо” арзёбӣ карда менависад: “Ҳангоме ки забоншиносони тоҷик барои ҷамъбандии исмҳо нормаҳои муайянтаре ҷорӣ карданӣ шуда буданд, С. Айнӣ ноустувории ин фикрро ҳис карда, ҳақиқати масъаларо ошкор намуд. Вай асосҳои тараққиёти забонро ба ҳисоб гирифта, ба ҷорӣ кардани тартиби сунъӣ дар забон зид баромад, яъне ӯ гуфт, ки барои гурӯҳи муайяни исмҳо таъйин намудани яке аз суффиксҳои

ҷамъ (-ҳо ва –он) ғайритабиӣ мешавад. Суффикси –ҳо ё худ –он-ро қабул кардани исме баъзан ба оҳанги талаффӯзи калима вобаста аст ва ин як ҷиҳати услуби забон баҳисоб меравад. Оҳанги талаффузи калимаро ба ҷиҳати услубии забон алоқаманд кардани устод нишон медиҳад, ки ӯ дар соҳаи грамматкаи забони адабии тоҷик мутахассиси пуртаҷриба ва нуктасанҷ буд. Дар ҳақиқат даъвои С. Айнӣ дар ин масъала пояи устувори назарӣ" дошта, ба андешаи Н. Беҳбудӣ мавқеи ӯро ҳамчун донишманди қонуну қоидаҳои забон мушаххас менамояд [50, 43].

Яке аз мақолаҳое, ки фаъолияти забоншиносии Айниро дар заминаи таълифоти илмии ӯ баррасӣ кардааст, "С. Айнӣ ва забони давлатӣ" унвон дошта, ба қалами Б. Камолиддинов мансуб мебошад. Муаллиф мақолаҳои Айнӣ "Дар атрофи забони форсӣва тоҷикӣ", "Забони тоҷикӣ", Мактуби кушода ба рафиқ Толис", "Қавми тоҷик ва рӯзнома", "Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон", "Қобилияти ташкилотчигӣ дар тоҷикон" ва ғайраро таҳлил карда, маънои истилоҳии таъбирҳои "забони тоҷикӣ", "забони авоми тоҷик", "забони адабӣ" ё "забони адабии тоҷик"-ро дар асоси мақолаҳои Айнӣ шарҳ медиҳад ва консепсияи илмии устодро дар ин замина мушаххас намудааст.

Ба мушоҳидаи Б. Камолиддинов маънои таъбири "забони авоми тоҷик" дар таъбири устод Айнӣ ду нишонаи асосии забони адабиро фаро мегирад: "яке "вайро оммаи тоҷик фаҳмад", дигаре "дар ҷумлабандӣ (ва ориши сухан-К. Б.) хусусият ва рӯҳи забони тоҷикӣ риоя карда шуда бошад". Забони адабӣ унсурҳои луғавӣ, калимасозӣ ва грамматикии беҳтарин, маъмултарин ва созгортарини забони умумихалқиро дар бар мегирад, бинобар ин забони адабирошакли олии забони умумихалқӣ шуморидаанд" [87, 24]. Б. Камолиддинов дар ин замина назари Айниро доир ба забони тоҷикӣ ва муносибати он ба забони форсӣ, лаҳҷаю шеваҳо, абули алифбои нав, сода кардани забон ва меъёрҳои забони адабӣ баррасӣ карда, дидгоҳҳои ӯро оид ба тарзи истифода аз забони гуфторӣ, бадеӣ ва осори гузаштагон арзёбӣ менамояд, ки ҷанбаи илмии андешаву орои

Айниро ҳамчун забоншинос ва худи ӯро ҳамчун фидоии “роҳи нави инкишофи забони адабии “ тоҷикӣ [87, 29] ба хонанда муаррифӣ менамояд.

Чунон ки ишора шуд бисёре аз муҳаққиқони айнишинос дар шарҳу арзёбии андешаҳои Айнӣ оид ба масъалаҳои забон аз мактубҳои ӯ истифода кардаанд.Хуршеда Отахонова дар мақолаи “Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ” масъалаҳоеро дар заминаи мктубҳо баррасӣ кардааст, ки ба қавли худаш “аз назари” дигарон берун мондааст [135, 151].

Мулоҳизаҳои Айниро доир ба масъалаҳои забон Х. Отахонова дар асоси мактубҳои нависанда ва “ҷавоби шахсони алоҳида ба масъалаҳои забон” аз тарафи Айнӣ омӯхта ба тариқи зерин дастабандӣ кардааст.

1. Масъалаи омӯхтани забони халқ, истифодаи захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ, дар айни замон аз худ намудани забони асарҳои классикони адабиёти тоҷик.

2. Дуруст ва бамавеъ кор фармудани калимаҳо.

3. Нигоҳ доштани тозагӣ ва риояи табиати миллии забони тоҷикӣ, риояи қоидаҳои он.

Муаллиф дар мақола андешаҳои Айниро дар асоси “Мактуби кушода ба рафиқ Толис”, ки 12 декабри соли 1948 навиштааст, мактубҳои ба Лоҳутӣ, Деҳотӣ, Э. Муллоқандов ва Ҷалол Икромӣ баррасӣ карда, назари устодро оид ба “ҷиҳатҳои гуногуни забон ва адабиёт, перомуни таърих, этнография, археология, ҳатто метеоролгия-(ҳавошиносӣ), ки “мадорики гаронбаҳоеро дар бар кардаанд, муайян ва мушаххас намудааст, ки аз шарҳу тафсирҳои анҷомдодаи дигарон дар асоси мактубҳои Айнӣ фарқ дорад.

Масалан агар ӯ дар асоси “Мактуби кушода ба рафиқ Толис” назари Айниро оид ба “истифодаи бемавқеъ ва ноҷои калимаҳои шевагӣ” [135, 152] матраҳ ва арзёбӣ карда бошад, дар мактуби ба Лоҳутӣ навиштаи устод шикояти ӯро аз болои “муҳаррири сиёсии “Достони Вахш” таҳлил

кардааст, ки мавқеи назарӣ ва амалии Айниро оид ба корбурди калимаҳо ва эзоҳи онҳо мушаххас месозад. Ҳамин тавр, Х. Отахонова мактубҳои ба Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ ва Э. Муллоқандов навиштаи Айниро як-як мурур карда, назари Айниро доир ба таҳқиқи классикҳо ва истифода аз забони оммаи халқ, дарёфти " тобишҳои гуногуни маънои калимаҳо, ба мавқеъ истеъмоли онҳо", дар шарҳи калима аз луғатҳо истифода кардан, мансубияти миллии калимаҳо, аз маънои духура ва сиёсии номатлуби калимаҳо иҷтиноб кардан, корбурди саҳеҳи "терминҳои байналхалқӣ ва советӣ ва тарзи навиштани онҳо", дар кор фармудани калимаҳои арабӣ ва ӯзбекӣ мустақилиятдоштан (Айнӣ мустақилияти худашро дар назар дорад-С.Ҷ.), эътирозаш барои "аз забони тоҷик бароварда партофтанӣ шудани бандаки "ро", забони тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва зарари он, "бе хатои имлоӣ ба дасти хонанда расондани асари бадеӣ ва монанди инҳо таҳлил ва арзёбӣ кардааст, ки дар шинохти назариёти забоншиносии Айн ҳарфи тоза ва бодалел мебошад.

Мақолаҳои А. Маҳмадаминов "Забон ва услуби устод Рӯдакӣ аз назари С. Айнӣ" ва "Андешаҳои С. Айнӣ доир ба забони тоҷикӣ" низ матолиби муҳимеро аз назариёти забоншиносии Айнӣ дар бар мегиранд, ки шарҳи баъзе нуктаҳои он муҳим аст.

Муҳаққиқ "Масъала ва муаммоҳои марбут ба забону услуби устодРӯдакӣ ва нақшу рисолати таърихии ӯ"-ро "дар бунёду инкишофи забони форсии тоҷикӣ" [106, 146] нахуст дар мисоли "Намунаи адабиёти тоҷик" ва баъдтар дар мақолаҳои "Устод Рӯдакӣ" ва "Қабри устол Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдакӣ" шарҳ дода,таъкид менамояд, ки "Дар тадқиқоти мазкур С. Айнӣ баробари равшан кардани вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва баррасии рӯзгору осори устод Рӯдакӣ ба масъалаи забон ва тарзи баёни шоир эътибори ҷиддӣ медиҳад" [106, 148]. Ба мушоҳидаи ӯ, пеш аз ҳама, "содабаёнӣ, корбасти вожаву таркибҳои ноб, ба омма мафҳум будани матлабу ҳадаф, ба вижа моҳиронаву устодона корбаст намудани лексикаи халқӣ диққати С. Айниро ба худ кашидааст"

[106, 148]. Дар такя ба андешаҳои Айнӣ муаллиф муносибати Айниро ба забони адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ ва арзиши амалии он муайян намуда, дар боби андешаҳои Айнӣ дар алоқамандӣ "перомуни санъату маҳорати адабии устод Рӯдакӣ, таъсири каломи бадеъ, истифодаи саноеъ ва аносири шеърӣ" ба тарзи алоҳида сухан кардааст, ки низ назари Айниро доир ба тарзи нигориш ва усули истифода аз воситаҳои забонӣ муайян менамояд.

А. Маҳмадаминов дар мақолаи дигараш-"Андешаҳои С. Айнӣ доир ба забони тоҷикӣ" низ саъю талоши Айниро дар "тадқиқи забони адабии ҳозираи тоҷик" ба алоҳидагӣ баррасӣ карда, мубориза Ӯро "барои инкишофи забони тоҷикӣ ва демократӣ кунонидани он ба дигаргуниҳои азиме, ки баъди Инқилоби Октябр дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва адабии халқи тоҷик ба вуҷуд омаданд" [107, 36] вобаста медонад. Дар ин замина муҳаққиқ баҳсҳои дар солҳои бистуму сиюм дар атрофи забони тоҷикӣ ба амал омада ва иштироки бевоситаи Айниро дар онҳо мурур карда, мавқеи назарӣ ва амалии Айниро дар мубоҳисаҳои дар матбуоти он солҳо рухдода муайян менамояд. Дар идомаи баҳс А. Маҳмадаминов мақолаҳои Айнӣ "Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ" (1928), "Забони тоҷикӣ" (1928) ва "Ҷавоби ман" (1929)-ро баррасӣ карда, нақши Айниро дар ҳалли масъалаҳои доғи забони тоҷикӣ, аз ҷумла интихоби забон, ба омма наздик намудани забони адабии маҷуда, гузаштан ба алифбои нав-алифбои лотиниро муайян менамояд. Дар мақола фаъолияти луғатшиносии Айнӣ, аз ҷумла шарҳу эзоҳи "як қатор калима ва ибораҳои мушкилфаҳм" дар осори бадеиву таърихӣ ва илмиаш ҳамчун "як ҷузъи асосии кори лексикогарафии" ӯ таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки дар шинохти паҳлуҳои гуногуни фаъолияти забоншиносии Айнӣ муҳим ба назар мерасад [107, 43].

А. Маҳмадаминов ҷустуҷӯҳояшро дар ин замина ҷамъбаст карда ба ин натиҷа расидааст, ки "Асарҳои доир ба забон навиштаи С. Айнӣ аз ҷиҳати моҳияти худ доираи васеи масъалаҳоро дар бар гирифта, дар ҳалли

муаммоҳои гуногуни забони адабии тоҷик ҳамчун дастури назариявӣ ва амалӣ хизмат намудаанд. Таълифоти илмӣ ва андешаҳои забоншиносии устод Айнӣ дар оянда барои ба вуҷуд омадани грамматикаи асили забони тоҷикӣ, ки аз орзуву ҳдафҳои ин донишманди бузург буд, албатта, мусоидат хоҳанд намуд” [107, 47].

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳлилҳои анҷомгирифта нишон медиҳанд, ки фаъолияти забоншиносии устод Айнӣ ҷузъи муҳими ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯ буда, дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангии тоҷикон нақши таъсиргузор доштааст. Аз оғози фаъолияти эҷодии Айнӣ забон барои ӯ унсури муҳими ҳувиясози миллӣ буда, ин тамоюли фикрӣ дар пешниҳод ва ҳалли масъалаҳои бунёдии забон раҳнамои ӯ будааст. Аз ин ҷиҳат, бесабаб нест, ки Айнӣ дар тули фаъолияти эҷодияш масъалаҳои бунёдии забон-ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, поксозии забон, интихоби забони миллии содаву ҳамафаҳм, муносибати эҷодкорона ба забони гуфторӣ, луғату луғатсозӣ ва ғайраро ба миён гузошта, дар ҳаллу фасли мусбати онҳо саҳми бузург гузоштааст.

### III. 3. Пажӯҳишҳо дар боби осори таърихии нависанда

Таърих аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш барои Айнӣ, ба қавли худаш, “силоҳе дар муборизаи роҳи фардо” будааст. Ба ин далел, М. Шакурӣ “Яке аз муҳимтарин моддаҳои маромномаи эҷодкории илмиву адабии Айниро” дар шинохт ва арзёбии таърих диди тоза ва моҳиятҷӯи ӯ ба воқеоти таърихӣ дониста, менависад, ки “Айнӣ пас аз инқилоб ба танқидгарии Аҳмади Дониш баргашт ва дар фош кардани қабоҳатҳои тартиботи Манғитиён суханаш чун сухани Аҳмади Дониш неш дошт” [58, 237] М. Шакурӣ зарурати танқиди сахти Айнӣ аз “дирӯзи таърихӣ”-ро “масъулиятшиносии таърихӣ” унвон карда, дар ин замина назариёти ӯро нисбат ба таърих аз суханони зеринаш берун кашидааст: “Мо дар зикри амирони манғитияи Бухоро, хусусан дар тарҷумаи ҳоли амир Абдулаҳад

суханро зиёда бепарда рондем. Чизҳоеро, ки ба нашри онҳо одоби қалам мутлақо мусоидат намекард, фошофош нигоштем. Яҳтамил хонандагон нависандаро ба ин кирдораш муохиза намоянд, ба беодобӣ ва беназокатиаш нисбат диҳанд. Дар воқеъ ҳақ доранд. Мо низ аз ин кирдори худ хеле мутаассир ҳастем, лекин чи бояд кард? Таърих моро ба навиштани ин қабил фаҷоеъу фазоеҳ маҷбур намуд. Бояд фармони таърихро би-р-раъс ва-л-айн иҷро намоем, вагарна дар назди таърих масъул ва муаххаз хоҳем буд...Мо дар ин амалиёти худ чун ҷарроҳи сахтдили чобукдаст бо неҳтари қалам бераҳмона ҷароҳатҳои омоскардаамонро шикофта ва буридем. Оре! Сафҳаҳои мусаффоро бо чирку хун олуда кардем. Лекин умед аст, ки ин захмҳои амалиёт дидаи мо баъд аз ин ба ҳам омада ҷисми фигори моро сиҳати комил муяссар гардад" [58, 237].

М. Шакурӣ дар асоси ин суханони Айнӣ сабаби интиқоди бераҳмонаи Айниро, пеш аз ҳама, дар масъулиятшиносии ӯ дида, меафзояд, ки "Устод Айнӣ худро ва ҳар касеро, ки дар пеши таърих масъул медонист ва зарур мешуморид, ки ҳар чӣ дар таърих буду ҳаст, бояд дар лавҳи хотири миллат нақш бандад, ёди таърихии миллат бояд ҳама рӯйдодҳои моҳияткушои ҳар асру замонро нигаҳдорӣ кунад, то аз он сабақ бигирад". Дар ин замина ин донишманд "назарияи таърихии Айнӣ"-ро "маромномаи таърихии"-и ӯ дониста, аз "Таърихи амирони манғити Бухоро (1920-1923) ва повести "Ҷаллодони Бухоро" (1922) оғоз ёфтан ва "дар бисёр асарҳои илмиву адабӣ ва фаъолияти рӯзноманигории ӯ амалӣ" шуданро кӯшише дар роҳи мазмуну муҳтавои наздик ба воқеият бахшидан ба ёди таърихии миллат таъбир мекунад [58, 238], ки диди нав дар шинохти фаъолияти таърихнигорӣ ва моҳияти осори таърихии Айнӣ дар айнишиносии тоҷик мебошад.

То чунин арзёбиҳои М. Шакурӣ паҳлуҳои гуногуни фаъолияти таърихнигории устод Айнӣ дар осори илмии З. Ш. Раҷабов, И. С. Брагинский, С. Ш. Табаров, А. Мухторов ва дигарон мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифта бошад ҳам, дар ин таҳқиқотҳо фаъолияти

таърихнигории Айнӣ зери таъсири идеологияи ҳоким, ки манфиатҳои сиёсии ҳукумати шуравиро аввалдараҷа медонист, омӯхта ва баҳогузорӣ шудааст.

Аввалин муҳаққиқе, ки Айниро "Аввалин таърихнигори халқи тоҷик" унвон кардааст, Аҳрор Мухторов мебошад. Ин донишманд дар мақолааш " Садриддин Айнӣ-муаррих" ("Садриддин Айни-историк") менависад: "Соли 1920 дар саҳифаҳои журнали "Шуълаи инқилоб" ("Пламя революции") дар шакли очерки таърихӣ асари ӯ (Айнӣ- С.Ҷ.) зери унвони "Таърихи амирони манғитияи Бухоро" ("История мангитских эмиров Бухары") пайдо шуд. Баъд аз се сол, дар соли 1923 баъди такмилҳое ин очеркҳо дар шакли китоби алоҳида дар Тошканд нашр шуданд. Соли 1926 дар Маскав асари дигари С. Айнӣ "Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар" ("Материалы по истории Бухарской революции") ба чоп расид" [121, 225].

Дар бораи ин асари таърихии Айнӣ дар вақташ И. С. Брагинский, З. Раҷабов, Р. Ҳошим ва дигарон андешаҳои худро баён кардаанд. И. С. Брагинский "аҳамияти бузурги таърихӣ дошта"-ни ин асари устодро таъкид карда бошад ҳам, онро "дар шакли порчаҳои бадеӣ навишта шуда буд" [53, 61] мегӯяд, ки ишора ба тарзи нигориши нависанда дорад.

Профессор З. Раҷабов дар рисолаи "Садриддин Айнӣ-муаррихи халқи тоҷик" дар бораи ин асари устод Айнӣ, чунон ки Раҳим Ҳошим таъйид кардааст, "аввалин шуда ба таври муфассал истода мегузарад. Муаллиф маълумотҳоеро, ки ин асар дар бар гирифтааст, мухтасаран баён намуда, лаҳзаҳои муҳими онро махсусан зикр мекунад ва зимнан баъзе камбудиҳои асарро қайд менамояд" [179, 56].

Мақолаи Раҳим Ҳошим "Таърихи амирони манғитияи Бухоро" ва услуби нигориши он" аввалин мақолае мебошад, ки муаллиф аҳаммияти таърихӣ ва "тамоюлоти адабии" ин асари устодро дақиқкорона муайян ва арзёбӣ намудааст. Ба андешаи ин донишманд ҳарчанд ин асар соли 1920

дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” чоп шуда бошад ҳам, “муаллиф бояд хело вақтҳо пеш аз соли 1920, ҳанӯз замони дар Бухоро зиндагӣ карданаш, ба навиштани ин асар шуруъ карда бошад”. Раҳим Ҳошим бо зикри ин санад умед кардааст, ки “дар оянда тадқиқот дар архиви Айнӣ дар ин бора риштаи наве ба дасти муҳаққиқон бидиҳад” [179, 56].

Раҳим Ҳошим таърихи Бухороро дар давраи салатанати амирони Манғит аз соли 1753 то 2-юми сентябри соли 1920 дар бар гирифтани ин асарро таъйид карда, аз манбаъҳои таърихии “Таърихи Шоҳрухӣ”-таълифи Мулло Ниёз ном яке аз муҳаррирони Фарғонаро, ки қисми амирони Бухорояш аз “Мустафод-ул-ахбор” гирифта шудааст ва “Таърихи амирони Манғит”-и Мирзоазими Сомӣ истифода кардани Айниро ёдрас менамояд. Ягона манбаи хориҷие, ки Айнӣ дар вақти навиштани ин китоб истифода кардааст, “Таърхи Эрон” будааст, ки аввали асри XIX аз тарафи сафири Англия дар Эрон Малколм навишта шудааст. Манбаъҳои русӣ ё хориҷии дигаре дар ихтиёри Айнӣ набудааст. Ба шаҳодати Раҳим Ҳошим “Айнӣ воқеаҳои айёми салтанати амир Абдулаҳадро бештар аз таърихи Мирзоазими Сомӣ гирифтааст” [179, 56].

Ин донишманд дар асоси таҳлилҳои анҷомдодааш ба ин натиҷа расидааст, ки устод Айнӣ воқеаҳои таърихии давраи амир Абдулаҳад ва амир Олимро, ки нисфи қисмати дуюми асарро ташкил медиҳанд, бе истифода аз ягон манбаъи китобӣ, дар асоси мушоҳида ва тадқиқоти худ, дар асоси санадҳои расмии аморати Бухоро, ривояти шахсони муътабар, ки шахсан дар воқеаҳо иштирок доштаанд, дар асоси мактубҳои пас аз инқилоби Бухоро ба даст афтодаи амир ва қозикалон Бурҳониддин ва ғайра эҷод намудааст. Муаллиф барои таъйиди асоси ҳуҷҷатии ин асар суханони зерини Айниро далел овардааст, ки мегӯяд: “Вақоеъи айёми авохир, яъне аҳди Абдулаҳад ва амир Олимро, ки ҳама дар асри шахси ин муҳаррири оҷиз гузашта ва даряк қисми он мадхалият дошта, бояд ҷои чуну чаро надошта бошад. Эҳтимол, ривоёти мо бо ривоёти осори аҷнабӣ ва таворихи русӣ дар баъзе ҷоҳо мухолиф бошад. Дар ин хусус ҳамин қадар

мегӯем, ки муаррихони фарангӣ умуман дар боби таърих мутахассиси васиқаанд, аммо дар аҳволи хусусии аҳолии шарқ, ки ғолибан аз назари аҷониб пӯшида мемонад, ривоёти мо, ки ба муҳокима ва ҷонкании бисёре аз даруни хонаи худ гирифтаем, бояд руҷҳон дошта бошад” [179, 57].

Аз таҳқиқоти Раҳим Ҳошим бармеояд, ки Айнӣ ҳангоми навиштани ин асар фақат бо “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш шиносоӣ дошта, аз рисолаи амирони манғити вай, ки дар солҳои чилум дастрас гардид, хабар надоштааст. Бо вуҷуди ин, ба мушоҳидаи Раҳим Ҳошим устод Айнӣ аввалин маълумотро дар бораи Аҳмади Дониш “дар ин асари худ дода диққати тдқиқотчиёни ояндаро ба эҷодиёти Дониш ҷалб намудааст. Ин асари Айнӣ аз ҷиҳати мавзӯи худ, ки дар таърихи мамлакат ва халқи мо аз давраҳои хеле муҳим, сервоқеа, давраи табаддулоти бузурги сиёсӣ ва иҷтимоӣ, давраи бедорашавӣ ва ба сӯи раҳоӣ аз зулму тааддиии ғайриинсонӣ рӯ намудани хали мо мебошад ва то навишта шудани ин асар аксари он воқеаҳо дар ҳеқ куҷо сабт нашуда буданд, аҳамияти калон дорад” [179, 57].

Ба мушоҳидаи ин донишманд Айнӣ бо таълифи ин асар ҳамчун муаррих “услуби воқеанигории махсус ва наверо пеш гирифтааст”, ки аз гузаштагони худ фарқ дорад. Ин фарқият, пеш аз ҳама, дар он зоҳир шудааст, ки Айнӣ дар ин асар на ба баёни лашкаркашиҳо, ба шарҳи шикорравӣ ва сафарҳои гуногуни амирон, низоъҳои байнихудии онҳо, балки бештар ба нишон додани симои онҳо, ҳаёти хусусии онҳо кӯшида, шахсияти онон ва атрофиёнашонро дар асоси фактҳо фош намуда, аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро, хусусан аҳволи табақаи меҳнаткашро баён намудааст. Раҳим Ҳошим дар такя ба ишораи зерини Айнӣ ба услуби таърихнигории муаррихони Шарқ сабки таърихнигории ӯро муайян намудааст. Айнӣ дар ин боб мегӯяд: “Онҳо дар назди мурдаву зинда тамаллуқ ва риёкориро пеша карданд, ночор ахлоф аз дардҳои кӯҳна ғофил монданд ва ибрате гирифта наметавонистанд” [179, 58].

Ин донишманд аввалин бор усули таърихнигории Айниро, ки ба воқеият такя дорад, дар кушодани фосиқии амир Музаффар, хунхорӣ ва сабаҳои асосии зоҳиртарошии амир Шоҳмуродро дар мисоли барои обод кардани Самарқанд музофоти Хуҷанд, Ӯротеппа, Хавос, Зомин ва Ёмро тороҷ кардан ва аҳолии он ҷоҳоро кӯчонда ба Самарқанд овардан ва дар Чорсӯи Самарқанд дар рӯбарӯи амир бо дуруштии тамом ба ӯ хитоб намудани мулло Қурбонро, ки амирро "золими мазлумозори худонотарс" унвон карда буд, нишон дода, ӯро ҳамчун муаррихи воқеъбин ва ҳолшинос тавсиф мекунад, ки дар шинохти ҳунари таърихнигории Айнӣ ҳарфи тоза ва пурмуҳтаво буду ҳаст. Муаллиф маълумоти Айнӣ дар бораи амир Олимхон, фақирӣ, маҳкумӣ ва беҳуқуқии мардум, бедоршавии фикрӣ дар Бухоро, пайдоиши ҳаракати ҷавонбухориён ва воқеаҳои муҳими солҳои 1917-1920-ро ҳуҷҷати муҳими таърихӣ дониста, таъкид менамояд, ки "Айнӣ воқеаҳои зиёди то он дам ба қалам гирифтанашударо тасвир намуда, аксари он воқеаҳоро бо назари танқидӣ таҳлил ва баён мекунад. Ба ин далел, Р. Ҳошим ин асари Айниро "дар олами таърихнависии тоҷик чи аз ҷиҳати тасвир ва таҳлили воеаҳо ва чи аз ҷиҳати услуб ва нигориш як қадами нав" ҳисобида, дар ин замина ҳунари таърихногори Айниро дар нишон додани аҳволи оммаи мардум, вазъияти ҳарбӣ ва қувваҳои мусаллаҳи давлати Бухоро, аҳволи моддӣ ва иқтисодии мамлакат, навъҳои андоз ва хироҷ, тарзи ситондани онҳо, ҷараёни бедорӣ ва омилҳои фақириву мухтоҷии мардум бузург ва пураҳамият таъбир мекунад.

Дар байни таълифоти дигаре, ки доир ба фаъолияти таърихнигории Айнӣ эҷод шудаанд, мақолаи А. Мухторов "Садриддин Айнӣ – муаррих" ҷойгоҳи хос дошта, ба баррасии ҷудогона ниёз дорад. А. Мухторов дар ин мақола, пеш аз ҳама, ба тозаҷӯиҳои Айнӣ дар фарогирии воқеиятҳои таърихӣ ва усули нигориши ӯ эътибор дода, дар ин замина дар бораи асарҳои таърихии ӯ "Таърихи амирони манғитияи Бухоро", "Бухоро инқилоби таърихи учун материаллари", "Шӯриши Муқаннаъ", "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик", "Тирози ҷаҳон", "Ҷашни таърихӣ"

ва заминаҳои ҳуҷҷативу таърихии баъзе осори бадеии Айнӣ маълумоти муҳимро дар ихтиёри хонанда мегузорад, ки дар шинохти ҳунари таърихногории Айнӣ муҳим ва пурарзиш ба шумор меравад.

Ин донишманд дар бораи шароит ва замоне, ки Айнӣ осори таърихиашро навиштааст, сухан карда, аз ҷумла нигоштааст, ки “Замоне, ки Айнӣ таълифоти худро навишта буд, ҳануз низоми ягонаи тақсимбандии сарчашмаҳои зиёди хатӣ, ки таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳоро инъикос карда бошад, коркард нашуда буд. Зиёда аз ин, сарчашмаҳои хатии таърихи халқҳои Осиёи Миёна аз рӯи фарогирии маводҳо ва хусусияти инъикоси онҳо мушкилоте доштанд. Махсусияти асосии онҳо тарзи солномаии сабти воқеаҳо буд, ки аз мавқеи синфи феодалии ҳукмрон ифода мешуд. Аз ин ҷиҳат, қариб ҳамаи онҳо таҳлили интиқодии амиқро талаб мекарданд. С. Айнӣ чунин имконро надошт, вале ӯ дар асоси як қатор санадҳо ва маводҳои дастрас дар пеши худ вазифа гузошт, ки таърихро ба илм табдил дода, усули (методи) таҳқиқоти худро муайян намояд” [121, 226-227].

Имтиёзи дигари таҷрибаи Айниро ин донишманд дар он дидааст, дар охири таълифоташ, аз ҷумла “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” барои маълумоти хонандагон сарчашмаҳои аввалро, ки истифодакардааст ва назари интиқодиаш ба онро зикр намудааст. Ба қавли А. Мухторов “Шаҳодати муаллифоне, ки на фақат дар ҳудуди аморати Бухоро, балки берун аз он зиндагӣ доштаанд, ба чунин сарчашмаҳои дараҷаи аввал дохил мешаванд”. Дар ин замина А. Мухторов “Тоҷ-ут-таворих”-и амир Абдураҳмонхон оид ба таърихи Афғонистон, асари Мирзо Малкумхон оид ба Эрон ва ғайраро зикр карда менависад, ки “С. Айнӣ бо ҳадафи ба даст овардани маълумоти даркорӣ на ба муаррихони дарбори амирӣ, балки ба мухолифони амир, ки дар навиштани воқеаҳои алоҳида нисбат ба солноманависони дарбор дигар хел рафтор кардаанд, такя мекард”. Ба мушоҳидаи ӯ, аз таълифоти муаррихони бухороӣ С. Айнӣ ҳамон асарҳоеро истифода кардааст, ки ба воқеиятҳои рухдода назари интиқодӣ доштаанд.

Дар ин замина ӯ “Таърихи амирони Манғит”-и Мирзоазими Сомӣ, асари Ҷумъақули Хумулӣ ва ғайраро истифода кардааст. Ҳамчунин яке аз сарчашмаҳое, ки диққати Айниро ба худ ҷалб намудааст, қайдҳои роҳ ва ёддоштҳои сайёҳ ва ховаршиноси венгер Вамбери будааст [121, 227]. Ниҳоят, ба қавли А. Мухторов “Айнӣ ба маълумоти хонанда расондааст, ки маълумоти ба раҳбарии ду амири охирин-Абдулаҳад ва Олимхон дахлдорро аз мушоҳидаҳои худ истифода кардааст.

Аз таҳқиқоти А. Мухторов бармеояд, ки Айнӣ ба санадҳои таърихӣ, ки барои омӯзиши таърих сарчашмаи дараҷаи аввалanд, арзиши баланд қоил будааст. Дар ин замина муҳаққиқ корбурди “ҳуҷҷатҳои боэътимоди ҳуқуқӣ” дар повести “Одина”, романҳои “Ғуломон”, “Дохунда” ва ғайраро далели он медонад, ки “С. Айнӣ ошкорсозӣ ва ҷамъоварии маводҳои кӯҳнаро дар ҷои аввал гузошта, ба нашр ва таҳлили онҳо диққати махсус медод” [121, 228].

Ин муҳаққиқ дар авввалин асарҳои таърихии Айнӣ имтиёз доштани “мавзуъҳои сиёсӣ” ва ҷузъи асосии илми таърих қарор нагирифтани “мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ”-ро аз камбудиҳои осори таърихии устод дониста, дар осори бадеии солҳои баъди ӯ умқ ва паҳно пайдо кардани таҳқиқоти таърихии Айниро аз пешрафти дарёфтҳои илмӣ дар ин самт медонад ва дар ин замина асарҳои “Шӯриши Муқаннаъ”, “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”, “Тирози ҷаҳон” ва “Ҷашни таърихӣ”, ҳамчунин повести “Одина”, романҳои “Дохунда”, “Ғуломон” ва “Ёддоштҳо” нависандаро таҳлил мекунад ва бунмояи таърихии онҳоро ба хонанда менамояд.

Муҳаммадюсуф Имомзода дар мақолаи “Нигоҳи Айнӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии аморати Бухоро” бори аввал диди илмӣ ва таърихии Айниро дар заминаи мушкилоти иҷтимоӣ ва сиёсии замони мавриди назараш, аз ҷумламасъалаи “юриши ғосибонаи артиши ҳукумати подшоҳии рус ба Осиёи Миёна ва мубориза и бесуботона ва дар айни замон тобеияти чоплусонаи амирони манғит бо онҳо” [85, 20] таҳқиқ ва арзёбӣ

кардааст, ки аз бисёр ҷиҳат бозгӯи ҷанбаи тозаи ҳунари таърихнигории Айнӣ ва диди моҳиятҷӯи муаллифмебошад. Муҳаққиқ масъалаи зикршударо дар заминаи таҳлил ва баррасии “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” анҷом дода, баъзе паҳлаҳои усули таърихнигории Айниро ба таври мушаххас муайян намудааст.

Ба мушоҳидаи М. Имомов устод Айнӣ аввалин муомилаи аморати Бухоро бо Русияро ба замони салтанати амир Ҳайдар нисбат дода, дар заминаи санадҳои қотеъ дар замони амирони баъдӣ, аз ҷумла амир Насруллоҳ бештар шудани дахолати Русияро таъйид менамояд ва меафзояд, ки “назари таърихшиносона ва олимонаву воқеънигоронаи устод Айнӣ ба воқеоту ҳаводиси он рӯзгор чунон баҳои ҳаққонӣ дода шуда, ки имрӯз низ аксари он чун амри қотеъ қабулшаванда буда, касе аз таърихшиносон наметавонад ба дурустии он шубҳа кунад” [85, 20-21]. Муҳаққиқ назари Айниро ба сиёсати ғосибонаи рус ба тариқи зер дастабандӣ кардааст, ки далели диди амиқ ва моҳиятҷӯи таърихнигории ӯ дар шинохт ва арзёбии сиёсати султаҷӯёнаи Русия дар Осиёи Миёна дар он замон мебошад:

а) муомилаи манфиатхоҳонаи рус бо амир Ҳайдар;

б) ҷаҳду талош ва пархоши русу англис барои ба даст овардани Осиёи Миёна;

в) дар зулму ситам ва ришвахорӣ шабеҳи манғитиён будани Русия;

г) сиёсати маъмурони рус ба аҳолии Бухоро ва масъалаи мактаб;

ғ) пушту паноҳи ҷиноятҳои ҳукуматдорони аморат будани Русия;

д) тафриқаандозии мазҳабӣ;

е) сиёсати мунофиқонаи элчихонаи рус дар масъалаи рӯзнома ва ислоҳот.

Муҳаққиқ масъалаҳои зикршударо аз нигоҳи Айнӣ ба алоҳидагӣ баррасӣ карда, ба ин натиҷа мерасад, ки “ҳамаи он ҷабру ситам ва беадолатиҳое, ки ҳукумати подшоҳии рус нисбат ба раияти мусалмон раво медошт, аз назари мӯшикофона ва таърихнигоронаи нависвнда дур

намондааст. Ӯ ин ҳукуматро “истибдодӣ” ва сарварони онро “арбоби истибдод” ном мебарад. Ҳукумати Русия ҳеҷ вақт намехост, ки муслимин маърифатнок шаванд, зеро мустамликадорон хуб медонистанд, ки мардуми зердасташон босавод шаванд, барои ҳуқуқи худ рӯзе исён хоҳанд кард. Аз ин рӯ дар ҷаҳолат нигоҳ доштани онҳо барои Русия манфиатноктар буд. Ҳаракати одии муслимин барои бедорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи худ аз тарафи ин ҳукумат саркӯб карда  мешуд. Чунончи, Айнӣ менависад: “Ҳукумати истибдодӣ, ки барои нест кардани ҳаракатҳои бедории мусулмонон баҳона мекофт, бо иғвои мулоҳо тараққипарваронро зери назорат мегирифт, ҳабс мекард, мактабҳо ва ҷамъиятҳои хайрияро мебаст, муҳаррир ва муаллимонро ҳабс ё бадарға мекард” [85, 23].

Аз таҳқиқоти анҷомдодааш М. Имомзода ба хулоса меояд, ки дар нишон додани таърихи беш аз панҷоҳсолаи истибдоди ҳукумати подшоҳии рус дар Осиёи Миёна, хусусан дар аморати Бухоро осори таърихии Айнӣ нақши бузург дошта, дар ин замина ӯ ба сифати як мутафаккири таърихнигор аз заволи қавму миллат ва дину оин қаблан ҷомеаро ҳушдор додааст. Муҳаққиқ бузургии Айниро дар он медонад, ки воқеияти таърихиро воқеъбинона инъикос намуда,  таъсири асафбори онро ба сарнавишти кишвар пешбинӣ менамояд. Ба андешаи М. Имомзода “факту далоили овардаи адиб ҳама муътамад буда, бархе аз онҳо дар ҳеҷ сарчашмаи дигар зикр нашудаанд. Дар тамоми андешаҳои нависанда нисбат ба ин масъала муаллиф ба сифати ифшогари забардасти сиёсати императориирус таҷаллӣ мегардад. Ин фаъолияти ифшогарии С. Айнӣ яке аз падидаҳои муҳими миллӣ-озодихоҳии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад” [85, 31].

Чунон ки ба мушоҳида расид, ин мақолаи М. Имомзода дар айнишиносии давраи истиқлол ҳарфи тоза ва бодалел дар бораи маслаки таърихнигорӣ ва андешаҳоиояндабинонаи  устод Айнӣ буда, нақши равшангароёнаи ӯро дар тағйири афкори ҷомеа ва тағйири дидгоҳҳо

нисбат ба сиёсати истибдодии Русияи подшоҳӣ муайян ва мушаххас месозад.

Б. Валихоҷаев дар мақолаи “Таърихи инқилоби Бухоро” ва масъалаҳои муҳити адабӣ” маҳорати таърихнигории Айниро дар заминаи инъикоси “масъалаҳои муҳити адабӣ, намояндагони ҷараёни маданию адабии охири садаи XIX ва аввали садаи XX дар мисоли “Ёддоштҳо”, “Намунаи адабиёти тоҷик”, “Таърихи инқилоби Бухоро ва ғайра” [64, 88] баррасӣ намудааст, ки паҳлуи дигари диди таърихнигории устодро мушаххас менамояд.

Ба мушоҳидаи ин донишманд дар асарҳои номбурда устод Айнӣ ҳолати муҳити адабию мадании даврро ҳамчун шоҳиди бевоситаи он ба қалам дода, дар бораи ашхосе сухан мегӯяд, ки “бо онҳо мусоҳиба дошта, мулоқот намуда ва ё онҳоро дидааст”. Ин амали Айниро муҳаққиқ далели диди амиқи таърихшиносиву муаррихии ӯ дониста, барои таъйиди назараш дар заминаи асарҳои дар боло зикршудаи Айнӣ, масъалаҳои адабӣ, илмӣ ва фарҳангиро аз диди таърихнигории устод муфассал таҳлил ва арзёбӣ менамояд. Муҳаққиқ дар мақола маълумоти Айниро дар бораи муҳити адабию илмӣ, китобхонаҳо ва мадрасаҳои Бухоро зикр ва таҳлил карда, ба ин хулоса меояд, ки “гуфтаҳои устод оиди муҳити маданӣ, адабӣ ва намояндагони он ҳуҷҷатҳои боэътимод” буда, барои равшан кардани саҳифаҳои торики таърихи тоҷикон ва фаросӯи адабию илмӣ ва фарҳангии онҳо ҳанӯз ҳам арзиши дараҷаи аввал доранд.

Дар миёни таълифоти дар ин самт анҷомгирифта мақолаи Камол Айнӣ, ки таҳти унвони “Китобе, ки ҳафт сол дар зиндон буд” ҳамчун муқаддимаи китоби устод Айнӣ “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” (чопи Теҳрон, 1381) ба нашр расидааст, дар шинохти назариёт ва усули таърихнигории устод Айнӣ арзишманд мебошад. Дар ин мақола Камол Айнӣ нахуст дар бораи таърихи эҷод ва фарқи нусхаи охир аз таҳрири ӯзбакии он, ки дар тарҷумаи “аз дӯстони бовафои устод Айнӣ, Қорӣ Юлдош Пӯлод” [24, 10] ба чоп расидааст маълумот оварда, сипас дар бораи

тарҷумаи тоҷикии он, ки “адиб ва суханварони номдори мо Раҳим Ҳошим” [24, 8] анҷом додааст сухан карда, ниҳоят моҳияти ҷусторҳои Айниро дар инъикоси муҳимтарин воқеаҳои давраи инқилоби Бухоро бо мисолҳо ба хонанда менамоёнад.

Яке аз дарёфтҳои муҳими таърихии Айниро фарзанди ӯ Камол Айнӣ дар он дидааст, ки муаллиф дар ин китоб “асомии шахсиятҳои воло”-еро, ки “ҳамагӣ бо сифоти мусбат ва манфии худ фаъолият мекарданд” ҳамчун ҳуҷҷати таърих зикр кардааст, ки “дар он замони муборизоти фикрӣ ва таҳаввулоти ҳаррӯза дар умури маориф ва тарбият ва ахлоқи ҷомеъа аҳамияти фавқулодаи илмӣ, фарҳангӣ, сиёсии муҳиме дошт” [24, 12]. Дарёфти дигар, ба пайбурди ин донишманд, “барои таърихи кишвар бениҳоят муҳим” [24, 9] будани китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” мебошад, ки саҳифаҳои тираи таърихи миллатро барои хонанда ба ҳамешагӣ равшан месозад. Муҳаққиқ ҳуҷҷатписандӣ ва эътимод ба ҳақиқати таърихиро аз тамоюли вижаи таърихнигорӣ ва усули илмии инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар таҷрибаи устод Айнӣ ба шумор меоварад.

Камол Айнӣ бо иқтибоси порае зер аз китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”, пеш аз ҳама ҳадафи ормонгароии миллӣ ва ояндабинии Айниро дар шинохт ва арзёбии моҳияти воқеиятҳои таърихии он рӯзгор таъкид кардааст, ки имрӯз низ ҳамчун ҳуҷҷат аз забони Айнӣ арзишманд аст: “Азбаски тараққипарварон дар ин чанд моҳ ҳукумати Бухороро хуб шинохта буданд ва ҳам то куҷо будани лутфи амирро медонистанд, таслим нашуданд, зеро таслим шудан ҳамон буд ва талаф шудан ҳамон. Чун ҳол бад-ин минвол расид, дар миёни ҷавонбухороиён барои ҳифзи ҳаёти худ ду фикр афтод. Фирқае мегуфтанд: бо ватан ва хонумон видоъ карда ва дохили Туркистон ҳиҷрат мекунем ва дағдағаи ислоҳоти Бухороро то вақти марҳуни муносиб во мегузорем. Фирқаи дигар мегуфтанд, ки ҳар чӣ бодо бод! Ба Когон меистем. Охирин мунофират, ки миёни болшевикони рус ва ҳукумати Бухорост, ба шамшер хоҳад ҳал шуд.

Толеъи мо низ дар он ғавғо ҳал мешавад”  (24, 7-8). Чунон ки мебинем, ин фоли Айнӣ ҳақиқати фоҷеаи миллатпарастони Бухороро дар замони истибдоди рус таъйид мекунад, ки муаллифи мақола онро ба сароҳат мушаххас сохтааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои дар ин фасл анҷомгирифта нуктаи муҳим ин аст, ки устод Айнӣ бо таълифи осори таърихӣ ва истифодаи огоҳонаи асноди таърихӣ дар асарҳои бадеиаш чешраи ҳунарии худро ҳамчун таърихнигори ҳақҷӯву ҳақшинос ва баёнгари андешаҳои ормонгароёнаи миллӣ барои имрӯзу фардо ҳифз намудааст. Он чи дар ин замина гуфта шуд, собит месозад, ки Айнӣ дар шинохт ва инъикоси воқеаҳои таърихии марбут ба сарнавишти миллати тоҷик дар осори таърихиаш берӯю риё буда, чеҳраи асили инсонӣ ва ҳунарии худро ҳамчун амонатнигаҳдори таърих ба ихтиёри наслҳои имрӯзу оянда супоридааст, ки ҷузъе аз саранавишти миллати тоҷик мебошад.

# ХУЛОСА

Таҳқиқоти дар марҳалаҳои гуногун дар айнишиносии тоҷик анҷом гирифта нишон медиҳад, ки дар тули солҳо паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва эҷодиёти Айнӣ ҳамчун шоир, нависанда ва олим мавриди омӯзиши ҷомеъ ва таҳлилии донишмандон қарор гирифта, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик ба таври мушаххас муайян карда шудааст. Таҳқиқ ва арзёбии осори илмии дар ин замина баррасӣ шуда моро ба хулосаҳои зерин овард, ки ба таври фушурда зикр менамоем.

1. Таҳқиқ ва арзёбии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Садриддин Айнӣ аз нимаи дувуми солҳои бистуми садаи бист шуруъ шуда, соҳаи мустақили айнишиносиро ба вуҷуд овард, ки се марҳаларо дар бар мегирад. Марҳалаи аввал аз солҳои бистум то шастум, дувум аз солҳои ҳафтодум то навад ва савум давраи Истиқлолро дар бар мегирад, ки ҳар кадом бо хусусиятҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ мекунад.

2. Хусусиятҳои хоси марҳалаи аввали ҷустуҷӯҳои айнишиносонро дар шинохти аҳвол ва осори устод Айнӣ равиши усулии таҳқиқ ва тобеият ба тамоюлҳои ақидатии (идеологии) сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мушаххас менамояд, ки зери таъсири сиёсати ҳоким шакл гирифта, то нимаи давуми солҳои шаст идома ёфтааст. Аз нахустин таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта, яъне мақолаҳои Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, Н. Бектош ва дигарон назари айнишиносон ба замони зиндагӣ, муҳити адабию фарҳангӣ ва аҳволу осори С. Айнӣ ҷанбаи амиқи сиёсӣ ва иҷтимоъгароии маҳз дошта, таҳқиқ ва арзёбии мушкилоти мавриди назар аз мавқеи идеологияи расмии ҳизби ҳоким сурат гирифтааст.

3. Дар марҳалаи аввал асосан “Намунаи адабиёти тоҷик”, повести “Одина” ва романи “Дохунда” баррасӣ шудааст, ки аксаран холисона набуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои нависанда зери таъсири идеологияи сиёсатгаро ва иҷтимоъгаро таҳриф шудааст. Дар ин миён, бо вуҷуди ҷанбаъҳои манфии ақидатиаш, мақолаи Н. Бектош “Садриддин Айнӣ дар

адабиёти инқилобии тоҷик” ва рисолаи ӯ “Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ” аз арзиши хос бархурдор буда, дар онҳо бори аввал замон ва муҳити зиндагӣ, нашъати иҷтимоӣ ва ташаккулу таҳаввули роҳи эҷодии Айнӣ то инқилоб ва баъди он аз мавқеияти касбӣ баррасӣ шуда, хусусиятҳои мундариҷаи ғоявӣ ва бадеии насри Айнӣ ва баъзе камбудиҳои он воқеъбинона муайян карда шудааст.

4. Дар таҳқиқоти баъдӣ, аз ҷумла асарҳои И. Брагинский, М. Шукуров, З. Муллоҷонова, Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Х. Отахонова ва дигарон, ки дар ин марҳала ба вуҷуд омадааст, масъалаҳои ҳаёт ва эҷодиёти тоинқилобии Айнӣ (назм, наср, публитиситика ва осори педагогӣ), асарҳои ҷудогонаи насрии нависанда (повести “Одина”, романҳои “Дохунда”, “Ёддоштҳо”, осори публитсистӣ ва педагогии давраи шуравӣ), фаъолияти илмии Айнӣ ва монанди инҳо баррасӣ шудаанд, ки нисбат ба солҳои бисту сӣ пурғунҷоиш ва аҳамиятнок мебошанд.

5. Дар аксари таҳқиқоте, ки дар марҳалаи дувуми айнишиносӣ ба майдон омадаанд, аҳвол ва осори Айнӣ дар замианаи воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони шуравӣ таҳқиқ ва таҳлил шудаанд, ки низ тобеияти усули таҳқиқ ва андешаҳои назарии муаллифон ба идеологияи расмӣ равшан ба назар мерасад ва моҳияти ҷустуҷӯҳои онҳоро муайян менамояд. Дар ин замина ҷустуҷӯҳои илмии айнишиносоне мисли М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Р, Фиш ва Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, А. Набиев, А. Кӯчаров, А. Маҳамадаминов ва дигарон ҷобили мулоҳиза буда, ин муҳаққиқон дар шинохти мушаххасоти зиндагинома ва осори устод Айнӣ аз равишҳои усулли таҳқиқи таърихив муқоисавӣ истифода карда, консепсияи хоси арзёбии аҳвол ва осори Айниро шакл додаанд, ки чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии нависандаро воқеъбинона ба хонанда менамоянд.

6. Аз таҳқиқоти доир ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ анҷомгирифта бармеояд, ки ӯ дар таърихи илму адабиёт ва фарҳанги тоҷикон нақш ва

ҷойгоҳи хос дошта, таҷрибааш дар ташаккул ва инкишофи адабу фарҳанги миллат бешоиба аст. Яке аз паҳлуҳои аҳвол ва осори Айниро дар айнишиносӣ муносибати ӯ ба инқилоби Октябр ва ҷадидон муайян мекунад, ки дар ин марҳала масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи хоси баъзе муҳаққиқон қарор дошта, мавқеи Айнӣ мушаххас карда шудааст. Ҷустуҷҳои дар ин самт анҷомгирифта далели он аст, ки пойбандии Айнӣ ба инқилоби таҳмилии Октябр, пеш аз ҳама, дар пояи шинохти манфиат ва мавқеи инсон дар ҷамеа устувор гардида, ин равиш ҳеҷ гоҳ монеъи таҳаввули андешаи худшиносии миллӣ дар самтҳои фаъолияти адабӣ, илмӣ ва публитсистии ӯ нашудааст, баръакс заминаро барои таҳаввули афкори иҷтимоӣ ва инсонпарваронаи ӯ фароҳам овардааст, ки мероси адабию илмиаш ин фарзиятро таъйид мекунанд.

7. Хусусияти умдаи марҳалаи савуми ҷустуҷӯҳои айнишиносонро навназарӣ ва биниши тозаи интиқодӣ мушаххас месозад, ки ифодагари равиши хоси ташаккул ва таҳаввули ин соҳа ва ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқон мебошад. Омили асосии ин таҳавулот тағйироти сиёсиву иҷтимои дар ҷомеъа рухдода, ошкорбаёниву ҳақталошӣ, бахусус фарорасии истиқлолияти воқеии кишвар мебошад, ки шароитро барои баёни андешаву оро муҳайё сохт ва имконе фароҳам омад, ки айнишиносон ба аҳвол ва осори Айнӣ, аз ҷумла шинохти чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ӯ, мансубияти иҷтимоиву ақидатии нависанда ва таъсири он ба эҷодиёташ, ҳифзи ҳувияти миллӣ, талоши бешоиба барои барқарор кардани ҳуқуқҳои таърихии адабию фарҳангии тоҷикон бо навназарӣ ва биниши тозаи интиқодии моҳиятҷӯ бархурд кунанд ва ҳақиқати сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Айниро бинамоянд.

8. Афзалияти дигари ҷустуҷӯҳо илмии айнишиносонро дар ин марҳала бо диди нав ва моҳиятҷӯ ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни фаъолияти адабиву илмӣ ва фарҳангии Айнӣ таваҷҷуҳ кардан ва ҷиҳатҳои торик ё баҳсноки андешаву орои ӯ, аз ҷумла муносибаташ ба сиёсати вақт, ҷараёни ҷадидия, забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ ва асолати меросбариро воқеъбинона

таҳқиқ ва арзёбӣ намудан муайян менамояд, ки шинохти воқеъбинонаи сарнавишти нависанда дар фаросӯи таърих мебошад.

9. Аз солҳои бистуми садаи гузашта ба ин тараф яке аз хусусиятҳои асосии ҷустуҷӯҳои айнишиносонро таҳқиқ ва арзёбии масъалаи мундариҷаи ғоявии осори Айнӣ ташкил менамуд, ки мутобиқи хстҳои идеологияи ҳоким шакл гирифта буд. Ба ин далел, тамоюли асосии равиши таҳқиқро нақши Айнӣ дар тасвир ва шарҳу маънидоди мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ муайян мекард. Дар ин замина таҳқиқоти анҷомгирифта дар шинохт ва арзёбии ҳунари нависанда дар офариниши образҳои бадеӣ, шахсиятпардозӣ, усули сужетсозӣ, сохтори копозитсионӣ, забон ва сабки нависанда низ қобили мулоиза мебошад.

Муқоисаи таҳқиқоти дар ин самт анҷомгирифта нишон медиҳад, ки ҳунари Айниро дар офаридани образҳои бадеӣ, характерҳо, банду басти асари бадеӣ, пеш аз ҳама, фарогирии воқеиятҳои зиёд, лаҳзаҳо, муносибати шахсиятҳои асар ба ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеъа ва шахсиятҳо мушаххас сохта, дар ин замина тасвири дақиқи бадеии воиятҳо ва хулқу хӯйи шахсиятҳо омили аслии ташаккул ва таҳаввули тарзи бадеии нигориши нависанда мебошад.

10. Фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ ҷузъи муҳими таҳқиқоти айнишиносон буда, чеҳраи ӯро ҳамчун “аввалин адабиётшиноси советии тоҷик” ба хонанда муаррифӣ мекунад. Дар такя ба таҳқиқоти дар ин замина анҷомгиррифта метавон хулоса кард, ки адабиётшиносӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ то охирин рӯзҳои ҳаёташ ҷузъи асосии ҷустуҷӯҳои эҷодии Айнӣ қарор гирифта, дар ин самт ӯ дар фосилаи мушаххаси замонӣ корҳои шоистаеро ба анҷом расонидааст. Муҳаққиқон Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Э. Муллоқандов, А. Маҳмадаминов ва дигарон фаъолияти адабиётшиносии Айниро дар таҳқиқ ва арзёбии мушкилоти таърихи адабиёт, масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносӣ (эстетикӣ) дар мисоли “Намунаи адабиёти тоҷик”, таҳқиқоташ доир ба рӯзгор ва осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Восифӣ, Навоӣ ва ғайра муҳим шинохта, ӯро

бунёдгузори равиши тозаи илми адабиётшиносии навини тоҷик ба шумор овардаанд.

11. Муҳаққиқон фаъолияти забоншиносиро низ ҷузъи муҳими ҷустуҷӯҳои эҷодии Айнӣ шинохта, нақши андешаву орои ӯро дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангии тоҷикон бузург маънидод кардаанд. Аз таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта бармеояд, ки забон барои Айнӣ аз оғози фаъолияти эҷодиаш унсури муҳими ҳувиятсози миллӣ буда, ин тамоюли фикрӣ дар пешниҳод ва ҳалли масъалаҳои бунёдии забон раҳнамои ӯ будааст. Ба ин далел, бесабаб нест, ки Айнӣ дар давоми фаъолияти эҷодиаш масъалаҳои бунёдии забон-ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, поксозии забон, интихоби забони миллии содаву оммафаҳм, муносибати эҷодкорона ба забони гуфторӣ, луғату луғатсозӣ ва ғайраро ба миён гузошта дар роҳи ҳаллу фасли мусбати онҳо талош варзидааст.

12. Муруре ба осори таърихии Айнӣ ва таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи адабиётшиносон ва таърихшиносон собит месозад, ки таърих барои ӯ аз оғоз, ба қавли худаш "силоҳе дар муборизаи роҳи фардо" будааст. Аз таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, З. Ш. Раҷабов, А. Мухторов, Б. Валихоҷаев, М. Имомзода, Л. Н. Демидчик ва дигарон маълум мешавад, ки устод Айнӣ бо таълифи осори таърхӣ ва истифодаи огоҳонаи асноди таърихӣ дар осори бадеияш чеҳраи ҳунарии худро ҳамчун таърихнигори ҳақҷӯву ҳақшинос ва баёнгари андешаҳои ормонгароёнаи миллӣ барои имрӯзу фардо ҳифз намудааст. Айнӣ дар шинохт ва инъикоси воқеиятҳои таърихии гузуштаву муосири марбут ба сарнавишти миллати тоҷик дар осори таърихӣ ва бадеиаш берӯю риё буда, чеҳраи асили инсонӣ ва ҳунарии худро ҳамчун амонати таърих ба ихтиёри наслҳои имрӯзу фардо супурдааст, ки низ ҷузъе аз сифоти миллати тоҷик мебошад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиҳо ва арзёбиҳои анҷомгирифта маълум мешавад, ки оид ба раванди айнишиносӣ ва баъзе паҳлуҳои он таҳлилҳо ва арзёбиҳое сурат гирифта бошад ҳам, аммо то ба имрӯз ин мавзуъ ба тарзи монографӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии ҷомеъ қарор нагирифтааст. Доираи мавзуи баҳс ва миқёси ҷуғрофиёии айнишиносӣ васеъ буда, маҳдудаи шуравии собиқ ва ҷаҳонро дар бар мегирад, ки фаро гирифтани он дар ин таҳқиқот аз имкон берун буд. Бинобар ин, дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки марҳалаҳо ва тамоюлҳои инкишофи айнишиносӣ, ҷустуҷӯҳои муҳаққиқон дар шинохти хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори нависанда ва омӯзиши паҳлуҳои дигари фаъолияти илмии Айнӣ ҳамчун адабиётшинос, забоншинос ва муаррих муайян ва мушаххас карда шавад. Дар алоқамандӣ бо мавзуи мавриди таҳқиқ барои истифодаи амалии он пешниҳодҳои зерин тавсия карда мешаванд.

1. Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони соҳа дар таҳиқ ва арзёбии мавзуъҳои ба ин монанд ва баррасии таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта метавонад ёрии назарӣ ва амалӣ расонад.

2. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди омӯзиши амиқ қарор додани паҳлуҳои ҷудогонаи айнишиносӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯҳои шахсиятҳои алоҳида дар омӯзиши ҳаёту осор ва ҳунари тасвиргарии устод Айнӣ барои муайян кардани нақши ӯ дар инкишофи адабиёти тоҷик муҳим ба назар мерасад.

3. Зарурати таҳқиқ ва арзёбии таҳқиқоти адабиётшиносон доир ба аҳвол ва осори шоирон ва нависандагони дигар дар миён буда, ин мушкилот бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандони соҳа қарор бигирад.

4. Дар диссертатсия ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтани таҷрибаи айнишиносон барои муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи Айнӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷик муҳим ба шумор меравад.

5. Таҷрибаи айнишиносон барои шинохти тамоюлҳои гуногуни инкишофи адабиёти тоҷик, аз ҷумла назму наср ва арзёбии паҳлуҳои ҳунарӣ ва мундариҷаи ғоявии он ёрии бевосита мерасонад.

6. Омӯзиши ҳаматарафаи тадқиқоти адабиётшиносон доир ба фаъолияти шоиру нависандагони алоҳида бо мақсади муайян намудани мухтассот ва арзиши бадеии осори онҳо муҳим мебошад.

7. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти тоҷик, ҳаёт ва осори шоирон ва нависандагон, нақди адабӣ, сабкшиносӣ ва балоғати сухан, курсҳо ва семинарҳои тахассусии факултетҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

8. Таҳқиқоти айнишиносон чеҳраи комили инсонӣ ва адабии Айниро ба хонанда намуда, имкон фароҳам меоварад, ки бахши муҳими натиҷаҳои ҷустуҷӯҳои муҳаққиқонро дар ҷараёни таълими назария ва таърихи адабиёти гузаштаву имрӯза, адабиёти шифоҳӣ ва ҳамчунин дар ҷараёни соатҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои олии касбии кишвар фаровон истифода намуд.

Дар маҷмуъ, ҳаёт ва осори Айнӣ ва таҳқиқотҳои адабиётшиносон дар шинохти тамоюлҳои эҷодии ӯ яке аз паҳлуҳои таърихи адабиёти навини тоҷик буда, диссертатсияи мазкур ибтидои пажӯҳишҳои вижаи илмӣ дар ин самт мебошад ва таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба он ҷалб менамояд. Таҳқиқи ҳаматарафа ва фарогири таҳқиқотҳо доир ба таърихи адабиёт, аз ҷумла аҳвол ва осори шоиру нависандагони алоҳида, вижагиҳои хусусиятҳои мундариҷавию сохторӣ ва тарзи нигориши онҳо аз мушкилоти мубрами адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи мавриди таҳқиқро муайян менамояд.

## КИТОБНОМА

### I. Сарчашмаҳо


1. Айнӣ, С. Осори баргузида. Ҷилди 1 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 478 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 8 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 524 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби якум / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – 506 с.
4. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби дуюм / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – 436 с.
5. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 12 / С. Айнӣ. –Душанбе:Ирфон, 1976. - 770 с.
6. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 13 / С. Айнӣ. – Душабе: Ирфон, 1977. – 302 с.
7. Айнӣ, С. Мулоҳизаҳои муаллифи китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” дар бораи ренсензияе, ки ба ҳамин китоб аз ҷониби рафиқ Муллоҷонов дада шудааст / С. Айнӣ // Садои Шарқ. – 2004. - № 10-12. – С. 85-91.
8. Айнӣ, С. Эзоҳ / С. Айнӣ // Тоҷикистони сурх. – 1931. – 21 сентябр.
9. Айнӣ, С. Ҷавоби ман / С. Айнӣ // БАС. – 1933. - № 4. – С.16-22.
10. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. – Теҳрон: Суруш, 1381. – 208 с.
11. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Теҳрон, 1380. –372 с.
12. Айнӣ, С. Ёдгорӣ. Маҷмуаи шеърҳо / С. Айнӣ. – Самарқанд, 1935. – 62 с.
13. Айнӣ, С. Заруриёти диния. Бо саъю эҳтимом, пешгуфтор, таҳия, тавзеҳот, шарҳи луғот ва феҳрастҳои Абдулҳайи Саидзодаи Муҳаммадамин / С. Айнӣ. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 2000. – 225 с.
14. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.


### II. Адабиёти илмӣ ва назариявӣ


15. Абдуллоев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.

16.Абдуллоҳ, М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ / М Абдуллоҳ // Садои Шарқ. – 1996. - №5-8. – С. 90-96.
17.Абдуллоҳ, М. Адабиёти ҷадидия ва худшиносии миллӣ / М. Абдуллоҳ // Гули мурод. – 1997. - № 1-3. – С. 59-62.
18.Абдуллоҳ, М. Мо ҳаққи интиқоди Айниро надорем / М. Абдуллоҳ // Озодагон. – 2014. – 13 май.
19.Абдуллоев, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ / Ш. Абдуллоев. – Душанбе, 1994. – 151 с.
20.Абдуҷабборов, Т. Устод Айнӣ ва баъзе масъалаҳои назарии адабиёт / Т. Абдуҷабборов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 44-54.
21.Азизӣ, Б. Намунаи адабиёти тоҷик / Б. Азизӣ // Овози тоҷик. –1927. – 27 феврал.
22.Азизқулов, Ҷ., Муллоҷонова, З. Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ / Ҷ. Азизқулов, З. Муллоҷонова. – Душанбе: Дониш, 1963. – 326 с.
23.Айнӣ, К. “Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас!” / К. Айнӣ // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 9. – Душанбе, 2002. – С. 13-22.
24.Айнӣ, К. С. Китобе, ки ҳафтод сол дар зиндон буд / К. С. Айнӣ // С. Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон: Суруш, 1381. – С. 1-15.
25.Айнӣ, Х. Жизнь Садриддина Айни / Х. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1982. – 120 с.
26.Амирқулов, С. “Ёддоштҳо” ва баъзе масъалаҳои омӯзиши протсеси адабии нимаи дуюми асри 19 / С. Амирқулов // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 12-128.
27.Амирқулов, С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX / С. Амирқулов. – Душанбе: Дониш, 1997. – 135 с.
28.Амонов, Р. Географияи осори бадеии устод Айнӣ / Р. Амонов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. - С. 13-23.

29.Асозода, Х. Таҷдиди назар бояд / Х. Асозода // Садои Шарқ. – 1989. - № 6. – С. 118-121.
30.Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ / Х. Асрзода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
31.Асозода, Х. Устод Айнӣ ва Лоҳутӣ / Х. Асозода // Садои Шарқ. – 2008. - № 4. – С. 85-92.
32.Асозода, Х. Сиёсат, воқеият ва устод Айнӣ / Х. Асозода // Садои Шарқ. 2009. - № 5. – С. 98-112.
33.Асозода, Х. Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад буд / Х. Асозода. – Душанбе: “Бухоро”, 2013. – 192 с.
34.Асозода, Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 184 с.
35.Аъзамзод, С. Адабиётшиносии тоҷик ва ҷустуҷӯҳои илмии Лутфулло Бузургзода / С. Аъзамзод. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 248 с.
36.Афсаҳзод, А. “Нисоб-ус-сибён” / А. Афсаҳзод // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 2. –Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – 559.
37.Аҳмадов, М. Фарҳангномаи устод Садриддин Айнӣ / М. Аҳмадов / Садои Шарқ. – 2004. - № 4. – С. 96- 106.
38.Аҳмадов, М. Луғати устод Айнӣ / М. Аҳмадов / Ганҷи сухан. Ҷилди сеюм. – Хуҷанд: Нури сухан, 2014. – С. 220-226.
39.Аҳмадов, М. Истилоҳоти адабӣ ва нақди устод Айнӣ / М. Аҳмадов // Гули мурод. – 1995. - № 1-6. – С. 36-42.
40.Аҳмадов, М. Луғати тафсирии С. Айнӣ ва хусусиятҳои лексикографии он / М. Аҳмадов // Ганҷи сухан. Ҷилди чорум. – Хуҷанд, 2015. – С. 180-184.
41.Аҷзӣ, С. Миръоти ибрат / С. Аҷзӣ // Садои Шарқ. – 1989. - № 1. – С. 38-53.
42.Бақозода, Ҳ. Мубориза барои тафаккури солим / Ҳ. Бақозода // Овози тоҷик. – 1930. – 2 декабр.

43.Бақозода, Ҷ. Рисола оид ба матншиносӣ / Ҷ. Бақозода. Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 244-249.
44.Бақозода, Ҷ. Устод Айнӣ ва ташаккули афкори адабию эстетикии тоҷик дар солҳои бистум / Ҷ. Бақозода. Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 230-278.
45.Бать, Л. О. О книге Садриддина Айни “Смерть растовщика» / О. О. Бать //Знамя. – 1947. - № 12. – С. 182-183.
46.Бахтин, М. М. Литературно-критические статьи / М. М. Бахтин. – Москва: Художественная литература, 1986. – 543 с.
47.Бектош, Н. Садриддин Айнӣ дар адабиёти инқилобии тоҷик / Н. Бектош // Тоҷикистони сурх. – 1931. – 3, 5 август.
48.Бектош, Н. Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ / Н. Бектош. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1933. – 56 с.
49.Бечка, И. К отражению реальности в повести Садриддина Айни “Марги судхур» / И. Бечка // Изв. АН Тадж. ССР. Отд. Обществ. наук, 1966. - № 4. – С. 46-54.
50.Беҳбудӣ, Н. С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик / Н. С. Беҳбудӣ // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 32-43.
51.Бобоев, Ю. Жанри таърихӣ ва романи “Ғуломон”-и Садриддин Айнӣ / Ю. Бобоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1948. – 54 с.
52.Бобоев, Ю. Эстетика ва қадамҳои насру назми тоҷик / Ю. Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 608 с.
53.Брагинский, И. С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / И. С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 193 с.
54.Брагинский, И. С. От Авесты до Айни / И. С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 255 с.
55.Брагинский, И. С. О сущности творчества С. Айни / И. С. Брагинский // ҶашнномаиАйнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 7-12.

56.Брагинский, И. С. Итоги и перспективы айнианы / И. С. Брагинский // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991. – С. 284-293.
57.Бухороӣ, М. Ш. Сарнавишти форсии тоҷикии Фароруд дар садаи бист / М. Ш. Бухороӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. – 99 с.
58.Бухороӣ, М. Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Ш. Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пйванд, 2006. – С. 211-283.
59.Бухороӣ, М. Ш. “Намунаи адабиёти тоҷик” ва аҳамияти таърихии он / Садриддин Айнӣ. – Намунаи адабиёти тоҷик. – Теҳрон, 1380. – С. 1-17.
60.Бушмин, А. С. Наука о литературе: Проблемы. Суждения. Споры / А. С. Бушмин. – Москва: Современник, 1980. – 334 с.
61.Валихоҷаев, Б. Устод Айнӣ ҳамчун муҳаққиқи барҷастаи адабиёт / Б. Валихоҷаев // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1966. – 12 апрел.
62.Валихоҷаев, Б. Айнӣ-адабиётшинос / Б. Валихоҷаев // Маориф ва маданият. – 1971. – 20 сентябр.
63.Валихоҷаев, Б., Воҳидов, Р. Муҳаққиқи бузурги ду адабиёт / Б. Валихоҷаев, Р. Воҳидов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 58 с.
64.Валихоҷаев, Б. “Таърихи инқилоби Бухоро” ва масъалаҳои муҳити адабӣ / Б. Валихоҷаев // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 9. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 88-95.
65.Вахабов, М. Т. О социальной природе среднеазиатского джадидизма и его эволюции в период Великой Октябрской Революции / М. Т. Вахабов // История СССР. – 1963. - № 2. – С. 35-56.
66.Волков, И. Ф. Теория литературы / И. Ф. Волков. – Москва, 1995. – 256 с.
67.Гафаров, Н. Из истории джадидского движения в Бухаре / Н. Гафаров // Гули мурод. – 1997. - № 7-9. – С. 22-26.
68.Гафаров, Н. История культурно-просветительской деятельности джадидов в Бухарской Эмирате (начало 20 века) / Н. Гафаров. – Худжанд, 2000. – 176 с.

69.Гафуров, Б. Г. Таджики / Б. Гафуров. – Москва: Наука, 1972. – 664 с.
70.Гулмуродзода, П. Устод Айнӣ ва Абдурауфи Фитрат / П. Гулмуродзода // Адабиёт ва санъат. – 1994. – 17 июн.
71.Ғаффоров, Р. Револютсияи Октябр ва инкишофи забони адабии тоҷик / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 88 с.
72.Ғаффоров, Р. Аҳамияти таърихии як мақолаи Айнӣ / Р. Ғаффоров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди 9. – Душанбе: Дониш, 2002. – С. 162-170.
73.Ғафуров, Б. Тоҷикон. Китоби дуюм / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 с.
74.Декада таджикской советской литературы в Москве. Сборник материалов / - Сталинобод, 1950. – 150 с.
75.Демидчик, Л. Н. О принципа историзма в прозе Айни / Л. Н. Демидчик // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 71-89.
76.Демидчик, Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Насри солҳои 30. Ҷилди 2 / Л. Н. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1978. – 309 с.
77.Дяков, А. М. Сарсухан / А. М. Дяков // С. Айнӣ. Дохунда. – Самарқанд, 1930. – С. 7-8.
78.Жирмунский, В. М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика. Избранные труды / В. М. Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1977. – 404 с.
79.Зелинский, К. Тасвири образи одам / К. Зелинский // Садои Шарқ. – 1965. - № 11. – С. 124-144.
80.Икромӣ , Ҷ. Назаре ба “Намунаи адабиёти тоҷик” / Ҷ. Икромӣ // Раҳбари дониш. – 1929. – Шумораи 12. – С. 22-24.
81.Икромӣ, Ҷ. Дар бораи баъзе хусусиятҳои насри тоҷик / Ҷ. Икромӣ // Шарқи Сурх. - 1958. - № 11. – С. 113-119.
82.Икромӣ, Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 119 с.
83.Имомов, М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ / М. Имомов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 120 с.

84.Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 427 с.
85.Имомзода, М. Нигоҳи Айнӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии аморати Бухоро / М. Имомзода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 19-32.
86.Казымова, Г. Х. Джадидизм и становление общественно-философских воззрений С. Айни / Г. Х. Казымова // Общественные науки в Узбекистане. – 1997. - № 5. С. 49-51.
87.Камолиддинов, Б. С. Айнӣ ва забони давлатӣ / Б. Камолиддинов // Гули мурод. – 1998. - № 1-6. – С. 23-29.
88.Кӯчаров, А. “Одина” ва масъалаҳои нашри интиқодии он / А. Кӯчаров // Садои Шарқ. – 1981. - № 4. С. 118-123.
89.Кӯчаров, А. Тадқиқи текстологии “Одина”-и С. Айнӣ / А. Кӯчаров. – Душанбе: Дониш, 1982. – 146 с.
90.Кӯчаров, А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 144 с.
91.Кӯчаров, А. Айнишиносӣ ва нашри куллиёт / А. Кӯчаров // Садои Шарқ. – 1998. - № 1-6. – С. 101-104.
92.Кӯчаров, А. Фаъолияти муҳассилӣ ва омӯзгории С. Айнӣ / А. Кӯчаров. – Душанбе: Донишварон, 2018. – 108 с.
93.Қаландаров, К. Хизмати устод С. Айнӣ дар таҳрир ва нашри “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ / К. Қаландаров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 129-141.
94.Қарори пленуми якуми Комитети ташкилии Иттифоқи нависандагони Шӯроии Тоҷикистон / БАС. – 1933. - № 4. – С. 45-46.
95.Қосимов, О., Зуҳуров, Н. Саҳми устод Айнӣ дар луғатнигории тиббии тоҷик / О. Қосимов, Н. Зуҳуров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: 2019. – С. 230-238.

96. Литературоведание на пороге 21 века: Материалы Международной научной конференции (МГУ, май 1997) / - Москва: Рандеву-АМ, 1998. – 501 с.
97. Лотман, Ю. М. Структура художественного текста / Ю. М. Лотман. – Москва: Искусство, 1970. – 384 с.
98. Маниёзов, А. Мулоҳизаҳо доир ба ташаккули насри С. Айнӣ / А. Маниёзов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 2. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – С. 26-45.
99. Маниёзов, А. Назми Айнӣ дар солҳои револютсия / А. Маниёзов // Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 198-218.
100. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ (1918-1921) / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. – 151 с.
101. Маъсумӣ, Н. Повести "Марги судхӯр" асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ / Н. Маъсумӣ // Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, ҷузъи 6. – Сталинобод: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1954. – С. 73-84.
102. Маъсумӣ, Н. Рол ва мавқеи айнишиносӣ дар инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик баъд аз револютсияи Октябр / Н. Маъсумӣ. Ҷаҳҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 230-267.
103. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С. Айнӣ "Намунаи адабиёти тоҷик) / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
104. Маҳмадаминов, А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 160 с.
105. Маҳмадаминов, А. Садриддин Айнӣ-олим / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.
106. Маҳмадаминов, А. Забон ва услуби устод Рӯдакӣ аз назари С. Айнӣ / А. Маҳмадаминов // Садои Шарқ. – 2009. - № 4. – С. 146-149.
107. Маҳмадаминов, А. Андешаҳои С. Айнӣ доир ба забони тоҷикӣ / А. Маҳмадаминов. Садриддин Айнӣ-олим. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – С. 36-47.

108. Мираҳмадов, А., Самад, В. Тафсири як ишораи Айнӣ / А. Мираҳмадов, В. Самад // Садои Шарқ. -1986. - № 10. – С. 108-119.
109. Мирзозода, Х. Садриддин Айнӣ аввалин адабиётшиноси советии тоҷик / Х. Мирзозода. Мулҳизаҳо дар бораи адабиёт (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – С. 172-194.
110. Мирзозода, Х. Адабёти ҷадидаи демократӣ / Х. Мирзозода // Садои Шарқ. – 1969. - № 9. – С. 101-124.
111. Мирзозода, Х. Гардиши ғоявӣ дар афкори пешазинқилобии С. Айнӣ / Х. Мирзозода // Маориф ва маданият. – 1968. – 15 октябр.
112. Мирзозода, Р. Аҳамияти эстетикии порчаҳои адабии китоби “Таҳзиб-ус-сибён”-и Садриддин Айнӣ / Мактаби советӣ. – 1970. - № 1. – С. 40-44.
113. Мирзозода, Х. Устод Айнӣ ва маорифпарварони ибтидои асри 20 / Х. Мирзозода // Садои Шарқ. – 1980. – № 4. – С. 87-90.
114. Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири наср / Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интишороти Шифо, 1367. – 500 с.
115. Муллоқандов, Эм. Устод Айнӣ-адабиётшинос / Эм. Муллоқандов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 85-121.
116. Муллоҷонова, З. Аз таърихи айнишиносӣ / З. Муллоҷонова // Садои Шарқ. – 1971. - № 5. – С. 129-134.
117. Муллоҷонова, З., Файзуллоев, Н. Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ / З. Муллоҷонова, Н. Файзуллоев. – Душанбе: Дониш, 1978. -280 с.
118. Муллоҷонов, Ш. Ритсензия / Ш. Муллоҷонов / Садои Шарқ. – 2004. - № 10-12. – С. 80-84.
119. Мусулмонқулов, Р. Як рӯйи шаҳсутун / Р. Мусулмонқулов. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 96-108.
120. Мусулмонқулов, Р. Ошёни дили халқҳо / Р. Мусулмонқулов. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. Маҷмуаи мақолаҳо. –Душанбе: Ирфон, 1984. –С. 109-116.

121. Мухторов, А. Садриддин Айнӣ- историк / А. Мухторов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991. – С. 225-233.
122. Муқимов, Р. Чанд қайд доир ба маҳорати типсозии ҳаҷвии устод Айнӣ / Р. Муқимов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. –Душанбе: Дониш, 1966. – С. 81-88
123. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон. Нависанда ва замон (Масъалаҳои тасвири психологӣ дар насри муосир) / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
124. Набиев, А. Нахустасари адабиётшиносии советии тоҷик / А. Набиев. Адабиёт ва накди адабӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – С. 170-178.
125. Набиев, А. Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30 садаи XX / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 324 с.
126. Набавӣ, А. Ноқиди моҳиятбин ва муҳаққиқи равандшинос / А. Набавӣ / Абармарди илму фарҳанг (Маҷмуаи мақолаҳо, ёддошт ва меҳрномаҳо бахшида ба 80-солагии академик М. Шакурӣ). –Душанбе: Диниш, - С. 143-163.
127. Набавӣ, А. Мушкилоти навназарӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ / А. Набавӣ // Садои Шарқ. – 2011. - № 2. – С. 115- 132.
128. Назарзода, С. Айнӣ ва масъалаҳои забон / С. Назарзода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди 11. – Душанбе: Дониш, 2010. – С. 28-42.
129. Насриддин, А. Нашри нави “Намунаи адабиёти тоҷик” чи гуна бояд сурат гирад? / А. Насриддин. Чиҳил мақола (Таърихи адабиёт, матншиносӣ, накди китоб, тарҷумаҳои қуръонӣ, ирфон). – Хуҷанд: МИИ “Ганҷи сухан”, 2007. – С. 366-385.
130. Нафисӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Нафисӣ // Шафақи сурх. – 1345. – 28 шаъбон.
131. Ниязов, Х. П. Путь Садриддина Айни-поэта / Х. П. Ниязов. – Москва: Наука, 1965. – 144 с.
132. Нозимов, Б. Назари Айнӣ ба типи бадеӣ / Б. Нозимов // Садои Шарқ. – 1976. - № 4. – С. 72-75.

133. Олимҷонов, М. Вожаи “тоҷик” ва ваҷҳи тасмияи он аз нигоҳи устод Айнӣ / М. Олимҷонов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 252-263.
134. Отахонова, Х. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 22-31.
135. Отахонова, Х. Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди 9. – Душанбе: Дониш, 2002. – С. 150-161.
136. Очилӣ, Қ. Мувффақияти бузурге дар майдони адабиёт / Қ. Очилӣ // Овози тоҷик. – 1927. – 10 феврие.
137. Панкина, В. Аввалин повести советии тоҷик / В. Панкина // Шарқи сурх. – 1957. - № 7. – С. 97-115.
138. Принципы анализа литературного произведения / - Москва: МГУ, 1984. – 200 с.
139. Раджабов, З. Ш. Садриддин Айни-историк таджикского народа / З. Ш. Раджабов. – Сталинабад: Госиздат, 1951. – 362 с.
140. Рауфов, Ҳ. Айнӣ-луғатшинос / Ҳ. Рауфов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 5. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 152-158.
141. Раҳмонов, А. Сабақҳои мактаби Айнӣ / А. Раҳмонов // Садои Шарқ. – 1979. - № 8. – С. 150-152.
142. Раҳмонов, Ш. Шеър ва Айнӣ / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 189 с.
143. Раҷабӣ, М. Тадқиқи таърих-тадқиқи характер / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 192 с.
144. Раҷабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. Асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷикии марҳалаи якуми шуравӣ: солҳои 1920-1954 / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 206 с.
145. Раҷабӣ, М. Ислом: Ҷадидия ва Инқилоб / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Дониш, 1997. – 245 с.

146. Сайфуллоев, А. Романи устод С. Айнӣ “Дохунда” / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Дониш, 1966. – 218 с.
147. Сайфуллоев, А. Мактаби Айнӣ / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.
148. Сайфуллоев, А. Ҷадидия: моҳияти таърихии он чист? / А. Сайфуллоев // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 8 декабр.
149. Салимов, Ю. Оид ба анъанаи насри реалистӣ дар осори устод Айнӣ / Ю. Салимов. Ёдгори умр. Ҷилди 1.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 354- 363.
150. Сатторзода, А. Донишманде бо ақли ҳамеша ҷавон ва ҷӯё / А. Сатторзода // Абармарди илму фарҳанг (Маҷмуаи мақолаҳо, ёддошт ва меҳрномаҳо бахшида ба 80-солагии академик М. Шакурӣ). – Душанбе: Дониш, 2006. – С. 68-78.
151. Сатторзода, А. Ҷойгоҳи устод Айнӣ дар ҷомеаи тоҷик / А. Сатторзода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: 2019. – С. 13-18.
152. Сатторӣ, Қ. Шеъри Рӯдакӣ аз дидгоҳи Айнӣ / Қ. Сатторӣ // Озодагон. – 2008. – 4 сентябр.
153. Солеҳов, М. Як мулоҳиза дар бораи румони “Дохунда” / БАС. – 1936. - № 6. – С. 24-27.- № 7. – С. 15-22.
154. Солеҳов, Ш. Устод Айнӣ ва зуҳури насри реалистӣ / Ш. Солеҳов. Адабиёт ва шинохти он. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 10-16.
155. Солеҳов, Ш. Азамати Айнӣ ва заъфҳои айнишиносони муосир / Ш. Солеҳов. Адабиёт ва шинохти он. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 98-105.
156. Солеҳов, Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни 20 ( масъалаи ташаккули жанр) / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 331 с.
157. Табаров, С. Нависанда ва олим / С. Табаров // Тоҷикистони сурх. – 1951. – 25 март.
158. Табаров, С. Инқилоби адабиёт / С. Табаров // Садои Шарқ. – 1967. - № 11. – С. 127-137.

159. Табаров, С. Дар бораи баъзе масъалаҳои ақоиди эстетикии С. Айнӣ / С. Табаров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 41-69.
160. Табаров, С. Ёди устод / С. Табаров // Садои Шарқ. – 1979. - № 4. – С. 123- 133.
161. Табаров, С. Тазоди ду ақида / С. Табаров // Садои Шарқ. – 2004. № 10. – С. 73-79.
162. Табаров, С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899). Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои гуманитарӣ / С. Табаров. – Душанбе, 2008. – 479 с.
163. Турсунзода, М. Садридин Айнӣ / М. Турсунзода // Шарқи сурх. – 1953. - № 4. – С. 8-22.
164. Усмонов, А. Унсурҳои ҳаҷв дар асарҳои ғайриҳаҷвии устод С. Айнӣ / А. Усмонов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 219-228.
165. Усмонов, А. “Намунаи адиёти тоҷик”-сарчашмаи таърихӣ / А. Усмонов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: Дониш, 2019. С. 366-376.
166. Фиш, Р., Ҳошим, Р. Бо амри виҷдон. Шарҳи ҳоли Садриддин Саидмуродзода Айнӣ дар асоси ҳуҷҷатҳо, хотираҳо, мактубҳо ва навиштаҳои худи ӯ / Р. Фиш, Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 288 с.
167. Хализев, В. Е. Теория литературы / В. Е. Хализев. – Москва: Высшая школа, 2000. – 398 с.
168. Хотамов, Н. Б. Отражение Бухарской народной революции в трудах С. Айни / Н. Б. Хотамов. АКД. – Душанбе, 1973. – 38 с.
169. Храпченко, М. Б. Творческая индивидуальност писателя и развитие литературы / М. Б. Храпченко. – Москва: Худож. Лит., 197. – 444 с.
170. Ҳаким, А. Мақоми шеър дар эҷодиёти устод Айнӣ / А. Ҳаким // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 12. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 52-74.

171. Ҳодизода, Р. Оид ба аҳамияти таърихии “Намунаи адабиёти очик” / Р. Ҳодизода // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. С. 16-21.
172. Ҳодизода, Р. Масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик дар “Намунаи адабиёти тоҷик” / Р. Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 131-138.
173. Ҳотамов, Н. С. Айнӣ ва револютсияи Бухоро / Н. Ҳотамов // Мактаби советӣ. – 1968. - № 9. – С. 20-24.
174. Ҳошим, Р. Пире, ки ҷавон шуд / Р. Ҳошим // Раҳбари дониш. – 1928. № 8-9. – С. 3-6.
175. Ҳошим, Р. Якумин қиссаи инқилобии тоҷик “Одина” / Р. Ҳошим // Раҳбари дониш. – 1928. – № 6(9). – С. 30-37.
176. Ҳошим, Р. Асарҳо ва фаъолияти педагогии Айнӣ / Р. Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. Мақолаҳо ва ёддоштҳо. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 14-48.
177. Ҳошим, Р. Савари илми забошиносии тоҷик / Р. Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. Мақолаҳо ва ёддоштҳо. – Душанбе: Адиб, 1988. С. 72-79.
178. Ҳошим, Р. Луғатдон ва луғатшинос / Р. Ҳошим. Сухан аз устодон ва дӯстон (Қайдҳо, ёддоштҳо ва портретҳои адабӣ). – Душанбе: Ирфон, 1971. – С. 65-74.
179. Ҳошим, Р. “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” ва услуби нигориши он / Р. Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. Мақолаҳо ва ёддштҳо. – Душанбе: 1989. – С. 55-64.
180. Ҳошим, Р. Баъзе мулоҳизаҳои Айнӣ дар бораи шеъру шоирӣ / Р. Ҳошим // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991. – С. 186-195.
181. Шарифов, Х. Диди ҳамосии миллӣ дар эҷоди бадеии Айнӣ ва дигарон / Х. Шарифов. Озурдагон ва умедворон (андешаҳо оид ба адабиёти гузашта ва муосир). – Душанбе: Сино, 2001. – С. 11-120.
182. Шарифов, Х. Сухан аз адабёти миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

183. Шукуров, М. Ҳаҷв дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ / М. Шукуров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 2. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – С. 125-166.
184. Шукуров, М. Анъанаи ёддоштнависии класикӣ дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ / М. Шукуров. Анъана, халқият ва маҳорат. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – С. 7-37.
185. Шукуров, М. Саҳифаҳои нафрат ва тамасхур / М. Шукуров. Анъана, халқият ва маҳорат. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – С. 38-84.
186. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 246 с.
187. Шукуров, М. Сарсухан / М. Шукуров // А. Сайфуллоев. Романи устод С. Айнӣ “Дохунда”. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 5-10.
188. Шукуров, М. Устод Айнӣ ва забони халқ / М. Шукуров. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 3-26.
189. Шукуров, М. Садриддин Айнӣ (ба ҳуруфи арабӣ)/ М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 305 с.
190. Шкуров, М. Фаъолияти илмии устод Айнӣ ва худогоҳии миллии меҳнаткашони оҷик / М. Шукуров. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 3-10.
191. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.
192. Шукуров, М., Бақозода, Ҷ. Аввалин фикру мулҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил / Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 3. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 151-158.
193. Шодиқулов, Ҳ. Хроникаи ҷаласаҳои айнишиносӣ / Ҳ. Шодиқулов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди 9. – Душанбе: Дониш, 2002. – С. 222-244.